Т. Ў. Салимов, Ф. Э. Султонов

# ТАЪРИХИ ҶАҲОН

## (аз охири асри V-мелодӣ то охири асри XV)

*Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 7-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ*

*Нашри дуюми пуррашуда ва таҳриршуда*

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ кардааст*

Нашриёти давлатии илмии
**«O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi»**
Тошканд — 2013

УЎК: 94(100)=222.8(075)
КБК 63.3(0)
С25

Муҳаррири масъул:

**Ф. С. Ҳасанов** – номзади илми таърих.

Тақризчиён:

**Қ. К. Раҷабов** – доктори илмҳои таърих, профессор;
**Р. Р. Назаров** – номзади илмҳои фалсафа;
**А.Т.Замонов** – мудири шўъбаи Маркази услубии мувофиққунӣ оид ба таърихи навтарини Ўзбекистон;
**М.Холбоева** – Методисти МТР;
**М. С. Тўраева** – омўзгори тоифаи олии фанни таърихи мактаби 9-уми ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд.

**Аломатҳои шартӣ:**

| | |
|---|---|
| | *Ба хотир оред ва дар ёд доред!* |
| | *Инҳоро такрор кунед!* |
| | *Фикр карда, хулоса бароред.* |
| | *Кори мустақилона.* |
| ?! | *Савол ва супоришҳо:* |

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика барои иҷора чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-07-242-8

© **Нашриёти давлатии илмии “O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi”, 2009, 2013**
© **Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон, соли 2013**

# А З   М У А Л Л И Ф О Н

Ин китоби дарсӣ марҳалаи асрҳои миёнаи таърихи ҷаҳонро инъикос кардааст.

Таърихи асрҳои миёна марҳалаи аз охири асри V то охири асри XV-мелодиро дар бар мегирад.

Ҳангоми омӯзиши таърихи асрҳои миёна донишомӯзон ҳаёти ҳаррӯза, фаъолияти хоҷагӣ, инкишофи иқтисодӣ ва сиёсии халқҳои гуногунро мушоҳида мекунанд ва дар бораи обидаҳои машҳури меъмории то замони мо расида: қасрҳо, мадрасаҳо, масҷиду ибодатхонаҳо тасаввур ҳосил менамоянд. Хонандагон аз ин китоб бо фаъолияти олимони машҳури Ватанамон ва дунё ҳам ошно мешаванд.

Ин китоби дарсӣ аз ду фасл ва бобҳо, ҳар як боб дар навбати худ ба мавзӯъҳо тақсим шудааст.

Барои осон кардани омӯхтани маълумотҳо дар охири ҳар як мавзӯъ саволҳо ва супоришҳои назоратӣ дода шудааст. Аксарияти онҳо ба талабагон барои такмили қобилияти фикррониии мустақилона, баровардани хулосаҳои мантиқӣ ёрӣ медиҳанд.

Супоришҳо барои боло бурдани донишҳои назарӣ ва малакаи амалии талабагон равона карда шудаанд. Дар баробари супоришҳои оддӣ супоришҳои мураккабе мавҷуданд, ки диққат, фикру мулоҳазаҳои амиқи талабагонро талаб мекунанд.

Супоришҳоро дар қисмҳои гуногуни дарс ҳангоми эзоҳоти материали нав, аниқ кардани дараҷаи азбаркунии дарси гузашта аз тарафи талаба ё ба сифати вазифаи хонагӣ иҷро кардан мумкин. Зимни он ҳар як талаба ба таҷрибаи шахсӣ, донишу маҳораташ такя мекунад ва барои ӯ дар радифи мафҳумҳо, санаҳо истифода аз луғатҳо, ҷадвалҳои хронологӣ, харитаҳо ва дигар воситаҳои ёрирасон тавсия мешавад.

Зимни омодасозии ин китоби дарсӣ аз адабиёти солҳои охир нашршуда истифода шуд. Китоб бо расмҳои ранга, нақшаҳо, эзоҳи истилоҳҳо, вазифаҳои синфӣ ва хонагӣ пурра карда шудааст.

# ТАЪРИХИ АСРҲОИ МИЁНА ЧИРО МЕОМӮЗАД?

**Аз таърихи асрҳои миёна чиҳоро меомӯзед.** Таърихи асрҳои миёна қисми минбаъдаи дуюми таърихи тамоми дунё баъд аз таърихи дунёи қадим аст. Он 10 асри байни замони қадим ва навро, яъне аз асри V-уми мелодӣ то охири асри XV-ро дар бар мегирад.

Олимони маърифатпарварони италиявӣ пешниҳод намуданд, ки таърихи инсоният ба «таърихи қадим», «таърихи миёна» ва «таърихи нав» тақсим карда, омӯхта шавад. Онҳо истилоҳи «таърихи қадим» ва «таърихи миёна»-ро нисбати таърихи гузашта, истилоҳи «таърихи нав»-ро бошад, нисбати давре, ки дар он мезистанд, истифода мебурданд. Зери истилоҳи «таърихи миёна», аввалан, таърихи асрҳои миёна фаҳмида мешавад.

Шумо дар синфи 6-ум даври қадимтарини «Таърихи ҷаҳон»-ро омӯхта будед. Аз он дар бораи зисти одамон дар даври қадим, тараққиёт ва таназзули давлатҳои Шарқи Қадим, Юнон ва Рим дониста гирифтед. Дар синфи 7-ум таърихи асрҳои миёнаро меомӯзед. Аз он чигунагии ба вуҷудоии ҷамъияти феодалӣ, чӣ тавр инкишоф ёфтани он, тарзи зисту меҳнаити оммаи халқ, чӣ гуна дар роҳи озодии худ мубориза бурда, истиқлолияташонро ҳимоя намудаанд, дониста мегиред.

**Дар бораи ҷамъияти асрҳои миёна.** Ҷамъияти инсонии асрҳои миёна дар Европа ҷамъияти феодалӣ, дар Осиё бошад ҷамъияти заминдорӣ номида мешавад. Истилоҳи «феодал» аз калимаи лотинии «feod» гирифта шудааст. Замин ё ин ки мулкеро, ки бар ивази хизмати муайян аз тарафи шоҳ дода ва мерос гузошта мешуд, **феод** мегуфтанд. Ҷамъияти феодалӣ ҷамъиятест, ки ба заминдорӣ асос намудааст.

Дар Европа соҳиби замин ва мулкро **феодал** мегуфтанд. Феодал як қисми заминашро ба деҳқонон замини чекӣ карда тақсим намуда медод. Бар ивази он

деҳқонон дар замини феодал кор мекарданд. Дар айни замон қисми маълуми ҳосилро, ки дар замини чекии худ парвариш мекарданд, ба сифати андоз ба феодал медоданд. Ҳамин тавр, деҳқонони Европа дар назди феодал ду хел ўҳдадориро маҷбуран иҷро мекарданд.

Даври феодалӣ дар таърихи халқҳои гуногун дар даврҳои гуногун ташаккул ёфт. Масалан, вай дар охирҳои асри V-ум дар Европаи Шарқӣ баъди таназзулёбии империяи Ғарбии Рим, дар соли 476 аз зарбаи дандоншикани «варварҳо» шикастхўрии он пайдо шуд. Дар дигар халқҳо даври феодалӣ пеш аз ин воқеа ё баъд аз он ташаккул ёфтааст. Даврҳои ҳукмронии сохти феодалӣ дар кишварҳои гуногун ҳар хел аст.

**Ҷамъияти заминдорӣ дар Осиё.** Дар Осиё (хусусан, дар ҳудуди Ватани мо низ) заминдорӣ аз Европа фарқ мекард. Дар кишварҳои Осиё подшоҳи давлат соҳиби олии замин ба ҳисоб мерафт. Сарварони давлат ва соҳибони заминҳои калон заминро ба деҳқонон барои кор кардан ба иҷора медоданд. Онҳо бошанд як қисми муайяни ҳосили ба дастовардаашонро ба соҳибони замин месупурданд. Деҳқонони Осиё монанди деҳқонони Европа ўҳдадории кор кардан дар замини соҳиби мулкро надоштанд.

Дар Европа бинобар он, ки бориш зиёд буд, кори зироат ҳам осон буд. Дар Осиё ин гуна имконият набуд. Зеро борон кам меборид, рўзҳои бориш, миқдори намии замин хеле кам буд. Дар чунин шароит бе ёрии обёрии сунъӣ деҳқонӣ карда намешуд.

Дар ин гуна шароит барои заминдорони Осиё ҳамаи замини худро ба деҳқонон ба иҷора додан фоидаовар буд. Ҳамин тавр вазифаи мунтазам тоза кардани иншооти обёрӣ ҳам бар зиммаи деҳқонон гузошта шуда буд.

**Ба давраҳо тақсимкунии таърихи асрҳои миёна.**
Таърихи асрҳои миёна ба ду даври калон тақсим мешавад:

**1. Аз охири асри V мелодӣ то миёнаҳои асри XI:**
- гузариш ба ҷамъияти нав – феодалӣ;
- ташаккули намудҳои нави заминдорӣ (соҳибони заминҳои калон – феодалҳо, табақаҳои деҳқонҳои тобеъ);
- васеъ паҳншавии таълимоти нави динӣ—насронӣ дар Европаи Ғарбӣ;
- пайдоиш ва паҳншавии дини ислом дар Шарқ;
- пайдоиши давлатҳои бузурги феодалӣ.

**2. Аз миёнаҳои асри XI то охири асри XV:**
- болоравии муносибатҳои истеҳсолии заминдорӣ;
- гузариш аз хоҷагии натуравии худтаъминкунӣ ба истеҳсоли мол барои бозор;
- инкишофи шаҳрҳои асримиёнагӣ ва сеххои ҳунармандӣ;
- Болоравии савдо: савдои байналхалқӣ, бозор, ярмарка ва биржаҳо;
- мубориза озодихоҳӣ аз ҳукмронии сенорҳои шаҳрҳои Европа;
- ташаккули шаҳрҳо, шаҳр-республикаҳои озод ва давлатҳои бузурги мутамарказ;
- болоравии нуфузу эътибори ҳокимияти марказӣ;
- ташаккули мақомоти табақавии ҳокимият (парламент, Штатҳои генералӣ);
- калисои католикӣ ва юришҳои салибӣ;
- таърихи халқҳои Европа, Осиё, Африка ва Америка;
- илму фан ва маданияти халқҳои дунё.

**Сарчашмаҳои таърихи асрҳои миёна.**
Сарчашмаҳои таърихи асрҳои миёна ду хел мешаванд.

**1. Сарчашмаҳои хаттӣ**:
- солномаҳо ва қиссаҳои таърихӣ;
- ҳуҷҷатҳои расмӣ, вобастаи андоз, ҷарима, суд, хариду фурӯш, қарз;

- фармону фармоишҳои императорон, шоҳон ва султонҳо; Дар асрҳои миёна ҳамаи ҳуҷҷат ва китобҳоро даставвал хаттотон менавистанд. Дар натиҷаи ихтирои дастгоҳҳои чопи китоб дар асри XI дар Хитой ва дар миёнаҳои асри XV дар Европа адади сарчашмаҳои хаттӣ якбора афзуданд.

**2. Сарчашмаҳои моддӣ**:

- асарҳои бадеӣ-тасвирӣ: ҳайкалҳо, суратҳо ва намунаҳои санъати амалӣ;
- олоти меҳнат ва ҷанг дар музейҳои таърих;
- тангаҳои гуногун;
- либос ва чизҳои ороишӣ;
- манзилгоҳҳо ва асбобҳои рӯзгор;
- қасрҳо ва биноҳо, ибодатхонаҳо.

| Дунёи қадим | | | | | | | Асрҳои миёна | | | | | | | | Даври нав | | | | | | | Даври навтарин | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | 2 | 1 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| Асрҳои то мелод | | | Асрҳои мелодӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

**?!** **Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи таърихи асрҳои миёна чиҳоро дониста гирифтед?
2. Дар бораи ҷамъияти феодалии Европа нақл кунед.
3. Ҷамъияти заминдории Осиё аз Европа чӣ гуна фарқ мекард?
4. Таърихи асрҳои миёна ба чанд давра тақсим мешавад?
5. Таърихи асрҳои миёна дар асоси кадом сарчашмаҳо омӯхта мешавад?
6. Намудҳои сарчашмаҳои таърихиро эзоҳ кунед?
7. Сарҳади замонҳоро фаҳмонда дода метавонед?

# ФАСЛИ I.
# АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТ

## БОБИ I. ЕВРОПА ДАР АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТ

### § 1. МУҲОҶИРАТИ БУЗУРГИ ХАЛҚҲО ВА ОҚИБАТҲОИ ОН



**Расми 1.** Варварҳо.

**Муҳоҷирати бузурги халқҳо.** Дар асрҳои IV–V мелодӣ Европаро ҷараёни «**Муҳоҷирати бузурги халқҳо**», ки онро қабилаҳои ҳунн оғоз карда буданд, фаро гирифт. Ин ҷараён якчанд сабаб дошт. Аввалан, бино ба афзоиши нуфуси аҳолии қабилаҳои германӣ талаб ба заминҳои нав афзуд, табақаи молу мулкӣ ҳам пурзӯр гашт. Ин ҳама ба забти ҳудудҳои нав водор кард. Ғайр аз ин ҳуҷумҳои ҳуннҳо аз Шарқ аз асри IV бисёр қабилаҳои варварро маҷбур сохт, ки ҷои худро тарк кунанд. Хунукшавии иқлим аз асри II сар карда дар Европа ба хушкшавии киштзорон дар асри V ва ба ботлоқ табдилшавии ҳавзаҳои об ва атрофи онҳо оварда расонд. Ин омилҳо халқҳоро барои ҷустуҷӯи ҳудудҳои нави зист ва хоҷагидорӣ водор карданд.



**Расми 2.** Қабилаҳои германӣ.

**Қабилаҳои германӣ ва шуғли онҳо**. Қабилаҳои **варвар**, ки дар сарҳадҳои шимолии империяи Рим муқим буданд, дар асрҳои II–IV низ давраи ҷамоаи авлодиро аз сар мегузарониданд.

Қабилаҳои қадимии германӣ (франкҳо, вестготҳо, остготҳо,

вандалҳо, бургундҳо, лангобардҳо) дар ҳавзаи дарёҳои Рейн ва Элба муқим буданд.



**Расми 3.** Плуги оҳанин.

Шуғли асосиашон чорводорӣ буд. Ғайр аз чорво парранда мепоиданд, бо шикор ва моҳидорӣ машғул буданд. Афзоиши аҳолӣ дар аввали асри мелодӣ аҳамияти зироаткориро дар хоҷагӣ боло бурд.

Ҷамоаҳои авлодӣ аҳл шуда дарахтони ҷангалҳоро бурида, заминҳои нав мекушоданд. Заминро бо бели чӯбин шудгор мекарданд, пору андохта намешуд. Аз ин сабаб дар байни 2–3 сол замин аз ҳосил мемонд. Минбаъд истифода аз плуги оҳанӣ ҳосилдории меҳнатро ва ҳосилро зиёд кард.

**Дар ёд доред!**
Римиҳо мардуми берун аз Римро, ки бо забони номаълум ҳарф мезаданд, "варвар" меномиданд. Маълумотҳои ғаниро оиди таърихи германиҳои қадим аз китоби "*Хотираҳои ҷанги Галлия*"-и Юлий Сезар ва "*Германия*"-и муаррихи Рим Татсит хондан мумкин.

Бо мурури замон дар зироаткорӣ ба иваз намудани кишт гузаштанд. Аз асри IV сар карда ба ҷои ғаллаи баҳорӣ ва тирамоҳӣ зироати лубиёӣ мекоштанд. Замини кишт ба ду қисм ҷудо мешуд. Ба яке ғалла коранд, дигарашро шудгор карда мемонданд ва ҳар сол онҳоро иваз мекарданд. Ин боиси афзоиши ҳосил гардид, акнун аз зарурати иваз намудани киштзор дар як вақт халос кард. Германиҳо ғайр аз ғалладона ва полиз, сабзавот, аз ҷумла карам парвариш мекарданд.

Дар байни германиҳо бофандагӣ, чӯбкорӣ (хусусан, қаиқсозӣ), заргарӣ, чармгарӣ барин соҳаҳои ҳунармандӣ ривоҷ карда буд. Чизҳои оҳанӣ дар бозори дохилӣ хеле моли муҳим буд. Қабилаҳои германӣ ба ҳамсоягонашон – римиҳо ғуломон, чорво, чарм,




**Расми 4.** Киштивазкунӣ дар ду киштзор

қаҳрабо[1] фурӯхта, аз онҳо матоъҳои нафис, зарфҳои сафолӣ, чизҳои зинатӣ, вино мехариданд. Савдо дар шакли мубодилаи мол буд, фақат дар ноҳияҳои ҳамсарҳади империя пул истифода мешуд.

**Сохти иҷтимоии германиҳо**. Ҷамоаҳои германӣ пеш аз ташкили давлат давраи авлодиро аз сар гузарониданд.

Дар асри IV нобаробарии мулкии германиҳо пурзӯр шуда, ҷамоаҳо ба бойҳо ва камбағалон ҷудо шуданд, дар ҷамоаҳо табақаҳои аъёнҳо, одамони озод ва нимозод ташаккул ёфтанд.

Дар натиҷаи табақашавии мулкӣ дар германиҳо **конунг**, яъне пешвои аъёнҳо ташаккул ёфта, мавқеи он пурзӯр шуд.

**Дар ёд доред!**
**Конунг** – сарвари қабила, вакили олии аъёнҳо дар қабилаҳои норманҳо – раҳбари ҳарбӣ.

Дар ҳаёти германиҳо нақши сардори лашкари ҳарбии қабила ҳам муҳим буд. Ҷангчиёни лашкар аз вакилони табақаҳои гуногун, аз ҷумла аз фарзандони аъёнҳо иборат

[1] Қаҳрабо – маъдани зарди сахту нафис.

буданд. Қисми калони даромади ҳарбӣ насиби сарвар мешуд. Чунки ӯ ҷанговаронро бо асп, яроқ, аслиҳа, манзил, хӯрок таъмин мекард.

Ба асрҳои IV–V омада қабилаҳои германӣ ба **иттифоқи қабилаҳо**, ки ҳудудҳои васеъро назорат менамуданд, муттаҳид шуданд. Қабилаҳои **алеманн, гот, франкҳо** аз чандин ҳазор нафар иборат буданд. Бо мурури солҳо мақомоти олии қабилаҳо – маҷлисҳои халқӣ аҳамияти худро гум карданд. Акнун онҳо ҳангоми ҷанг ва сулҳ, ё интихоби конунгҳо зарур мешуданд. Роли ҷузъитомҳои ҳарбӣ ва сардорони онҳо афзуд.

**Дар ёд доред!**

**Алеманн, гот, франкҳо** – қабилаҳои калонтарини германиҳо.

Баъзе сардорони қабилаҳои сарҳадӣ ба хизмати кироияи ҳарбии ноибони Рим гузаштанд. Онҳо ҳангоми юришҳои ҳарбии лашкари румиҳо воҳиди алоҳидаи лашкар шуда, иштирок мекарданд. Баъзан онҳо ҳимояи сарҳадҳои империяро аз душмани берунӣ ба зиммаи худ мегирифтанд. Баробари паҳншавии дини насронӣ тараққиёти иҷтимоии онҳо авҷ гирифт.

**Ҳуҷумҳо ба империяи Рим**. Рими заифшуда ҳамлаҳои варварҳои ҳамсояро дошта натавонист. Аҳолии аз зулми ғуломдорӣ азияткашида гоҳҳо муқобилият нишон надода, ба тарафи германиҳо мегузаштанд. Дар ибтидои асри V дар нимҷазираи Пиренея ва як қисми Галлия давлати нахустини варварҳо – **Шоҳии вестгот** ташкил шуд. Баъдтар германиҳо дар заминҳои истилошуда давлатҳои **вандалҳо** (дар Африкаи Шимолӣ), **остготҳо** (дар Италия), **франкҳо** (дар Галлия), **англосаксҳо** (дар Британия) ташкил карданд.



**Расми 5**. Вестготҳо.

Истилои германиҳо соли 476 ба афтидани империяи Ғарбии Рим оварда расонд. Дар Европа даври гузариш ба ҷамъияти нав – феодалӣ сар шуд.

**?!** **Савол ва супоришҳо:**

1. Сабабҳои асосии “Муҳоҷирати бузурги халқҳо”-ро номбар кунед.
2. Аз харита ҳудудҳои зисти қабилаҳои германиро нишон диҳед. Дар харитаи бематн ҳудудҳои зисти германҳоро пур кунед. Ҳоло ин ҳудудҳо мансуби кадом давлатҳо аниқ намоед.
3. То ташкилёбии давлат германиҳо дар кадом сохти иҷтимоӣ мезистанд?
4. Ҳуҷуми қабилаҳои германӣ ба Рим ба чӣ оварда расонд?

**Фикр карда, хулоса барорed.**

Дини насронӣ чӣ хел пайдо шуд?

Барои афтидани империяи Рим боз кадом омилҳо сабаб шуданд?

## § 2. СОХТИ ИҶТИМОИИ ФРАНКҲО ВА ПАЙДОИШИ ДАВЛАТИ ОНҲО



**Расми 6.** Ҷанговари франк.

**Қабилаҳои франкҳо.** То оғози муҳоҷирати бузург франкҳои мансуб ба қабилаҳои германӣ дар соҳили поёноби дарёи Рейн зиндагӣ мекарданд. Франкҳо сохти авлодиро аз сар гузаронида, сарварони қабила аз ҷумлаи шахсони ҷасур, ки дар кори ҳарбӣ ибрат шудаанд, интихоб мешуданд. Франкҳо, ки бо римиҳо-галлҳо муносибати наздики ҳамсоягӣ доштанд, зоҳиран аз дигар қабилаҳои германӣ фарқ мекарданд. Франкҳо дар фарқият аз готҳо ва лангобардҳо ба ҷои кулоҳи чармӣ кулоҳи

матогин пӯшида, ришу мӯйсарро мегирифтанд. Фақат шахсони мансуб ба хонаводаи шоҳ мӯйи дароз монда мегаштанд.

Баъди таназзули империяи Рими Ғарбӣ дар Галлияи ҳамсояи франкҳо ноиби Рим **Эгидий** князии мустақил ташкил мекунад. Аз ин вақт сар карда ҳуҷумҳои франкҳо ба Галлия боз ҳам авҷ мегирад. Ба юришҳо сардори меровингҳои мансуби франкҳо **Хлодвиг** сарварӣ мекард**.** Хлодвиги ўҳдабаро ва бешафқат ба зудӣ рақибони худро мағлуб карда, бар ҳамаи қабилаҳои франкҳо ҳукмронии худро ҷорӣ кард.Баъд аз шикасти лашкари ворисиЭгидий — **Сиагрий** дар соли 486 дар назди шаҳри **Суассон Хлодвиг** ба давлати франкҳо асос гузошт.

**Дар ёд доред!**
Соли 486 Хлодвиг ба давлати франкҳо асос гузошт. Давлати ташкилшудаи франкҳо аввал бо номи сулолаҳо ном гирифта буд. Дар асри X ин давлат номи вилояти атрофи Париж **Il де Франс** гирифт ва **Франси**я номида шуд.

**Дини насрониро қабул намудани франкҳо**. Хлодвиге, ки ба имконпазирии иттифоқи содиқ ба калисои Рим умед дошт, аз байни қабилаҳои варвар аввалин шуда насрониятро аз Рим қабул кард. Баъд дигар франкҳо паси ҳам дини насрониро қабул карданд. Аксари франкҳо ин қарори Хлодвигро дастгирӣ накарданд, аммо аз вай метарсиданд. Вале римиҳо аз ин кор хеле шод шуданд. Яке аз онҳо беҳуда нагуфта буд: «*дини нави шумоён — ин ғалабаи мост*!».


**Расми 7.** Хлодвиг.

Хлодвиг таълимоти насрониро фаҳмид гуфтан мушкил, насронии намунавӣ набудагиаш аниқ аст. Аммо қарори вай ақлона буд: аз ин вақт сар карда франкҳо ва римиҳо

ба халқи ягона табдил ёфтанд. Акнун онҳоро дин ҷудо не, балки муттаҳид мекард ва шиносоӣ бо насроният барои ошноии франкҳо бо маданияти Рим имкон дод.

Ба дини насронӣ гузаштани Хлодвигро дар байни аҳолӣ епископҳои галл низ дастгирӣ мекарданд. Ҳамин тариқ, ин дин мавқеи шоҳро пурзўр карда, нуфузи ўро дар байни ҳамқабилаҳояш боло бурд.

**Муносибатҳои иҷтимоии франкҳо**. Дар ҳудудҳои истилошудаи римиҳо қасрҳои пуршукўҳи молу мулки ғуломдорон нигоҳ дошта шуда буд. Қисми асосии аҳолии маҳаллиро римиҳо-галлҳо ташкил мекарданд. Франкҳо ғуломдориро бекор накарданд. Ғуломон ва колонҳо қувваи асосии корӣ дар кишвар шуда монданд. Даставвал, франкҳо аз галлҳо алоҳида мезистанд. Қабилаҳои германии муқими шимолии дарёи Луара боз солҳои зиёд дар ҷамоаҳои авлодӣ зиндагӣ карданд. Аҳолии галли сокини ҷануби кишвар аз қабилаҳои германӣ: бургундҳо, вестготҳо, аз франкҳои минбаъд ҳукмронии худро ҷорӣ карда ҳам бисёр буд.

Бо мақсади мустаҳкамкунии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми идоракунии ворисони Хлодвиг шоҳон ба ҷанговарон ва наздикони худ бар ивази хизматҳои шоён мулкҳои калони замин - **бенефитсияҳоро** медоданд.

**Дар ёд доред!**

**Бенефитсия** (лот.) – мулке, ки сенор ба вассали худ бар ивази хизмати ҳарбӣ инъом мекард. Он дар Шарқ иқтаъ ном дошт.

**Сенор (лот. – калон)** – заминдоре, ки дар Европаи Ғарбӣ дар асрҳои миёна деҳқонон ва феодалҳои майдаро тобеъ карда буд.

**Вассалӣ** – тартиби мутеъгии як феодал нисбати феодали дигар дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ.

Ҳамин тариқ, шоҳ ва ҷанговарони ў, табақаи рўҳониён, аъёну ашрофи галлҳои наздики дарбори шоҳ, соҳибони замин – феодалҳо ба вуҷуд омаданд.Дар мулки онҳо ғайр аз ғуломон ва колонҳо аз охири асри VI франкҳои аз

озодӣ маҳрумшуда кор мекарданд. Дар натиҷа табақаҳои асосии ҷамъияти нав: феодалон ва деҳқонҳои тобеъ пайдо шуданд.

**Пайдоиши давлат.** Шоҳии франкҳо, ки дар Галлияи Шимолӣ ташкил ёфта буд, дар даври ворисони Хлодвиг соли 534 Бургундияро ва соли 536 Провансро забт кард. Франкҳо қабилаҳои **тюринг, алеманн ва бавар**ро ҳам мутеъ карда, аз онҳо товон мегирифтанд.

Ҳокимияти шоҳӣ пурзӯр шуд, акнун барои қабули қонуну қарорҳо даъвати маҷлисҳои халқӣ зарур набуд. Қонунҳои нав қабулкардаи шоҳ мулки хусусӣ ва нобаробариро мустаҳкам кард.

Шоҳ тамоми рукнҳои ҳокимиятро ба даст гирифт. Давлатро мисли мулки хусусиаш идора менамуд. Заминҳои ҷамоаҳоро ба касони дилхоҳаш инъом мекард, хазинаи давлатро бемалол сарф менамуд.

Табақаи заминдорони калон — феодалон такягоҳи ҳокимияти шоҳ шуд. Давлат бо роҳнамоии шоҳ феодалонро барои истилои заминҳои нав дастгирӣ мекард.

Дар замони Хлодвиг мамлакат ба вилоятҳо тақсим шуда, онҳоро **графҳо**и шоҳ таъин карда идора менамуд. Вай аз номи шоҳ ҳудудҳоро идора карда, андоз ҷамъ менамуд, идоракунии лашкар ва судро ба ихтиёр гирифта буд. Аз се як ҳиссаи ҷаримаи бо қарори суд ситонида ба хазинаи шоҳ мерафт. Франкҳо тартиби андозро аз римиҳо гирифта буданд.

Расму оини ҷамоаи авлодӣ дар озмуни ҳарбии ҳар сол мегузаштагӣ ва идораи маҳаллӣ боқӣ монда буд. Маҷлиси садии франкҳои озод асоси идораи маҳаллиро ташкил медод, сардори онро **тунгин** мегуфтанд.

**Ташаккули заминдории калон.** Аз охири асри VI заминҳои франкҳо ба мулки фурӯхта ё инъомшавандаи оилаи деҳқон – **аллод** табдил ёфт. Қонунҳои нав имзокардаи шоҳон ба мулки хусусӣ табдилёбии заминро тезонид. Шоҳ **Хилперик** (561–584) қонунҳои нав баровард, бино ба он агар ворис писар набошад, духтари марҳум, ё хоҳараш заминро ба меросӣ мегирифт (пештар ба мулки ҷамоа мегузашт).

**Дар ёд доред!**
**Аллод** (юнонӣ) – соҳибӣ намудани замин: дар ҷамъияти феодалии Европаи Ғарбӣ мулки замине, ки аз авлод ба авлод мерос мегузашт.



**Расми 8.** Хлодвиг “Ҳақиқати Сали”-ро қироат карда истодааст.

Мулки хусусӣ шудани замин табақашавии мулкиро тезонид, нуфузи мулкдорони калонро боло бурд. Шоҳони франк замини императорони Римро дар Галлия ба мулки худ табдил дода, як қисми онро ба хешон ва калисо инъом кард.

Заминдории калон аз ҳисоби заминҳои ҷамоавӣ васеъ мешуд. Офатҳои табиӣ, хушкӣ, беҳосилӣ, ки тез-тез рӯй медод, деҳқононро аз заминашон маҳрум мекард, онҳо акнун аз феодал заминро иҷора мегирифтагӣ шуданд. Деҳқонон баробари андоз инчунин дар замини феодал маҷбуран меҳнат карда, торафт тобеи вай мешуданд.

**«Ҳақиқати Сали».** Бино ба амри Хлодвиг маҷмӯаи анъанаҳои франкҳо дар як китоб ҷамъ оварда шуд, ки он дар Европа ба ёдгории муҳими ҳуқуқӣ табдил ёфта машҳур гашт. Онро «Ҳақиқати Сали» меномиданд, дар он асосан қонунҳои қабулнамудаи қабилаи салии франкҳо дохил шуда буд.

Мақсади шоҳ ин буд, ки акнун ҳамаи франкҳо маҳз аз рӯйи «Ҳақиқати Сали» суд карда шаванд. Агар ягон қоида эзоҳро талаб кунад, албатта ба шоҳ муроҷиат карда мешуд. Шоҳ бо назардошти манфиати худ ҷавоб медод. Ғайр аз ин, шоҳ фақат он қоидаҳоро, ки ба ӯ фоида меовард, дохил намуд. Аз ин боис, одатҳои хилофи манфиати шоҳ фаромӯш шуда, дилхоҳи вай муфассал инъикос шуд.

«Ҳақиқати Сали» аз пурзӯршавии ҳокимияти шоҳи франкҳоро нишон медод.

?! **Савол ва супоришҳо:**

1. Аз хусуси чӣ гуна ташкилёбии шоҳии франкҳо ҳикоя намоед.
2. Сабабҳои пурзӯршавии табақашавии мулкиро нишон диҳед.
3. Дини насрониро қабул намудани франкҳоро чӣ хел баҳо додан мумкин?
4. Оиди ба мулки хусусӣ табдилёбии замин маълумотҳо оред.
5. Дар бораи «Ҳақиқати Сали» чиро донистед?

## § 3. ИМПЕРИЯИ ФРАНКҲО

**Карли Кабир (742–814).** Карл писари асосгузори сулола **Пипин**и **Пакана** (714–768) буда, шоҳии франкҳоро (аз соли 800 империя) 46 сол (768–814) идора кардааст. Барои он, ки 53 юриши ҳарбиро сарварӣ карда, салтанати калон ташкил карда, дар ин давлат ба қонунҳои нав, маориф ва маданият асос гузошта буд, таърихчиён ба ӯ номи «Бузург»-ро доданд. Аз номи ӯ унвони «**корол**», яъне «шоҳ» омадааст (расми 9).



**Расми 9.** Император Карли Кабир.

**Ҷангҳои Италия ва Испания.** Карл ба тахт омада, сиёсати истилогариро пеш бурд. Юриши аввалини ӯ бар зидди давлати қабилаи **лангобардҳо** дар Италия соли 773 сар шуд. Шоҳи лангобардҳо **Дезидерий**ро баъд аз шикаст қатл карда, ба монастири Корвей мефиристанд. Заминҳои Италия ба графиҳо тақсим шуд ва ба шоҳии Франк тобеъ гардид.

Соли 778 Карл аввалин бор ба Испанияи аз тарафи халифати Араб истило шуда юриш намуд ва ноком гардид. Ҷияни Карл **граф Роланд** дар ҷанг ҳалок шуд. Бо мурури замон Роланд ба қаҳрамони дӯстдоштаи эҷодиёти даҳонии французҳо гардид. Дар ин бора достони «**Суруд дар бораи**



**Расми 10.** Ҳалокшавии Маркграф Роланд.

**Роланд»** офарида шуд. Дар оқибати юришҳои минбаъда **маркаи Испан**, ки дар нимҷазираи Пиренея дар заминҳои аз арабҳо кашида гирифта ташкил шуда буд, ба вилояти сарҳадии давлати франкҳо табдил шуд.

**Ҷангҳои зидди саксҳо.** Ҷанги зидди қабилаҳои сакси муқими соҳили рости дарёи Рейн 30 сол (772–804) давом кард.

Ин ҷанг барои Карл хеле мушкил шуд. Саксҳо қабилаи калонтарини германиҳо, ки ба Карл тобеъ нашуд, буданд. Муҳимаш онҳоро маҷбур сохт, ки насрониятро қабул кунанд. Саксҳо муқовимати сахт нишон дода, фурсат ёфта ба маъҷусӣ бармегаштанд. Ниҳоят, онҳо насрониро қабул карданд. Ҳамин тариқ, Саксония ба давлати Карли Кабир гузашт.



**Расми 11.** Қасри Карли Кабир дар Ахен.

**Империяи франкҳо.** Давлати Карли Кабир қисми калони Европаро ишғол карда буд. Ҳудуди онро бо империяи Рими Ғарбӣ қиёс кардан мумкин буд. Аммо ҳокимияти Карл аз императории охирини Рим хеле пурзӯр буд. Лекин хотираҳо дар бораи империяи заволёфта дар байни римиҳо ва халқҳои Европаи Ғарбӣ дер вақт боқӣ монд. Табиист, ки дар сари мушовирони Карл дар тақлиди римиҳои қадим ғояи ба ӯ додани унвони император меояд. Ин хел имконият соли 800, вақте, ки ашрофони маҳаллии Рим бар зидди папа **Леви III** исён мебардоранд, пайдо шуд. Карл лашкар фиристода, исёнро хомӯш мекунад.

Бар ивази ин ёрӣ папаи Рим дар декабри соли 800 ба сари Карл тоҷи императориро мепӯшонад. Ҳамин тариқ, дар Ғарб боз империя пайдо шуд.

Карли Кабир ба подшоҳи мутлақи империяи франкҳо табдил шуд, фармонҳои ӯ дар маҷлиси аъёну ашроф, заминдорон, ки соле ду бор барпо мешуд, қабул мегардид.

Карли Кабир пойтахти доимӣ ҳам надошт. Ӯ бо амалдорони худ саросари кишвар гашта, дар қасрҳои шаҳрҳои гуногун иқомат мекард. Барои он, ки ба аҳолии маҳаллӣ вазнин нашавад, боз ба дигар шаҳр рӯй меовард.



**Расми 12.** Ритсар.

Дар замони Карл ба ҷои лашкари анъанавии халқӣ лашкари савораи ритсарҳо ташкил шуд. Дар ҷузъитомҳои **ритсарҳо** (немисӣ ритер – савора) фақат заминдорони бой, яъне онҳое, имкони харидани асп ва яроқ доштанд, хизмат мекарданд. Баъзан чанд оила як шуда як нафар ритсарро ба лашкар мефиристоданд. Ҳукмдорон барои нигаҳдории аслиҳа, асп, таъмини оила ҳангоми ҷанг замин инъом мекарданд. Ин замин – **феод** (нем.— қӯрғон, мулк) бар ивази хизмати ҳарбӣ инъом шуда, баъд мулки меросӣ мегардид. Соҳиби феод **феодал** номида шуд. Бо гузашти вақт кори ҳарбӣ кори фақат феодалон шуд. Агар феодалони калон ба вилоятҳо хӯҷаинӣ кунанд, ба феодалони хурд деҳа ё як қисми он насиб мекард.

**Идоракунии давлат.** Хизматгорони дарбори Карли Кабир дар айни вақт вазифаи вазиронро иҷро мекарданд. Мансабҳои дарбори шоҳ: аъёнҳои молия, андоз, ҳарбӣ, дастурхончӣ, раиси саисхона ва дигарон дар давлати франкҳо мансаби муҳим ҳисоб мешуданд. Қабилаҳои калонро **герсогҳо** (нем. сарвари интихобии ҳарбӣ, баъд сарвари меросии қабила) идора мекарданд. Бо гузашти даврҳо **герсог** ба унвони баланд табдил шуд. Ҳудудҳои нисбатан хурдро **графҳои** император таъинкарда (нем. амалдори шоҳ таъинкарда) идора менамуд. Агар унвони герсог меросӣ бошад, графро император таъин мекард. Карли Кабир барои мустаҳкамсозии сарҳади давлаташ

**маркаҳо** (нем. вилояти ҳарбии сарҳадӣ) сохт, онҳоро **маркграфҳо** (нем. ҳокими вилояти сарҳадӣ) ҳокимӣ менамуд.

Епископҳо, аббатҳои монастирҳои калон ҳамчун вакилони император фармонҳои ӯро дар ҷойҳо иҷро менамуданд. Ҳангоми сафарҳо Карл рафти иҷрои фармонҳояшро месанҷид. Агар ҳолатҳои суиистеъмол аниқ шавад, ҷавобгар дарҳол аз лавозим озод мешуд. Император тамоми графиҳо ва епископиҳоро давр зада наметавонист, аз ин рӯ шахсони бовариноки худро ба ҷойҳо мефиристод. Ба онҳо ҳуқуқи ҷазодиҳии ҳокимони маҳаллӣ ва ивазкунӣ дода шуда буд. Калон будани қаламрави кишвари франкҳо назорати онро мушкил мекард. Зиёда аз ин графҳо тамоми ҷаҳди худро барои доимӣ мондан ё ба авлод мерос гузоштани мансаб равона менамуданд, ки ин минбаъд ба таназзули империя ва парокандашавии он меовард.

Ба дарбори Карл сафирони ҳукмдорони Европа, ки лоиқи ҳурмати калон буданд, меомаданд. Бино ба таъкиди солномаҳо, халифаи араб **Ҳорун ар-Рашид** ба воситаи сафиронаш ба Карл ҳадяҳои қимматбаҳо ва инчунин заминеро дар Қуддус, ки дар он қабри Исопайғамбар буд, дода будааст.

**Инқирози империяи Франкҳо.** Бо мурури солҳо графҳо аз амалдори давлат ба заминдори калон, ба хӯҷаини вилояти худ табдил ёфтанд.

Деҳқонони озоди графиҳо мутеъ шуданд. Аз тарафи император ба ихтиёри графҳо супурдани кори суд мавқеи онҳоро мустаҳкам намуд.

Аз вафоти Карли Кабир дере нагузашта, инқирози империяи ӯ сар шуд. Дар замони наберагони вай кишвар пароканда шуд. Бино ба шартномаи соли 843 дар шаҳри **Верден** ба ҷои шоҳии бузург минбаъд давлатҳои **Франсия**, **Германия** ва **Италия** ташкил ёфтанд.

Ҳар кадоме аз ин давлатҳо ба герсогиҳо ва графиҳо, онҳо бошанд ба мулкҳои калон ва миёнаи феодалӣ тақсим шуданд. Ҳамин тариқ, дар Европа даври парокандагии феодалӣ сар шуд.

**Савол ва супоришҳо:**
1. Шоҳии франк кай ташкил ёфт?
2. Ҳудудҳои Карли Кабир истилонамударо дар харитаи бематн нишон диҳед.
3. Испания дар кадом нимҷазира ҷойгир буд? Дар даври Карли Кабир он ба кӣ мансуб буд?
4. Империяи франкҳо чӣ гуна ташкил ёфт?
5. Дар бораи қабилаҳои сакс чиҳоро дар хотир доред?
6. Давлати франкҳо чӣ хел идора мешуд?
7. Ба фикри шумо, дар мобайни асрҳои V–IX дар ҳаёти халҳои Европа чӣ хел дигаргуниҳо рӯй доданд?

# § 4. ИМПЕРИЯИ МУҚАДДАСИ РИМ

**Шоҳии нав.** Империяи франкҳо соли 843 ба се қисм тақсим шуд, аввал онро ворисони Карли Кабир идора мекарданд. Лекин соли 919 дар шоҳии Франкҳои Шарқӣ (Германияи оянда) ашрофони маҳаллӣ аз байни князҳои тавоно герсоги Саксония **Генрих**ро шоҳ интихоб карданд. Ҳамин тариқ, ба ҷои сулолаи каролингҳои франкҳо сулолаи саксониҳои маҳаллӣ ба сари ҳокимият омад.



**Расми 13**. Ашрофзодагон чун шоҳ интихоб шудани герсог Генрихро баён менамоянд.

Ҳамин тавр, давлати нав – шоҳии Германия ба вуҷуд омад. **Генрихи I** дурандешӣ намуда, роҳи ривоҷ додани мамлакатро ҷуст. Шоҳ бо венгерҳо барои 9 сол шартномаи сулҳ имзо карда, барои тавоно кардани қудрати мудофиавии мамлакат чанд тадбир андешид. Генрих аз ҳар 9 нафар сокин якашро интихоб карда, ба **бург** овард. Ҷамъшудагон дар бург барои бародарони худ ҷою макон сохтанд. Ҳашт нафари дар деҳа мондагӣ ба ҷои шарики ба ҷанговарӣ рафта деҳқонӣ

мекарданд. Генрих фармон баровард, ки ҳамаи ҷамъомадҳо, соборҳои калисо, базмҳо дар **бург** гузаронда шавад. Кори сохтмон тамоми шабонарӯз давом мекард, то ба охир расидани муддати сулҳ бояд мулки асосии аҳолӣ дар бург ҳатман мемонд.

**Мубориза бо венгерҳо.** Дар даври писари **Генрихи I Оттони I** (936–973) лашкари пурзӯри савора ташкил шуд. Асоси лашкари ӯро лашкари савораи ритсарҳои вазнин мусаллаҳшуда ташкил медод.

Оттони I ба бургҳо такя карда, бо мадади лашкари нави савора ба ҷанги вазнини зидди венгерҳо омода шуд. Дар ҷанги соли 955 дар соҳили дарёи Лехи Бавария венгерҳо мағлуб шуданд. Баъд ҳуҷуми онҳо ба Германия қатъ шуд.



**Расми 14.** Тоҷи императории Империяи муқаддаси Рим.

**Империяи нав.** Оттони I, ки душмани пурқудраташро мағлуб сохта, акнун дар Европа шоҳи пурзӯртарин ҳис мекард. Ин ғалаба ба вай орзуи чун Карли Кабир пӯшидани тоҷи императорӣ ва унвони императорро бедор кард. Оттони I соли 962 бо лашкараш ба Рим омад, папа **Иоанни XII** ба вай тоҷи императорӣ пӯшонд. Ҳамин тариқ, империяи нав – **империяи муқаддаси Рим** ташкил ёфт. Дар таркиби он ғайр аз заминҳои германҳо, ҳудудҳои шимолии Италия дохил мешуд. Лекин шаҳрҳои ин ҷо ҳеҷ гоҳ ба императори герман пурра тобеъ набуд. Сарфи назар аз ин, ҳар як шоҳе, ки ба тахти Германия менишаст, бо лашкари худ аз кӯҳҳои Алп гузашта, ба Италия ҳуҷум мекард ва дар Рим тоҷи императорӣ мепӯшид.

Императорони германиҳо давлати худро давоми Рими қадим меҳисобиданд. Набераи Оттони I **Оттони III**, ки ҳамзамонҳояш ӯро «Мӯъҷизаи дунё» меномиданд, дар орзуи ба пойтахти давлати бузург табдил додани Рим буд. Ӯ тамоми дунёи насронӣ бояд зери фармони императори

Рим муттаҳид шавад, мегуфт. Аммо амалӣ намудани ин орзу мушкил буд. Сарфи назар аз ин, монархҳои германӣ давлатҳои худро **империяи Рим,** баъдтар **Империяи муқаддаси Рим** мегуфтанд. Ин давлат даври тӯлонӣ ҳукмронӣ кард.

**Дар ёд доред!**
Империяи муқаддаси Рим аз соли 962 то соли 1806 ҳукм рондааст.

**Императорони германӣ ва калисо.** Барои идора кардани мамлакати бузург дар ҷойҳо амалдороне, ки амрҳои шоҳро иҷро кунанд, зарур буд. Дар асрҳои миёнаи барвақт танҳо ҷамъияти ривоҷёфта ва бой ҳазорон амалдоронро таъмин карда метавонист. Дар асри X аҳолии Германия нисбат ба император бештар ба герсогҳои худ гӯш меандохтанд. Дар чунин шароит Оттони I ва ворисони ӯ усули ба худ хосро истифода карданд. Ҳокимият ташкилотҳои калисоро, ки тамоми кишварро фаро гирифта буд, кор фармуданӣ шуд. Аз таърих маълум аст, ки епископҳо хизматгорони содиқи шоҳони франк буданд. Оттони I дар ин бора аз онҳо гузашт. Ӯ ба епископ ва аббатҳои Германия ғайр аз замин ҳуқуқу имтиёзҳои зиёд дод. Акнун аъёнҳои калисо аз рӯи имконоту ҳокимият аз герсог ва графҳо кам набуданд. Онҳо ҳар гуна шахсро ба идораи монарх мутеъ мекарданд. Худи император шахсони зарурро ба хизмати калисо таъин мекард, агар зарур шавад, епископҳо ва ҳатто папаҳои Римро бе ҳеҷ мушкилӣ иваз мекард. Хусусан, Оттони I дар Рим дар ҳузури епископҳо яке аз папаҳои номақбулро дар ҷараёни суди ташкилшуда таҳқиромез аз мансаб дур карда буд. Ворисии ӯ Оттони III



**Расми 15.** Оттони I бо ҳамсараш.

устози худ **Гербертр**о бо номи **Силвестери** III (999–1003) ба дараҷаи папаи Рим баровард.

?! **Савол ва супоришҳо:**
1. Давлати Германия чӣ хел ташкил шуд?
2. Дар харитаи бематн ҳудудҳои давлати Оттони I-ро нишон диҳед.
3. Муборизаи Оттони I бар зидди венгерҳо чӣ хел анҷомид?
4. Оиди муносибатҳои байни императорони герман ва калисо чӣ мегӯед?

## § 5. АНГЛИЯ ДАР АСРҲОИ V–XI

Легионҳои Рим соли 407 Британияро партофта, ба Италия бармегарданд. Аз паси онҳо колонистҳои Рим низ ба Европа мераванд. Ҳамин зайл, ҷазира ба ихтиёри аҳолии **келт** гузошта мешавад. Сарварони қабилаҳои келт ба ҷанги дохилӣ зӯр мезананд. Дар айни вақт ҳуҷуми қабилаҳои шимолии **пикт** ва **скот** сар мешавад.



**Расми 16.** Ҷанговарони бритт.

**Ҳимоячиёни хавфнок**. Бриттҳо барои ҳимояи худ аз пиктҳо дружинаҳои кироаи қабилаҳои **ют, англ** ва **сакс**ро таклиф мекунанд. Ин қабилаҳо дар шимоли Германия ва нимҷазираи Ютландия муқим буданд. Германҳо аввал ба се киштӣ меоянд. Аммо аз пасашон садҳо ва ҳазорон ҳамқавмҳои онҳо ба роҳ мебароянд. Акнун аз келтҳо боҷ хостанашон, исёнҳои доимӣ ва таҳдиду тороҷгариашон пурзӯр шуд. Ютҳо дар миёнаи асри V вилояти **Кент**ро ишғол карданд. Аз паси онҳо англо-саксҳо низ ба ҳуҷум гузаштанд ва мамлакатро бо осонӣ ба даст даровардaнд. Англо-саксҳо як қисми аҳолиро кушта, баъзеҳоро ғулом

карданд. Шаҳрҳо талафоти калон диданд, германҳои маъҷусӣ ибодатхона ва монастирҳоро ғорат намуданд ва оташ заданд. Аз даҳшати истило аксари келтҳо ба қитъа, ба вилояти **Арморика** кӯч бастанд. Ин ҳудуди шимолу ғарбии Франсия баъди оммавӣ кӯчидани бриттҳо **Бретан** ном гирифт ва то имрӯз онро доранд.

**Дар ёд доред!**
**Бриттҳо** — аз қабилаҳои келт буда, аҳолии асосии Британия ба ҳисоб мерафтанд.
**Дружина** – Дастаҳои ҳарбии иборат аз ихтиёриён. Ин даста ҷанговарони иборат аз якчанд даҳнафарӣ то якчанд саднафариро муттаҳид менамуд.

**Шоҳ Артур**. Охирин аз римиҳо дар ҷазира **Амвросий Аврелиан** дар ибтидои асри VI бриттҳоро якҷоя карда, бар зидди германҳо меҷангад. Ӯ ба ғалабаҳо ноил шуда, тазйиқи англосаксҳоро ба ним аср медорад. Аммо бино ба ривоятҳо қаҳрамони асосӣ номаш дигар аст. Достонсароён ӯро **Arториус** ё **Артур** гуфта ба забон гирифтаанд. Бо гузашти вақт дар атрофи номи **Артур** новобаста ба номи ӯ бисёр ривоятҳо ҷамъ мешавад. Аз байн панҷ аср гузашта ҳам адибон дар кишварҳои гуногуни Европа дар бораи шоҳ **Артур** ва ритсари ӯ **Ланселот**, малика **Ҷиневра**, сеҳргар **Мерлин** асарҳо навиштанро давом медиҳанд. Ин асарҳо дар байни китобхонҳо васеъ паҳн шудааст.


**Расми 17.** Шоҳ Артур.

**Поёни мубориза.** Бинобар он, ки бриттҳо баъди Амвросий Аврелиан пешвои муносиб надоштанд, англосаксҳо қисми калони ҷазираро забт карданд. Қабилаҳои келтҳои ба истило рӯ ба рӯ наомада дар Ирландия ва Шотландия, қисман дар гӯшаи ғарбии Британия монданд.

Истилогарон дар замини Британия ҳафтто шоҳигарӣ ташкил карданд. Истилогарон ба шеваҳои гуногун гап

мезаданд. Аммо бо мурури солҳо шеваи гуфтугӯии англҳои сокини Мерсияро қабул карданд. Аз ин боис баъдтар забони муоширати истилогарон англисӣ, мамлакат Англия номида шуд.

Аксар қабилаҳои истилогарон ва қисми боқимондаи аҳолии истилошуда ба халқи ягона муттаҳид шуданд. Дар таърих онҳо номи **англо-саксро** гирифтанд.

**Истилои нав.** Киштӣ аз соҳили Норвегия ё Дания то ҷазираи Британия расидан якчанд рӯз шино мекард. Бино ба навиштаҳои ҳамзамонон, аз ин сабабданиягиҳо ҳар сол



**Расми 18.** Истилои норманнҳо.

ҳамла оварда, молу мулки халқи Англияро ғорат мекарданд.

Монастирҳои ирланд бо роҳибони донишмандашон, ки забонҳои лотинӣ ва юнонӣ асар навиштаанд, ва маркази аҷиби санъати хаттотӣ буданд, аз тарафи норманнҳо борҳо сӯзонида, хокистар гаштанд.

Низоҳои дохилии шоҳии англосаксҳо барои муқовимат ба истилогарон имкон намедоданд. Норманнҳо соли 842 **Лондон**ро гирифта, ғорат карданд ва оташ заданд. Баъдтар данияиҳо баъди ҳуҷуми

навбатӣ ба зодгоҳашон барнагашта, дар Англия зимистонро гузаронида монданд.

Даниягиҳо қариб ҳамаи шоҳии англо-саксҳоро тобеъ намуданд. Фақат **шоҳии Уессекс** дар ҷанубу ғарби нимҷазира муборизаро давом дод.

**Шоҳ Алфреди Бузург.** То ба тахт омадани Алфреди Бузург (871–900) даниягиҳоро ҳеҷ ягон қувва дошта натавонист. Алфред ҳамаи ҷанговарони дар қасди ҷазо додани даниягиҳо бударо ҷамъ кард. Ӯ бо ин лашкари худ даниягиҳоро чанд бор мағлуб кард.



**Расми 19.** Ҳамлаи викингҳо ба монастири ирландҳо.

Алфреди Бузург соли 879 бо даниягиҳо шартномаи сулҳ имзо намуд. Бинобар он ҷазира ба ду қисм ҷудо шуд: ҳудудҳои ҷанубу ғарбӣ ба Алфред, ҳудудҳои шимолу шарқӣ ба даниягиҳо дода шуд. Сарҳад аз роҳи сангфарши римиҳо сохтаи байни Лондон ва Честер мегузашт. Заминҳои ба скандинавҳо монда вилояти қонунии Дания ё ба англисӣ номи **Денло**ро гирифт.

Алфреди Бузург шартномаи сулҳро барои ҷамъкунии лашкари тавоно истифода кард. Пештар ҳангоми пайдошавии хавфу хатар лашкари халқӣ ҷамъ мешуд. Акнун ҳар панҷ нафар англо-сакс шашуминро хӯронда, маҷбуран бо аслиҳа таъмин мекард. Дар натиҷа, аввалан, аксарият аҳолии деҳот ҳангоми ҷанги тӯлонӣ аз кори худ намемонд. Бино ба қоидаи нав ҳар як шашумин нафар бо шамшер ва табарзин, сипар таъмин шуда, аз **викинг**ҳо бад мусаллаҳ намегашт. Зиёда аз ин, ин нафари шашум доимо машқ карда, ба ҷанг омодагӣ медид. Боқимонда панҷ нафар ғами оилаи ӯро ҳам мехӯрд. Аз ин рӯ, лашкари Алфреди Бузург аз ҷиҳати шумора кам бошад ҳам, аз лашкари аввала дида қудратманд буд. Баробари ташкили лашкари нав дар ҷамъият дигаргуниҳои муҳим рӯй дод. Ҷамъият ба ҷанговарони касбӣ ва деҳқонони таҷрибанок ҷудо шуд.

Алфреди Бузург медонист, ки даниягиҳо қалъаҳоро ба муҳосира гирифтанро бад мебинанд, дар сарҳадҳои мулкаш бисёр қалъаҳо – **бург**ҳо барпо кард. Шоҳ устоёни киштисозро ёфта, киштиҳое созонд, ки аз даниягиҳо кам набуд.

Шоҳ Алфред на танҳо ғами армияро хӯрд. Вай яке аз донишмандони замони худ буд. Дар Уессекс баъди ҳуҷуми даниягиҳо аз донандагони забони лотинӣ касе намонд.

Вай амр дод, ки қонунҳои аввалаи англосаксҳо ва таърихи Англия навишта шавад. Дар даври Алфреди Бузург дар «***Солномаи англосаксон***» ҳамаи воқеаҳои муҳим қайд карда шуданд. Ин солнома 250 сол навишта шуд, ки бе он муаррихон таърихи Англияи асрмиёнагиро омӯхта наметавонистанд.

**Баргардонидани Денло.** Пас аз вафоти Алфреди Бузург ворисонаш ба Денло ҳуҷум мекунанд. Лашкари нав бомуваффақият пеш рафта, дар чоряки охири асри X шоҳии Англия (акнун Британияи аввала бо истилоҳи Англия иваз карда шуда буд) вилояти конунҳои Данияро ба худ ҳамроҳ кард. Ба ин давр омада даниягиҳои муқими Денло бо аҳолии маҳаллӣ хеле наздик шуда, омезиш ёфта буданд.

Баъдтар дар Англия боз низоъҳои дохилӣ сар шуда, давлат заиф мегашт. Аммо ин вақт Дания мустаҳкам мешуд. Дар охири асри VIII танҳо шоҳии Дания нисбат ба викингҳо ҳам ба Англия хавфи бештар меовард. Дар айни вақт,шоҳии Англия аз низоъҳои дохилӣ беҳол шуда буд. Шоҳи Дания соли 1013 лашкарашро ба соҳили англис фаровард. Ҷанг дер давом накард. Акнун танҳо шаҳри Лондон ба даниягиҳо муқовимат нишон дода метавонист.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Ба Британия аз қабилаи германҳо кадомаш омада муқим шуд?
2. Дар бораи Амвросий Аврелиан чиҳоро дониста гирифтед?

3. Шоҳиҳоеро, ки германҳо дар Британия ташкил карданд, номбар кунед.
4. Шоҳ Алфреди Бузург барои муттаҳидсозии Англия чӣ хел ҳисса гузошт?

# § 6. ИМПЕРИЯИ ВИЗАНТИЯ



**Расми 20.** Шаҳри Константинопол

**Ташкилёбии империя.** Писарони император Феодосий соли 395 империяи Римро ба ду давлати мустақил: **Империяи ғарбии Рим** бо пойтахташ **Рим** ва **Империяи шарқии Рим** (Византия) бо пойтахташ шаҳри **Константинопол** ҷудо карда гирифтанд. Бо номи шаҳри ба ҷои Константинопол – **Византий** (колонияи Мегара) шарқии Рим аксаран **Византия** номида шуд.

Дар асри IV нимҷазираи Балкан, Осиёи Хурд, Кавказ, Сурия, Фаластин, Миср, инчунин ҷазираҳои Крит ва Кипр ба таркиби Византия медаромаданд.



**Расми 21.** Пули тиллоии Византия.

Дар империяи шарқии Рим аз сабаби он, ки юнониҳо аксариятро ташкил медоданд, бо мурури вақт, забони юнонӣ лотиниро танг карда, ба забони давлатӣ табдил ёфт.

Дар Европа аҳолии империяи шарқии Римро **юнониҳо** мегуфтанд. Аммо шаҳрвандони империя худро **римиҳо** (ба юнонӣ ромей), давлаташонро империяи Рим (Ромей) гуфта меҳисобиданд. Онҳоро халқҳои Шарқ ҳам римиҳо медонистанд.

Дар Византия ғуломдорӣ монда буд, аммо қисми калони аҳолиро деҳқонони озод ташкил медоданд, онҳо дар заминҳои обёришаванда кор карда, тараққиёти барқарори иқтисодиро таъмин менамуданд. Аз ин рӯ, дар империя дар асри VI ҳам шаҳрҳои **Константинопол**, **Александрия**, **Антиохия**, **Эдесса** чун марказҳои бузурги савдо ва ҳунармандӣ равнақ доштанд.

Аз дигар гӯшаҳои дунё савдогарон ба бозори ромейҳо мешитофтанд. Константинопол Осиё ва Европаро чун «**Кӯпруки тиллоӣ**» мепайваст. Савдогарони Византия ба бозорҳои камашёи Европаи Ғарбӣ либосҳо ва зиннатиҳо, зиравориҳо ва виноҳои қимматбаҳо, аслиҳа, зарфҳо, анҷомҳои калисою чизҳоро мебурданд. Пули тиллоии Византия (**номисма)** асрҳои зиёд пули бовариноки байналхалқӣ шуда монд.

**Ҳокимияти Василевс**. Империяи Византияро **василевс** (ба юнонӣ, подшоҳ) идора мекард.

Ба василевс муассисаҳои сершумори суд, ҳарбӣ ва андоз, амалдорони давлат, инчунин органи маслиҳатии **синклит** (сенат ба юнонӣ) итоат мекард. Дар Византия амалдорон ва сенаторҳо на фақат аз ашрофзодагон буданд. Фарзандони истеъдодноку донишманди шахсони оддӣ низ дар лавозими баланд кор карданашон мумкин буд. Аз ҷумлаи онҳо император ҳам баромада буд. Ин ҳолат ромейҳоро ба ҳайрат намеовард. Чунки онҳо чун римиҳои қадим шаҳрвандони империя аз таваллуд баробар, мансуб будан кори шахсии ҳар як инсон аст, мегуфтанд.

**Эллинизм дар ҳаёти византиягиҳо.** Дар ҳаёти Византияи тақдири империяи ғарбии Римро аз сар нагузаронида

бисёр чиз ҳолати маъмул дониста мешуд. Дар ҳаёти византиягиҳо эллинизм ҷои мустаҳкам дошт. Халқ чун пешина дар ипподромҳо мусобиқаҳои аспсаворон, гӯштингирон, гимнастҳо, баромади мимҳо (актёрон)-ро тамошо мекард. Аҳолии шаҳр чун анъана ба табибони аз маъмурият маошгиранда шифо мегирифтанд, ба ҳаммомҳои умумӣ мерафтанд. Муҳимаш Византия илми даври антиқии Юнонро нигоҳ дошта буд.



**Расми 22**. Император Юстиани I.

Аксари мактабҳои ибтидоӣ ва миёна дар тафовут аз муассисаҳои таҳсилотии калисо ва монастирҳои Европаи Ғарбӣ хусусӣ ё давлатӣ буданд.

Олимони Византия барои тасдиқи бохабариашон аз шеърият, афсонаҳои эллинӣ дар нутқу асарҳояшон аз асарҳои муаллифони қадим мисолҳои зиёд меоварданд.

**Асри тиллоии Византия.** Империяи Византия дар давраи ҳукмронии император **Юстиани I** (527–565) ба дараҷаи олии тараққиёт расид. Ӯ дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шуда буд. Амакаш **Юстин** аз аскари оддӣ ба дараҷаи сарлашкар расида, баъд ба тахти императорӣ нишаст. Юстин ҷиянашро ба дарбор наздик карда, ба ӯ таълими хуб медиҳад. Юстиан баъди марги амакаш ба тахт нишаст.

Императори нав дониши сиёсӣ ва ҷасорат дошт. Ӯ бо роҳи ислоҳот ҳаёти империяро хеле беҳтар кард, савдои байналхалқиро пеш бурда на фақат хазинаи давлатро бой кард, ба беҳбудии ҳаёти халқ эътибор дод. Дар қиёфаи ӯ баробари серғайратӣ, қатъият ва дурандешӣ хусусиятҳои ба аксари сиёсатчиён хос дурӯягӣ, золимӣ, муғамбирӣ ҳам дида мешуд.

Ҳамсари Юстиан малика **Феодора** ҳам машҳур буд. Дар ҷавонӣ актриса буд. Дар он замон актёрӣ касби хуб ба ҳисоб мерафт. Юстиан ба ҳусни Феодора махлиё шуда, сарфи назар аз фикри бади ҷамоат ба ӯ хонадор шуд.


**Расми 23.** Лашкари Византия.

Феодора бо ақл, шӯҳратпарастӣ ва нотарсиаш фарқ мекард.

**Юришҳои Юстиан**. Юстиани I мақсад дошт, ки ҳудудҳои собиқаи империяи Римро баргардонад. Ӯ соли 534 сарлашкар **Велисарий**ро ба муқобили вандалҳое, ки дар Африкаи Шимолӣ давлат сохта, дар баҳри Миёназамин киштиҳои савдоиро тороҷ менамуданд, фиристод. Лашкари хуб мусаллаҳи византиягиҳо шоҳии вандалҳоро тобеъ намуда, Африкаи Шимолиро бо шаҳри Карфаген ба вилояти Византия табдил дод.

Баъд Велисарий ба Италия равона шуд. Византиягиҳо ҷазираи Ситсилияро бедушворӣ забт карданд. Аммо дар Италия ба муқовимати шадиди остготҳо дучор омаданд. Остготҳо ба ғуломони гуреза озодӣ дода, бар зидди Велисарий ҷангиданд. Византиягиҳо баръакс, ғуломонро нигоҳ дошта, онҳоро барои айбашон сахт ҷазо медоданд. Сарфи назар аз ин, византиягиҳо қисми калони Италияро забт карда, ноибии алоҳида (экзархат)-ро бо пойтахташ **Равенна** ташкил карданд.

Пас аз ҷанги Италия Юстиани I ба Испания ҳам лашкар фиристод. Дар Испания вестготҳо ҳукмронӣ мекарданд. Византия лашкари вестготҳоро бо осонӣ мағлуб карда, вилоятҳои ҷанубиашро ишғол намуд, ба гулӯгоҳи Гибралтар назорат ҷорӣ кард.

**Ташаккули муносибатҳои феодалӣ дар Византия.** Таназзули Византия дар миёнаҳои асри VI барои истилои қабилаҳои славян роҳ кушод. Дар натиҷаи ҳуҷумҳои халифаҳои Араб дар асри VII Сурия ва Миср ҳам аз даст рафт.

Дар соҳаи кишоварзии Византия дар асрҳои VII–X деҳқонони озод қашшоқ шуда, мутеъ мегаштанд. Дар деҳот ба табақа ҷудошавӣ авҷ гирифта, табақаҳои заминдорони калон-феодалон ва деҳқонони безамин пайдо шуданд.

Дар асрҳои X–XI императорҳо ба амалдорон, ибодатхонаҳо, монастирҳо замини бисёр инъом карданд. Бо гузашти вақт дар Византия низ феодалон қалъаҳо сохта,

дастаҳои ҳарбӣ ташкил мекунанд. Пурзӯршавии феодалон ва таназзули ҳокимияти марказ дар асрҳои IX–XI ба тамоман ҷоришавии муносибатҳои феодалӣ оварда расонд.

?!
**Савол ва супоришҳо:**
1. Империяи Византия чӣ хел ба вуҷуд омад?
2. Кадом шаҳрҳои Византия марказҳои савдо ва ҳунармандӣ шуда буданд?
3. Ҳокимияти император чӣ хел амал менамуд?
4. Дар бораи даври императории Юстиани I ҳикоя кунед.
5. Ҷамъияти феодалии Византия дар кадом асрҳо ташаккул ёфт?

# § 7. ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТҲОИ СЛАВЯНӢ

**Славнянҳо.** Дар манбаъҳои хаттӣ истилоҳи «славянҳо»-ро дар асри VI муаррихони византиягӣ истифода бурдаанд. Аммо маълумоти нахустин оиди қабилаҳои славян дар асарҳои муаррихони юнону рим, герман, дар асрҳои II–I пеш аз мелод ба забон гирифта шуда буданд.

Қабилаҳои славян аз асрҳои VI–VII дар ғарб аз дарёи Элба, дар шарқ то дарёи Висла, дар шимол аз баҳри Балтика, дар ҷануб то ҳудудҳои паҳновари дарёи Дунай зиндагӣ мекарданд. Дар асрҳои оянда онҳо ба се гурӯҳ: **славянҳо**и **ғарбӣ, ҷанубӣ** ва **шарқӣ** ҷудо шуданд.

**Славянҳои ғарбӣ** – чеххо, полякҳо, луҷичанҳо ва словакҳо.

**Славянҳои ҷанубӣ** – булғорҳо, сербҳо, хорватҳо, словенҳо, черногорҳо, македонҳо ва босниягиҳо.

**Славянҳои шарқӣ** – аз русҳо, украинҳо ва белорусҳо ташкил ёфта буданд.



**Расми 24.** Аз ҳаёти славянҳои шарқӣ.

**Шуғли славянҳо.** Славянҳо аз қадим бо деҳқонӣ машғул буданд. Онҳо ғаллаи ғуншударо дар амборҳои (захира) алоҳида нигоҳ медоштанд. Бино ба навиштаҳои



**Расми 25.** Хони булғорҳо Аспарух.

муаррихи Византия **Маврикий**, деҳқонон аз зироати донӣ бештар ҷав ва тариқ мекоштанд. Аз аввали асрҳои мелодӣ славянҳо бо парвариши чорвои хонагӣ ва ҳунармандӣ низ машғул мешудагӣ шуданд. Дар зиндагии аҳолии муқими соҳилҳои дарёҳои Висла, Днепр, Дунай, Элба моҳидорӣ низ нақши муҳим дошт.

**Сохти иҷтимоӣ ва дин.** Сохти иҷтимоии славянҳо монанди сохти иҷтимоии германиҳо буд. Онҳо ба авлод ва қабила ҷудо шуда мезистанд. Авлод дар навбати худ ба оилаҳои калони патриархалӣ ҷудо мешуд. Дар манбаъҳои хаттӣ оиди маҷлисҳои халқӣ («вече»-и славянҳо), князҳо, дружинаҳои ҳарбӣ, ҷангҳои славянҳо маълумот ба назар мерасад.

Бино ба қайди муаррихони Византия, славянҳо баробари озодидӯст, ҷасур ва ҷанговар будан нисбат ба ҳамсояҳо сулҳпарвар ва хайрхоҳ буданд. Славянҳои ҷисмонан бақувват, матин дар ҷангҳо бар зидди душман камин гирифта, аз ҳамлаҳои ногаҳонӣ истифода мебурданд.

Тасаввуроти динии славянҳо аз эътиқод ба қувваи табиат ва рӯҳи аҷдодони худ иборат буд. Аҳолӣ ба ҷинҳо, парии об ва дигар симоҳои афсонавӣ эътиқод дошт.

**Ташкилёбии давлатҳои славянӣ.** Аввалин давлати славянӣ дар охирҳои асри VII дар қисми шимолии нимҷазираи Балкан бо номи **подшоҳии Булғория** ташкил ёфт. Ба асри IX омада Булғория ба давлати бузург табдил ёфт. Дар даври **Симеон** (893–927) он ба қуллаи баланди қудрат баромад. Пас ин давлат заиф шуда, дар охири асри X онро Византия забт кард.

**Дар ёд доред!**
**Подшоҳии Булғория** — дар нимҷазираи Балкан сардари хони туркзабони булғорҳо Аспарух (643-701) асос мегузорад.

**Давлати Чехия**. Пас аз афтидани Моравияи Бузург қабилаҳои славяни маҳаллӣ ба қабилаҳои чехи муқими

ҳавзаи дарёи Влтава мутеъ буданд. (Бино ба ривоятҳо, сарвари қадимии онҳо **Чех** ном дошт). Ба сари иттифоқи қабилаҳо князҳои мансуб ба хонаводаи **Прҷемисловичҳо** меистоданд. Онҳо зуд-зуд ба даст аслиҳа гирифта, заминҳои худро ҳимоя мекарданд.



**Расми 26.** Княз Ватслав.

Княз **Ватслав** (920–935) аз ҷавонӣ дар рӯҳи ақидаҳои насронӣ тарбия ёфта, баъд бо тамоми ҷаҳд динро дар Чехия паҳн кард. Ӯ дар Прага ибодатхонаи асосии кишвар – **Вити муқаддас**ро бунёд кард. Аммо ин хел ҳурмати княз нисбати дини насронӣ ба аксар чеххо маъқул нашуд. Ватславро додараш хоинона мекушад. Ӯро ба зудӣ чеххо чун авлиёи асосии миллӣ, ҳомии давлати чех эъзоз намуданд.

**Дар ёд доред!**

**Моравияи Бузург** – давлатест, ки дар охири асри IX – ибтидои асри X дар қисми шарқии Чехияи ҳозира ташкил шуда буд. Дар ибтидои асри X ин давлат аз тарафи кӯчманчиёни венгер пароканда карда шуд, дар ҷои он давлати Чехия ташкил гардид.

**Давлати Чехия** дар ибтидои асри X ташкил ёфт.

Императори германҳо соли 1085 ба князи чех барои кӯмакаш дар мубориза шадидаш бар зидди папаи Рим унвони шоҳӣ дод. Шоҳони Чехия гарчанд императорони германро тан гиранд ҳам, дар кишвари худ комилан мустақил буданд.



**Расми 27**. Мешкои I.

**Давлати Полша**. Асоси Полшаро қабилаи славянии полян, ки дар ноҳияи Гнезно сокин буданд, ташкил дод. Баъд ҳудудҳои ҳамсояро ба худ тобеъ кард, аз номи иттифоқи қабилаҳо ин давлат Полша номида шуд. Бино ба қайди солноманависон, асосгузори афсонавии

сулолаи князҳои Полша "камбағал **Пиаст**" будааст. Аммо дар ҳуҷҷатҳо номи князи сулолаи **Пиастҳо Мешкои I** зикр шудааст. Ӯ соли 966 дини насрониро қабул кардааст. Писари Мешкои I номи Болеслави Ҷасур (ё Бузург)-ро гирифтааст. Вай заминҳои қабилаҳои полякро як карда, баъд Моравия ва Чехияро ишғол мекунад, соли 1018 лашкари князи Рус **Ярослав Мудрий**ро торумор карда, Киевро мегирад.

**Дар ёд доред!**
**Мешкои I** дар миёнаҳои асри X ба давлати Полша асос гузошт.

Княз **Мешко** дар миёнаҳои асри X қабилаҳои полякро дар ҳавзаи дарёи Висла муттаҳид намуда, ба давлати Полша асос гузошт. Вай бо лашкари худ дини насрониро қабул кардааст.

Дар замони писари Мешкои 1-ум **Болеслави Ҷасур** кори муттаҳид намудани қабилаҳои поляк ба охир расид. Вай бо лашкари пурқудрати худ Моравия ва Чехияро забт мекунад. Соли 1018 Киевро ишғол мекунад. Лашкари **Болеслав** барои нигоҳдории мустақилии Полша бар зидди императорони герман мубориза мебарад. Дар ин ҷанги тӯлонӣ Полша ғолиб мебарояд ва сарҳадашро васеъ карда мегирад. **Болеслави Ҷасур** шоҳ шуда мемонад.

**Савол ва супоришҳо:**
1. Аз харита ҳудудҳоеро, ки дар он ҷо се гуруҳи славянҳо муқим буданд, нишон диҳед.
2. Машғулияти хоҷагии славянҳоро номбар кунед.
3. Дар бораи сохти иҷтимоӣ ва дини славянҳо ҳикоя намоед.
4. Булғория дар даври кӣ ба қуллаи тараққиёт баромад?
5. Княз Ватслав дар таърихи Чехия чӣ хел нақш дошт?
6. Ба давлати Полша кӣ асос гузошт?

## § 8. РУСИ КИЕВӢ

**Ташкилёбии давлат.** Бино ба солномаҳо қабилаи славянҳои шарқӣ ба варягҳо (норманҳои скандинавиягӣ)



**Расми 28.** Омадани бародарон Рюрик, Синеус ва Трувор ба Рус.

сафир равон карда, аз онҳо княз фиристоданро хостаанд. Аз рӯи ин таклиф се нафар бародарон **Рюрик**, **Синеус** ва **Трувор** ба Рус омада, Рюрик дар Новгород, Синеус дар Белоозеро, Трувор дар Изборск княз мешавад. Дере нагузашта додарони Рюрик вафот мекунанд, ӯ ҳокими якка шуда мемонад.

Дар солнома қайд шудааст, ки Рюрик соли 879 вафот карда, аз сабаби он ки писараш **Игор** ҷавон буд, ҳокимият ба хеши ӯ **Олег** мегузарад. Дар даври ӯ дар таърихи Руси Киевӣ воқеаи муҳим рӯй медиҳад. **Олег** соли 882 бо лашкараш Киевро ишғол мекунад. Аз ин ҷост, ки давлати нав номи Руси Киевиро мегирад.

Вазифаи Олег ва князҳои оянда: озодшавӣ аз ҳоқонати Хазар, муттаҳидсозии славянҳои шарқиро давом додан, ҳифзи сарҳад аз душманони беруна, ба роҳ мондани алоқаҳои муфиди савдоӣ бо Византия буд. Сиёсати муттаҳидсозии қабилаҳои славян ба Олег имкон дод, ки дар шимол аз кӯли Ладога, дар ҷануб заминҳои поёноби Днепрро ба даст гирад. Лашкари княз соли 907 ба Константинопол ҳуҷум карда, товони калон мегирад. Мувофиқи шартнома акнун савдогарони Рус дар Византия бебоҷ савдо мекарданд.


**Расми 29.** Ҳукмдори Руси Киевӣ Олга.

Игор князии худро (912–945) аз ҷанги зидди қабилаҳои кӯчманчии биҷанак сар кард. Ӯ дар солҳои 40-уми асри X бинобар он, ки Константинопол шарномаро иҷро накард, ба Византия ду бор лашкар мекашад. Дар юриши якум лашкари рус мағлуб шуд. Дар натиҷа Византия бе ҷанг шартномаи сулҳро имзо мекунад ва товони калон медиҳад.

Игор соли 945 ҳангоми ҷанг бо қабилаи древлянҳо ҳалок шуд, ба ҷои ӯ ҳамсараш **Олга** то ба синни балоғат расидани писараш **Святослав** князи Киевро идора кард. Ӯ мавқеи Русро на бо юришҳо, истилоҳо, балки бо дипломатияи моҳирона тараққӣ кунонд.

Олга дар миёнаҳои солҳои 50-уми асри X ба Константинопол ташриф оварда, аз қабул кардани дини насронӣ сар мекашад. Вай гуфта буд: «ман агар танҳо дини дигарро қабул кунам, дружинаам ба ман механдад».

**Муборизаи зидди хазарҳо**. Бино ба солномаҳо Святослав дар 22- солагӣ князиро гирифта, соли 964 ба Шарқ юриш сар мекунад. Святослав ҳоқонии Хазар, ки байни дарёи Итил (Волга) ва Дон ташкил шуда буд, мағлуб карда, пойтахти онҳо шаҳри **Итил**ро гирифт. Баъд ӯ бар зидди Булғория, биҷанакҳои кӯчманчӣ, Византия ҷанг кард. Баъди ҷангҳои бемуваффақият ӯ дар вақти бозгашт ба Киев дар соҳили Днепр аз тарафи биҷанакҳо кушта мешавад.


**Расми 30.** Князи бузург Владимир.

**Қабул карда шудани дини насронӣ.** Дар солҳои 972-980 байни ворисони Святослав муборизa рӯй дод. Ниҳоят тахтро **Владимир** гирифт. Акнун дар назди ӯ вазифаи аз бесарусомонӣ нигоҳ доштани кишвар меистод. Вай аввал исёни қабилаҳои славянро пахш карда, дар сарҳадҳои Руси Киевӣ қалъаҳои мудофиавӣ месозад. Баъд ба муқобили булғорҳои соҳили Дунай лашкар мекашад. Лекин Владимир дар таърих на бо

номи истилогар, балки бо воқеаи соли 988 – аз тарафи русҳо қабул шудани дини насронӣ машҳур аст. Дар даври ӯ ба сулолаҳои князҳои маҳаллӣ хотима гузошта, ба ҷои онҳо писаронаш чун ноиб таъин мешаванд. Аммо ин шакли идора ҳам бо муаммо рӯ ба рӯ мешавад. Писари калони княз ноиби Новгород **Ярослав** аз супурдани боҷ ба Киев сар метобад. Владимир бар зидди вай ба ҷанг тайёрӣ мебинад, вале соли 1015 вафот мекунад.

Ярослав (1019-1054) дар мубориза барои тахт ғолиб меояд ва ин вақт Руси Киевӣ хеле тараққӣ мекунад. Биҷанакҳое, ки соли 1036-ум дар остонаи Киев пайдо шуданд, пурра мағлуб мешаванд. Ба шарафи ин ғалаба дар Киев ибодатхонаи Софияи муқаддас сохта мешавад. Дар даври Ярослав Киев ба яке аз шаҳрҳои бузурги олами насронӣ табдил меёбад.

**Маданият.** Дар даври Ярослав дар Рус маориф пеш меравад. Агар дар даври **Владимир** дар Киев мактабҳои рӯҳониёни насронӣ ташкил шуда бошад, Владимир дар Новгород мактабе ташкил кард, ки то сесад нафар рӯҳонӣ таҳсил менамуданд. Дар замони ӯ аввал дар Киев, баъд дар Новгород солномаҳо тартиб дода мешавад. Аз Византия китобҳо ба Киев оварда, аз забони юнонӣ ба русӣ тарҷума карда мешаванд.



**Расми 31** Киев. Ибодатхонаи Софияи муқаддас. Асри XI.

Дар даври Ярослав муносибатҳои Рус бо кишварҳои Европа хеле нағз инкишоф кард.

**Фикр карда, хулоса бароред.**
Аз подшоҳони давлатҳои Европа боз кадоме навиштани солномаро фармуда буд? Тартиб додани солнома барои чӣ зарур?

**Қонунгузорӣ**. Дар замони Ярослав, ки номи Хирадмандро гирифта буд, маҷмӯаи нахустини хаттии қонунҳои замини рус – «**Ҳақиқати рус**» тартиб дода шуд,



**Расми 32.** Дар ҳузури князи бузург Ярослав ба аҳолӣ «Ҳақиқати рус» -ро мехонанд.

ки дар даври писаронаш он бо моддаҳои нав пур карда мешавад.

Дар **«Ҳақиқати рус»** қонунҳои оиди корҳои ҷиноӣ ва шаҳрвандӣ дохил шуда буд. Дар он на фақат оиди ҷиноят ва ҷазо, балки оиди муносибатҳои иҷтимоии ҷамъияти рус, расму русум ва анъанаҳо низ маълумот ёфтан мумкин. Агар барои ҷинояти вазнин ҳукми қатл пешбинӣ шуда бошад, дар аксари моддаҳои «Ҳақиқати рус» ҷарима муқаррар гашта буд.



**Расми 33.** Ҷанговарони савораи Руси Киевӣ.

**Руси Киевӣ ва қипчоқҳо**. Қабилаҳои кӯчманчии қипчоқҳо дар миёнаҳои асри XI ҳудудҳои байни дарёи Ёйиқ ва Дунайро ишғол намуда буданд. Хонҳои қипчоқ то даҳҳо ҳазор ҷанговаронро саф кашонда, ба заминҳои князҳои Рус ҳамла меоварданд. Князи Рус **Владимир Мономах** (1113–1125) соли 1095 бори аввал дуто лашкари хонҳои қипчоқро мағлуб кард. Мубоdoes солҳои оянда гоҳ бо зафар, гоҳ ба мағлубият анҷомид.

Фақат дар солҳои ҳукмронии княз Владимир Мономах ҷанг дар ҳудудҳое, ки қипчоқҳо муқим буданд, рӯй медод. мегузашт. Аммо баъд аз вафоти Мономах ҳуҷуми қипҷоқҳо боз авҷ гирифт. Руси Киевӣ ин вақт давраи хеле мудҳиш-парокандагии сиёсиро аз сар мегузаронд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Руси Киевӣ чӣ хел ташкил ёфт?
2. Вазифаҳои асосии князҳои Руси Киевӣ аз чӣ иборат буд?
3. Дар харитаи бематн Руси Киевӣ ва давлатҳои ба он ҳамсарҳадро қайд намоед.
4. Дар бораи «Ҳақиқати рус» нақл кунед.

# § 9. МАДАНИЯТИ ЕВРОПА ДАР АСРҲОИ VI–XI


**Расми 34.** Алкуин.

**Маданияти империяи Франкҳо**. Карли Кабир дар давлати худ тартиби нави маорифро ташкил кард. Ӯ соли 789 мактабҳои халқӣ ҷорӣ кард. Тибқи қонун мактабҳо дар назди ибодатхонаҳо кушода шуда, ба рӯҳониёни оиди бепул дарс додан ба фарзандони халқи оддӣ супориш дода шуд. Дар дарбор низ мактаб буд, дар он олимони ба Карл наздик – аъзоёни академияи дарбор дарс медоданд. Иттиҳоди олимони дарбор, ки ба юнонӣ **академия** ном дошт, бо омӯхтани асарҳои муаллифони даври антиқ, эҷоди шеърият машғул буданд. Аз асари яке аз онҳо – тарихчи, роҳиб **Эйнгард** оиди ҳаёт ва фаолияти Карли Кабир дониста мегирем. Ин олимро барои доништалабӣ ва ғайраташ «*мӯрчаи меҳнатдӯст*» мегуфтанд. Дигаре аз аъзои академияи дарбор **Алкуин** ва шогирдони вай барои тарғиби маориф хизмати калон кардаанд. Маълум аст, ки худи Карл забонҳои лотинӣ ва юнониро мукаммал медонист.

**Маданияти Византия**. Дар даврҳои асосии асрҳои миёна Византия бо маданияти хоси худ яке аз кишварҳои пешқадами Европа ҳисоб мешуд. Чунки, Рими Ғарбӣ бино ба истилои қабилаҳои германӣ рӯ ба бӯҳрон овард, дар Византия анъанаҳои маданияти антиқ монд, дар ҳаёти византиягиҳо маданияти омехтаи Юнон ва Шарқ – **эллинизм** нақши муҳим дошт.

**Афинаро** барои илму фани пешрафтааш шаҳри «модари фанҳо» мегуфтанд. Дар академияи **Афлотун** (асри IV пеш. аз мел.) ташкил карда –**Академияи Афина** файласуфҳои машҳур дарс медоданд. Донишҷӯёни ин ҷо бо дониши фарох фарқ мекарданд. Аз ин хусус таърихчии асри V киноямез навишта буд, ки *«Онҳо худро ними худо, дигаронро ними хар медонистанд»* Баъдтар император **Юстиан** академияи Афинаро, ки зидди сиёсаташ буд, баст.

Зарурати тараққиёти иқтисодии Византия марказҳои нави таҳсил ва илмро ба вуҷуд овард. Дар асри IX дар Константинопол **мактаби олии Магнавр**, соли 1045 донишгоҳи аз факултетҳои ҳуқуқ ва фалсафа иборат ташкил карда шуд. Дар пойтахт мактаби олии тибб кор мекард.



**Расми 35.** Оташи юнонӣ.

Дар Византия илмҳои табиатшиносӣ, таърих ва география низ ривоҷ карда буданд.

Дар асрҳои миёна чун дар даврҳои антиқ шишасозӣ, кулолӣ ва рангсозӣ шӯҳрат пайдо кард. *«Оташи юнон»,* ки дар асри VII ихтироъ шуд, ба ҷанговарони баҳрии Византия муваффақиятҳо меовард.

Муаррихон (таърихшиносон) воқеаҳоеро, ки худашон иштирок кардаанд, муфассал баён намудаанд. Географҳо бошад, харита ва нақшаи шаҳрҳоро мекашиданд. Дар он замон дар дигар қисмҳои Европа чунин корҳо анҷом дода намешуданд.

**Дар ёд доред!**

**«Оташи юнонӣ»** моддаи сӯзандаи партофташаванда буд, онро аз нефт, олтингӯгирд, селитра ва аз омехтаи моддаҳои дигар тайёр мекардан. Дар киштиҳои ҳарбии Византия кор мефармуданд. Истифодаи он сир дошт, ки онро рақибон дер вақт нафаҳмидаанд.

**Санъати тасвирӣ ва меъморӣ**. Соҳаи машҳури маданияти Византия санъати тасвирӣ: **сохтани мозаика**, **фреска** ва **иконаҳо** буд.

**Дар ёд доред!**

**Мозаика (франс. mosaigue**-ба музаҳо бахшидан) – тасвире, ки аз қисмҳои як ё якчанд ашёи хом (кошин, санг, чӯб, мармар ва металл) иборат буда, яке аз намудҳои асосии санъати зебдиҳӣ ва нақш ба ҳисоб мерафт. Асосан барои зеб бахшидани бино ва асарҳои санъати амалӣ кор мебурданд.

Услуби византии тасвир: бо ҳамоҳангии суратҳо, серҷилоии рангҳо фарқ мекунад. Рассомон талабу қонунҳои калисоро ба инобат гирифта, на шахси мавҳум, балки серҳаракатро тасвир кардани мешуданд. **Монастири Хори** (ҳоло масҷиди Қаҳрия дар Истамбул) бо мозаика (кошинкорӣ) ва фрескаҳои худ яке аз ёдгориҳои аҷиби меъморӣ ҳисоб мешавад.



**Расми 36.** Ибодатхонаи Софияи муқаддас.

**Ибодатхонаи Софияи муқаддасро**, ки дар Константинопол дар даври **Юстиани I** (532–537) барпо шуда буд, бешак иншооти меъмории хеле маҳобатноки асрҳои миёна гуфтан мумкин. Диаметри гумбази он хеле бузург буда, бо 49 то гулчамбарҳои тиреза иҳота шудааст. Дар назар гумбаз гӯё дар осмон муаллақ истода бошад, менамуд. Кошинҳои гуногуни аз порчаҳои санг ва оина сохташуда деворҳои ибодатхонаро зеб додааст.

Дар асрҳои X–XI ба ҷои ибодатхонаҳои росткунҷа ибодатхонаи салибмонанд ва дар байнаш гумбази салибӣ дошта барпо карда мешавад.

Ибодатхонаҳо дар як вақт даргоҳи осоиш ва худо ба шумор мерафтанд. Ҳангоми оро додани ибодатхонаҳо ба қонунҳои калисо қатъӣ риоя карда, суратҳои Исопайғамбар, Бибӣ Марям, авлиё ва манзараҳо аз Библия тасвир карда мешуданд. Мақсади санъати оиди дини насронӣ ба диндорон тарғиб кардани роҳу равиши ба биҳишт даромада, фароғати онро дидан баъд аз марг буд.

Византия тарғибкунандаи асосии маданият ба Европаи асрҳои миёна буд. Устоён, мусаввирон, меъморонашро ба дигар кишварҳо даъват мекарданд, инчунин, дар назди устоён ва олимонаш ҷавонони Европа таҳсил мегирифтанд. Византия ба маданияти славянҳои Ҷанубӣ ва Шарқӣ таъсири калон расонд. Руси Киевӣ дини насрониро аз Византия қабул кард.



**Расми 37**. Ибодатхонаи Пуате дар Франсия.

Дар Европаи Ғарбӣ низ дар асрҳои миёнаи барвақт ба сохтани ибодатхонаҳо ва монастирҳо эътибори алоҳида медоданд. Дар соҳаи меъморӣ хусусан **услуби романӣ** пеш рафта, дар он сохтани ибодатхонаҳои бузург, гумбазҳои салобатнок, сутунҳои ғафс, тирезаҳои начандон калон ва дарвоза ва дарҳои аркадор хос буд.

Биноҳои машҳуре, ки бо услуби романӣ сохта шудаанд, ибодатхонаи **Пуате, Клюни, Арли** Франсия; калисоҳои **Шпрейер, Вормс, Маюнс** ва **Ахен**и Германия ҳисоб мешаванд.

**Калисо ва маориф**. Маданияти Европаи Ғарбӣ дар асрҳои миёна бо калисои насронӣ зич вобаста буд. Калисо ба илм, маориф, адабиёт ва санъат бевосита таъсир мекард. Аз ин рӯ, тасаввуроти одамон оиди дунё ба калисо ва таълимоти динӣ асос ёфта буд. Оиди дигар кишварҳо маълумот кофӣ набуд. Пастии тараққиёти илму техника ба оҷизии инсон дар назди хушксолӣ ва обхезиҳо, азияти бемориҳои сирояткунанда оварда расонд. Агар зарурат набошад, на фақат, дар байни деҳқонон, балки дар байни феодалон низ шахсони босавод кам буданд. Ритсарҳо бо ҷои имзо дуто хат мекашиданд.



**Расми 38**. Омӯзгорони мактабҳои миёна.

Мактабҳои ибтидоии назди ибодатхонаҳо ва монастирҳо рӯҳониёни дараҷаи поёниро тайёр мекарданд. Дар онҳо ғайр аз забони лотинӣ, тартиби ибодат ва хондани дуоро меомӯзониданд.

Дар мактабҳои миёнаи назди ибодатхонаҳои калон илмҳои дунёвиро ҳам меомӯзониданд. Ин хел мактабҳо дар давлати Карли Кабир васеъ паҳн шуда, бо гузашти асрҳо барои университетҳо асос гаштанд.

Талабаҳои мактабҳои ибодатхонаҳо мансуб ба синну соли гуногун буданд. Ба синну солашон нигоҳ карда, омехта мехонданд. Дар аксари мактабҳо як то китоб мешуд, онро муаллим бо навбат ба талабаҳо дода, порчаҳо меомӯзонд. Дарсҳо ба забони лотинӣ мегузаштанд. Шавқу завқи донишомӯзон тамоман ба инобат гирифта намешуд.

Дар мактабҳо фанҳое, ки дар замони антиқӣ мавҷудбуда, яъне фанҳое, ки **«ҳафт санъати озод»** ном доштанд, дарс дода мешуданд.

Талабаҳо аввал **тривиум** — грамматика, диалектика ва риторикаро меомӯхтанд.

**Дар ёд доред!**

**Грамматика** – илми забоншиносӣ, ба бачаҳо хонданро меомӯзад.

**Диалектика** – фани ба мантиқи ҳозира монанд, дар он талабагон асрори мунозара, фикри худро баён карданро меомӯхтанд.

**Риторика** – асосҳои эҷоди шеър, асарҳои бадеӣ, нотиқӣ.

Фанҳои нисбатан мураккаб – **квадриумда** ном дошта: талабагон асосҳои арифметика, геометрия, мусиқа ва нуҷумро меомӯхтанд. Ба астрономия астрологияи дар асрҳои миёна машҳур – маълумотҳо оиди мунаҷҷимҳо дохил мешуд. Мунаҷҷимон ба сайёраҳо ва ситораҳо назар карда, тақдири одамонро гуфта медоданд.

**?!** **Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи академияи Афлотун чиҳо медонед?
2. Дар Византия кадом соҳаҳои санъати тасвирӣ нағз ривоҷ карда буд?
3. Оиди дурдонаҳои меъмории Европа ва Византия чиҳо медонед?
4. Оиди мактабҳои асрҳои миёна нақл кунед?
5. Донишомӯзон аз тривиум ва квадриум чиҳоро меомӯхтанд?

# БОБИ II. ХАЛҚҲОИ ОСИЁ ДАР АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТ

## § 10. ГАҲВОРАИ ДИНИ НАВ

**Арабистон**. Қабилаҳои араб дар нимҷазираи Арабистон ва ҳудудҳои ҳамсарҳади он зиндагӣ мекарданд. Онҳо аслан аз халқҳои **сомӣ** (семит) буданд, ба сомиҳо ғайр аз арабҳо яҳудиҳо, оссуриягиҳо, финикиягиҳо ва оромиҳо мансуб буданд. Ин халқҳо давлатҳои машҳури қадими Шарқро: подшоҳии Аккад, Бобулистон, Исроилро ташкил кардаанд.

Қабилаҳои кӯчманчии араб — бадавиҳо (саҳроиён) мисли дигар чорводорони кӯчманчӣ бо парвариши шутур, гӯсфанд ва асп машғул буданд. Онҳо дар дашту биёбонҳо, чарогоҳҳо чорво поида кӯч баста мегаштанд.

Аҳолии муқимии Арабистони ҷанубӣ ва ғарбӣ дар соҳилҳои наҳр ва дараҳо, боғи хурмо ва ангурзорҳо барпо кардаанд. Айнан аз ин ҷоҳо роҳи корвонҳо аз Византия ба ҷануб, Африка ва Ҳиндустон мегузаштанд. Дар айёми нооромиҳо дар кишварҳои Роҳи бузурги абрешим роҳи корвон ба Арабистон мекӯчид. Бо мурури замон дар лаби ин роҳҳи қӯрғону шаҳрҳои аҳолинишин пайдо шуданд. Аҳолии ин ҷоҳо ба савдогарон, сайёҳони роҳҳои корвон хизмат мекарданд.

Яке аз қӯрғонҳои азим шаҳри **Макка** буд. Кӯчманчиён молҳои худро ба шаҳрҳо оварда, бар ивази онҳо аз аҳолии маҳалли ғалла, матоъ, аслиҳа мегирифтанд.

**Яман** ва **Ҳиҷоз** вилоятҳои аз ҳама пешрафтаи Арабистон буданд. Заминҳои Яман бо ҳосилнокии баланд ном баровварда буд, дар он ҷо об кифоя буд, дарахтони мевагӣ ва хурмозорҳо барпо шуда буданд. Маънои **"Яман" "ҳақ", "бахтнок"** аст. Муаррихони Рим ба арабҳо тақлид карда, Яманро **"Арабистони бахтнок"** (Арабия фелих) номидаанд.

**Пайдоиши нобаробарии иҷтимоӣ**. Дар асрҳои VI–VII аҳолӣ афзуд ва дар байни аҳолӣ барои манбаъҳои об ва биёбонҳо мубориза авҷ гирифт. Ба маъбудаҳои гуногун саҷда кардани қабилаҳо ҳам ин зиддиятро метезонид.



**Расми 39.**
Ҷанговарони араб.

Ба дасти сардорони қабила, пешвоёни ҳарбӣ гузаштани ғаниматҳои дар ҷангҳо гирифташуда ба ташаккули ашрофони авлоду қабила – шайхҳо оварда расонд ва ин ҷараён дар ибтидои асри VII сохти авлодиро заиф сохт.

Шоҳи Эрон **Хусрави I** соли 570 Яманро истило кард ва роҳи корвонгузари байни ду дарё (Байнаннаҳрайн) ба эрониҳо гузашт. Инқирози савдо ҳаёти шаҳрҳои Ҳиҷоз ва Яман, то рӯзгори бадавиҳои кӯчманчиро мушкил намуд. Ин ҳолат хусусан дар Ҳиҷоз, ки ҷои зисти қабилаи қурайш ва марказаш шаҳри **Макка** буд, равшан намоён мешуд.

**Дини ислом ва муттаҳидшавии арабҳо.** Инқирози иқтисодӣ кӯчманчиёнро ба истилои заминҳои нав, васеъ кардани биёбонҳо водор кард. Дар ин давр инқирози иқтисодие, ки Византия, Эрон барин давлатҳоро фаро гирифта буд, набудани ҳамсояи пурзӯр, ба арабҳо хеле қулай буд. Дар чунин вазъият барои муттаҳид намудани арабҳо дини нав – ислом хизмат кард.

**Дар ёд доред!**
**Ислом** (дар забони арабӣ "итоат", "тобеъият") яке аз динҳои дар дунё васеъ паҳншуда мебошад. Эътиқодкунандагони онро мусулмон меномад.

Таърихчиёни ислом навиштаанд, ки асосгузори он пайғамбари оянда **Муҳаммад** алайҳиссалом соли 570 дар Макка таваллуд шудааст. Вай ба авлоди ҳошимиёни қабилаи қурайш мансуб буда, чандон бой набуд, лекин дар оилаи наздики ашрофони Макка таваллуд ёфт. Муҳаммад (с.а.в.) дар овони кӯдакӣ ятим мондааст. Пеш аз таваллуд падараш Абдуллоҳ, дар синни 6 модараш Омина вафот кардааст. Зиндагииояндаи вай зери ҳимояти бобояш **Абдулмуталиб** гузаштааст. Баъд аз вафоти бобояш Муҳаммадро (с.а.в.) амакаш **Абутолиб** ба тарбия мегирад.

Бино ба таъкиди сарчашмаҳо оиди ислом, ба Муҳаммад алайҳиссалом аз соли 610 сар карда оятҳои илоҳӣ аён шудан мегиранд. Ӯ ғайр аз Худо яккаву ягона, яъни Аллоҳ таъолло дигар ҳеҷ гуна худое нест гуфта, худро расулуллоҳ-сафир, пайғамбари худо эълон мекунад.

**Дар ёд доред!**
**Қуръон** (аз арабӣ "қироат", "хондан") – китоби муқаддаси пайравони дини ислом буда, аз тарафи Аллоҳ таъоло ба Муҳаммад (с.а.в.) ба воситаи ваҳӣ нозил шудааст. Қуръон дар зарфи 23 сол нозил шуда, аз 114 сура иборат аст.

Аввал қурайшҳои Макка дини навро хуб напазируфтанд. Дар натиҷа соли 622 Муҳаммад (с.а.в.) бо тарафдорони худ ба **Ясриб** (Мадина) омад. Ин воқеа номи **ҳиҷрат** (кӯчидан)-ро гирифт ва оғози солшумории мусулмонӣ ҳисоб мешавад.



**Расми 40.** Макка. Каъба.

Ясриб Муҳаммад (с.а.в.)-ро хуб пазируфт. Мадинагиҳои мусулмон ва дигар қабилаҳои ба онҳо ҳамроҳшудаи араб барои **Макка** мубориза бурда зафар меёбанд. Шаҳр беҷанг

гирифта, даргоҳҳои муқаддас аз санамҳо ва маъбудаҳо тоза карда мешавад. **Каъбаи** Макка ба зиёратгоҳи асосии мусулмонон табдил меёбад. Муҳаммад (с.а.в.) қабилаҳои арабро ба бас кардани низоъи байни якдигар ва қабули дини ислом даъват мекунад. Дар давоми 10–12 соли оянда шаҳр ва қабилаҳои кӯчманчии Арабистон пайи ҳам ба Муҳаммад пайғамбар итоат мекунанд.

Ба соли 630 омада қисми калони арабҳо мусулмон мешаванд. Макка ба маркази дини ислом, барои тамоми олами мусулмон ба шаҳри муқаддас табдил меёбад. Дар асоси ин дин дар нимҷазираи Арабистон давлати ягонае, пайдо шуд, ки қабилаҳои кӯчманчӣ ва муқимро муттаҳид карда буд.

?! **Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи шуғли хоҷагии қабилаҳои араб ҳикоя кунед.
2. Аз чӣ сабаб дар арабҳо нобаробарии иҷтимоӣ пайдо шуд?
3. Дар бораи ҳаёти Муҳаммад пайғамбар чиҳо дар ёдатон монд, нақл кунед.
4. Сабабҳои муттаҳидшавии қабилаҳои арабро фаҳмонед.

**Фикр карда, хулоса бароред.**

Бо сохте, ки арабҳо то ташкили давлат зиндагӣ мекарданд, бо яке аз халқҳои Европа чӣ хел монандие дошт?

## § 11. ХИЛОФАТИ АРАБ. СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНИИ ОН

**Ба вуҷудоии хилофат**. Баъд аз вафоти Муҳаммад пайғамбар ҳамсафони наздики ӯ **Абубакр** (632–634) ба халифагӣ («ҷонишинӣ») интихоб мешавад. Ҳангоми идоракунии ӯ аҳолии Арабистон пурра ба ислом гузашта буданд. Халифаи оянда **Умар** (634–644) бо сахигӣ, адолатпарварӣ ва қатъият оиди дин дар олами ислом



**Расми 41**. Ҷанговари Хилофати араб.

шӯҳрат пайдо кард. Дар даври ӯ арабҳо Фаластин, Сурия Миср ва Либия, қисми калони Эронро истило карданд.

Дар даври халифа **Усмон** (644–656) Эрон пурра истило шуд. Лашкари хилофат Доғистонро гирифта, ба соҳилҳои Амударё наздик мешавад. Дар даври Усмон оятҳои Қуръон ғун карда ба шакли китоб оварда мешавад. Ҳукмронии халифаи охирин аз саҳобагони пайғамбарамон **Али** (656–661) дар ҷангҳои тӯлонӣ бо рақибон мегузарад.

Лашкари хилофат дар оғози асри VIII Африкаи Шимолиро пурра забт кард. Лашкари арабҳо бо сардории **Ториқ ибни Саид** соли 711 аз гулӯгоҳе, ки минбаъд номашро гирифт (Гибралтар) гузашта, Испанияро ишғол кард. Юришҳои Европа то остонаҳои шаҳри **Бордо** давом мекунад. Соли 732 дар ҷанги Пуате ҳокими франкҳо **Карл Мартелл** арабҳоро торумор карда, пеши роҳи онҳоро ба Франсия мегирад.



**Расми 42**. Қуръони халифа Усмон, ки дар Тошканд маҳфуз аст

Арабҳо дар Шарқ Кавказ ва Осиёи Миёнаро гирифта, аҳолиро ба ислом мегузаронанд. Юришҳои шарқии хилофат дар Осиёи Миёна то Талас, дар Ҳиндустон дар Мӯлтон анҷомид. Дар натиҷаи истилоҳои асри VII-ибтидои асри VIII **хилофати Араб** ташкил шуд, ки ҳудуди хеле калонро дар бар мегирифт.

**Муносибатҳои мулкии хилофат**. Ҳамаи заминҳои арабҳо дар кишварҳо забт карда аз они давлат эълон шуда бошад ҳам, ба соҳибони аввала тааллуқ монд.

Баъди истилои Сурия ва Эрон ашрофони араб аз халифа мепурсанд, ки заминҳои забтшуда тақсим гардад. Лекин халифа **Умар** мефармояд, ки заминҳо дар ихтиёри соҳибонашон монад.

Заминҳои ҳокимон, амалдорони дар ҷанг ҳалокшудаи кишварҳои истилошуда, вакилони ҳокимият ба хазинаи

хилофат мегузарад. Ин хел замин майдони хеле калонро ташкил медод.

Андози замини арабҳо ҷорикарда – **хироҷ** сеяки ҳосилро ташкил медод. Аз бойҳои исломро қабул накарданд, 48, аз миёнаҳолҳо 24, аз деҳқонони камбағал ва ҳунармандон 12 дирҳам андози **чизя** мегирифтанд. Андози чорво ва савдо **закот** 1/40 ҳиссаро ташкил медод. Дар хилофат аз меҳнати ғуломон низ истифода мекарданд.



**Расми 41**. Ҷанги Пуате дар соли 732.

**Шӯришҳои халқии зидди арабҳо**. Дар асрҳои VIII–IX дар кишварҳои истилошуда чандин шӯришҳои халқӣ сар заданд. Дар шӯриши соли 685–687 дар шаҳри **Куфа**и Ироқ араб ва форсҳо – камбағалон ва ҳунармандони шаҳр иштирок карданд. Он то соли 687 давом кард.

Дар исёни бо сарварии **Абумуслим** дар воҳаи Марви ҷануби Осиёи Миёна табақаи гуногуни аҳолӣ: деҳқонон, савдогарон, ҳунармандон, кадиварҳо иштирок карданд. Шӯриш Мовароуннаҳр ва Хуросонро иҳота кард. Дар натиҷаи шӯриши Абумуслим ба ҳукмронии Умавиҳо хотима гузошта, ба сари хилофат сулолаи нав – **Аббосиҳо** омад.

**Дар ёд доред!**
Хилофати араб **солҳои 632–1258** ҳумкронӣ кард. Дар он **Умавиҳо (661–750)** ва **Аббосиҳо (750–1258)** сиёсат бурдаанд.

Дар маркази Мовароуннаҳр Суғд солҳои 769–783 бо сарварии **Муқаннаъ** шӯриши халқӣ шуд. Шӯришгарон солҳои зиёд ҳуҷуми арабҳоро бомуваффақият зада гардонданд. Шӯриши **Бобак** дар Озарбойҷон (соли 815) ҳам беш аз 20 сол давом кард. Дар таърих онро «***шӯриши сурхҷомагон***» меноманд. Шиори онҳо «***Аз чиҳил сол ғулом шуда зистан як рӯз озод зистан афзал аст!***».



**Расми 44.** Шӯриш тахти сарварии Бобак.

Шӯришҳои халқӣ, ҷангҳо, муборизa барои ҳокимият ба инқирози сиёсии хилофат овард. Соли 756 якумин амирии мустақил аз хилофат дар Испания ташкил шуд. Он аз сари X номи **Қурдоба (Кордова)-ро** гирифт. Аз асри IX Миср, Эрон, Мовароуннаҳр ва Хуросон ба истиқлол расиданд. Дар дасти Аббосиҳо Шарқи Наздик ва нимҷазираи Арабистон монду халос. Хони муғул **Хулоку** соли 1258 Бағдодро ишғол карда, ба хилофат хотима гузошт.

?! **Савол ва супоришҳо:**

1. Таърихи ташкилёбии хилофатро нақл кунед.
2. Аз харита кишварҳои истилокардаи арабҳоро нишон диҳед.
3. Омилҳои ба таназзул дучор шудани хилофатро баён кунед.
4. Дар хилофат чӣ хела андозҳо мавҷуд буд?
5. Оиди шӯришҳои халқие, ки дар кишварҳои истилошуда сар заданд, нақл намоед.



**Расми 45.** «Байт-ул-ҳикма».

## § 12. МАДАНИЯТИ МАМЛАКАТҲОИ ХИЛОФАТ

**Маданияти ислом ва Осиёи Миёна**. Дар кишварҳои аз тарафи қабилаҳои ҷанговари араб истилошуда тамаддуни нав – тамаддуни араб пайдо шуд. Дар ташаккули он нақши дини ислом хеле калон аст.

Арабҳои ба кишварҳои дорои маданияти қадими олии Осиёи ғарбӣ омада нисбат ба юнониҳо, яҳудиҳо, сурияниҳо,

форсҳо, суғдҳо ақибмонда буданд. Аммо маданияти ин халққоро аз худ карда, барои маданияти боз ҳам баландтар шароит ҳосил карданд. Хусусан, дар дарбори халифа **Ҳорун ар-Рашид** дар оғози асри IX «**Байт-ул-ҳикма**» **(«Қасри донишмандон»)** ташкил шуда буд.

Дар ин давр фанҳои дақиқ – ҳисоб, нуҷум, ҷуғрофия низ пеш рафт, ин ҷараён боиси равнақи ҳунармандӣ ва савдо гардиданд. Бо мурури замон глобус ва қутбнамое, ки дар хилофат ихтироъ шуд, дар ҳамаи кишварҳо истифода мебурданд. Тибби Европа то миёнаҳои асри XVII дониш ва тавсияҳои амалиро аз асарҳои алломаҳои осиёимиёнагӣ: **Абуали ибни Сино** ва **Абубакр Розӣ** гирифтаанд.

Ҳамватани мо **Муҳаммад Хоразмӣ** (асри IX) дар таърихи математика аввалин шуда, ба фанни алгебра асос гузошт. Рақамҳои ҳиндие, ки дар математика истифода мешуд, баъдтар дар Европа, фақат бо рақамҳои арабӣ паҳн шуд.

Дар Бағдоду Димишқ расадхонаҳо барпо карда шуданд, дар онҳо аз андозаҳои мураккаб истифода бурда, астрономҳо меридиани кураи заминро чен карданд. Сайёҳони араб аз европоиён чанд аср аввал ба Ҳиндустон ва Хитой, Африка ва ноҳияҳои канории Европаи Шарқӣ рафта омада буданд. **Ал-Маъсудӣ, Ибни Даст, Ибни Фадлан, Ибни Баттута** оиди ин кишварҳо асарҳо навишта, харита сохтаанд.

**Адабиёт.** Адабиёти мусулмонӣ аввал ба забони арабӣ эҷод мешуд. Баъд, аз асри X сар карда он ба забони форсӣ тарҷума карда мешуд. Шеърияти мусулмонӣ ба дараҷаи баланд баромада, дар сабкҳои гуногун шакл ёфт.

Сайёҳон ва савдогарон аз кишварҳои бегона нафақат чизҳои аҷиб, балки ҳикояҳои оиди саргузаштҳои ғароиб, афсонаҳои халқҳои дигарро меоварданд. Онҳо аз ин хусус дар дарбори халифа, базми ашрофон, дар кӯю кӯчаҳо нақл мекарданд. Дар асоси ин гуна асарҳо дурдонаи адабиёти араб **“Ҳазору як шаб”** ба вуҷуд омадааст.



**Расми 46.** Масҷиди Кордова. Шифти нақшини назди меҳроб.



**Расми 47.** Қоҳира. Масҷиди Ҳасан.

**Меъморӣ.** Дар хилофат меъмори нисбат ба дигар соҳаҳои санъат хеле тараққӣ карда буд. Дар кишварҳои тобеи хилофат қасрҳои мӯҳташам, масҷиду мадрасаҳо, қалъаҳо бунёд карда шуданд. **Қасри Ал-Ҳамрои** Гранада (Испания), масҷиди Кордова (Испания), **масҷиди Ҳасан** дар Қоҳира, **мақбараи Исмоили Сомонӣ** дар Бухоро дурдонаҳои меъмории даври арабҳо ҳисоб мешаванд.

Хаттотӣ-хушнависӣ ҳам яке аз соҳаҳои асосии маданияти хилофат буд. Хаттотон ба мазмуни матн нигоҳ карда, намудҳои гуногуни хатро ихтироъ карда буданд. Оятҳои "Қуръони карим" барои ороиш додани дохилу беруни биноҳо — дурдонаҳои меъмории исломӣ кор медоданд.

Маданияти Шарқ ба маданияти ояндаи Европа таъсири неки худро расонд. Дар асрҳои минбаъд олимони европоӣ аз дастовардҳои кишварҳои Осиё дар соҳаи математика, тибб, нуҷум, харитасозӣ аз бар намудаанд.

**Санъат.** Маълум аст, ки дар дини ислом ақида дар бораи манъи тасвири ҷонзоти зинда паҳн шуда буд. Аслан тасвири худо, инчунин саҷда ба чизҳои тасвиршуда манъ буд. Санъати тасвирии мусулмонӣ дар соҳаи ороиши китоб ба қуллаи баланд баромада буд. Дар китобҳо тасвирҳои зиёди одамон ва ҳайвонҳо аҷиб кор фармуда мешуданд. Матн бо нақшҳои мураккаб зеб дода

мешуд. Аммо асоси санъати мусулмонҳоро на тасвир, балки санъати хушнависӣ-хаттотӣ ташкил медод. Агар дар насрониҳо тасвири худо дар салиб муқаддастарин бошад, дар ислом онро дар сухани худо тавсир мешуд. Суханро муқаддас медонистанд. Комёбиҳои мусулмонҳо дар соҳаи хаттотӣ ҳайратомез аст. Ҳатто дар зарфҳо, матоъҳои қимматбаҳо, аслиҳа ҳам бо шеърҳои пурҳикмат, суханҳои муқаддас оро дода шуда буданд. Дар инкишофи санъати хаттотӣ намояндагони хаттотони Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳам беқиёс буд. Чунки онҳо сарфи назар аз фарқияти забонӣ аз алифбои арабӣ истифода бурдаанд. Алифбои арабӣ дар асри VI дар Сурия дар асоси алифбои оромӣ ё арабҳои насронӣ офарида шуд. Он аз 28 ҳарф иборат буда, аз рост ба чап навишта мешавад.

**Тарзи зиндагӣ**. Маданияти зиндагии мусулмонҳо бо ҷиҳатҳои ба худ хосу диди аҷиб фарқ мекунад. Баъзе аз ҷиҳатҳои онро минбаъд европоиҳо қабул кардаанд. Ба фаслҳо нигоҳ карда пӯшидани либос, дар базмҳо аввал пешкаш кардани шӯрбоҳо, баъд таоми гӯштӣ, пас аз он гӯшти парранда ва ниҳоят шириниҳо ҷорӣ гардид.

Аз замони Рим ва Византия аҳолии Шарқи Наздик дар ҳаммом шустанро ҳавас мекарданд. Мусулмонҳо ин одатро аз худ карда, дар тамоми кишварҳои истилошуда паҳн карданд. Дар шаҳрҳои азим садҳо ҳаммомҳо бино шуданд. Дар сохтани онҳо аз мармар, мозаика ва нақшҳо истифода мешуданд, тозагию ариштагӣ эътибори калон дода мешуд. Мусулмонҳо ба тозагӣ ва сариштагӣ эътибори калон медоданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи алломаҳои Осиёи Миёна, ки ба инкишофи маданияти араб-исломӣ ҳиссаи калон гузоштаанд, нақл кунед.
2. Аз сайёҳони араб киҳоро медонед?
3. «Байт-ул-ҳикма» чӣ гуна муассиса буд?
4. Обидаҳои меъмории дар хилофати араб бунёдшударо ба дафтаратон қайд кунед.

5. Оиди таъсири маданияти кишварҳои хилофат ба Европа нақл кунед.

## § 13. ҲИНДУСТОН ДАР АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТ

**Вазъияти дохилии кишвар.** Баъди таназзули империяи кӯшониҳо **Чандрагуптаи I** (320–340), ки дар Ҳиндустон ҳокимиятро ба даст гирифта буд, ба сулолаи Гуптаҳо асос гузошт. Пойтахти давлати гуптаҳо шаҳри **Паталипутра** буд. Дар охири асри IV - оғози асри V империяи Гуптаҳо гулгул шукуфт. Айнан дар ин замон дар Ҳиндустон муносибатҳои мулкӣ ба вуҷуд омаданд.



**Расми 44.** Сутуни оҳанин дар даври гуптаҳо. Асрҳои V-VI.

Ҳукмдорон ба наздикони худ— амалдорон, сардорони ҳарбӣ молу мулк инъом мекарданд. Дар натиҷа, дар байни асрҳои IV–V табақаи заминдорони калон ташаккул ёфт. Онҳо ғайр аз пардохти андоз аз деҳқонон ба ӯҳдадориҳои меҳнатӣ гузаштанро ҷорӣ мекунанд. Дар асрҳои миёнаи барвақт ба каста - варнаҳо (табақа) ҷудошавии аҳолӣ: браҳманҳо, кшатрияҳо, вайшиҳо ва шудраҳо нигоҳ дошта мешавад.

Муносибатҳои иҷтимоии Ҳиндустон дар асрҳои миёнаи барвақт соф феодалӣ набуданд, одатҳои ғуломдорӣ низ боқӣ монда буданд. Аммо аз меҳнати ғуломон на дар истеҳсолот, балки дар корҳои хона истифода мешуд. Ҳӯҷаин ғайр аз таъмини хӯрокаи ғулом соле як бор либос гирифта медод.

**Парокандагии сиёсӣ дар кишвар**. Дар асри VI аз самти шимолу ғарби Ҳиндустон эфталиҳо ҳуҷум карда, империяи гуптаҳоро заиф карданд ва қисми калони кишварро забт намуданд.

Бино ба қайди таърихчии чин **Сюан Сзян,** ки дар асри VII вориди Ҳиндустон шуда буд, дар кишвар қариб 70 то князигариҳо буд.

Байни князҳо-роҷаҳо ҷангҳои доимӣ давом мекарданд. Ғанимати ҷанг ва товон байни ғолибон тақсим мешуд. Замини инъомшуда **грасс** («порча») номида мешуд, шахси ба он ноилшуда албатта аз хизмати ҳарбӣ мегузашт. Роҷаҳо ба амалдорони ба худашон мансубнабуда заминро ба муддати муайян медоданд. Ин хел заминро **патта** (замини ба ёрлиқ гирифта) меномиданд. Патта ба баъзеҳо барои хизматҳои алоҳида низ дода мешуд. Баробари мустаҳкамшавии муносибатҳои феодалӣ заминҳои патта аз авлод ба авлод гузашта, меросӣ мегардиданд.

Ҳиндустони аз низоҳои дохилӣ заифшударо истилогарони хориҷӣ ғорат мекарданд. Хусусан, ҳукмдорони давлатҳои мусулмонӣ, ки дар оҳибати парокандашавии хилофати Араб ташкил шуданд, дар асри XI ба Ҳиндустон ҳамла мекарданд. Лашкари ҳокими Ғазна **Маҳмуд Ғазнавӣ** дар ибтидои асри XI ба шимоли кишвар 17 бор юриш кардааст. Бо мурури вақт қисми шимолии Ҳиндустон аз тарафи феодалҳои мусулмон забт карда шуд.

**Шуғли аҳолӣ**. Дар афсонаҳои халқҳои Шарқ Ҳиндустон чун кишвари сарватҳо тасвир шудааст. Дар Европа оиди бойгарии роҷаҳои ҳинд афсонаҳо паҳн шудаанд.

Аслан ин сарватҳо бар ивази заҳмати пурмашаққати халқ офарида шудаанд. Деҳқонон аз дарёҳо каналу ҷўйборҳо бароварда, заминҳои навро аз худ мекарданд ва аз онҳо соле 2–3 ҳосил мегирифтанд. Дар майдонҳои серҳосил шолӣ, пахта, найшакар, зиравориҳо ва чой мекориданд. Ба гузашти асрҳо ин зироатҳо дар кишварҳои ҳамсоя низ мекоштагӣ шуданд.

Ҳунармандони ҳинд бо маҳорати худ машҳур гашта буданд. Чизҳои тиллоӣ, зарфҳои аз тилло ва нуқра сохташуда берун аз Ҳиндустон баҳои баланд доштанд. Ҳайкалчаҳои одам ва ҳайвонҳо, ки аз устухони фил ва навъҳои сахти чўб сохта мешуданд, на фақат қасри роҷаҳо, балки қасрҳои подшоҳи давлатҳои дигарро низ зеб

мебахшиданд. Бо дастгоҳҳои оддии чӯбӣ дӯзандаҳо матоъҳои нафис тайёр мекарданд.

**Алоқаҳои савдоӣ**. Дар ғарби кишвар шаҳрҳои зиёди бандарӣ буданд, ки ба онҳо аз кишварҳои гуногун ҳар гуна мол меоварданд ва маҳсулоти ранг ба ранги ҳунармандони ҳиндро ба гӯшаҳои мухталифи дунё мебурданд. Ҳокими шаҳри калони бандари **Каликут**ро *"хӯҷаини баҳр"* мегуфтанд. Дар бозорҳои пурғавғои шаҳр молҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ мефурӯхтанд. Савдогарони Хитой, Африка, Арабистон, Осиёи Миёна газвор, чизҳои заргарӣ, атторӣ, зиравориро аз ин харида мерафтанд. Савдогарони араб дар савдои ҳатто бандар-шаҳрҳои Ҳиндустон дар сафи аввал буданд.



**Расми 49.** Расме, ки дар ибодатхонаи Аҷанта ҳаккокӣ шудааст.

**Маданияти ҳинд**. Олимони ҳинд дар бобати илми ҳисоб, нуҷум, тибб ба комёбиҳои калон ноил шуда буднд. Дар баъзе шаҳрҳои ҳинд барои мушоҳидаи ҷисмҳои осмони расадхонаҳо мавчуд буданд. Тадқиқоти мунаҷҷимони ҳинд барои пайдошавии фарзияи доирашакл будани Замин ва дар атрофи меҳвараш давр задани он имкон дод. Табибон бо асбобҳои мураккаби ҷарроҳӣ ва доруҳои дардро гиранда муолиҷаҳои ҷарроҳӣ мекарданд. Дар табобат аз доруҳои моеъ ва сахт истифода мебурданд.

Меъмории ҳинд бо гуногунии худ фарқ мекард. Аксар ибодатхонаҳо, қасрҳои асримиёнагӣ то имрӯз маҳфуз ҳастанд. Дар Ҳиндустон ибодатхонаҳое, ки дар харсангҳои калон ё дохили ғорҳо сохта шудаанд, бисёр будааст. Яке аз ибодатхонаи машҳуртарин, ки дар ибтидои асри II пеш аз мелод — асри VII мелодӣ канда сохта шудааст, маҷмӯаи ибодатхонаҳои **Аҷанта** (Ҳиндустони Марказӣ) мебошад. Ин ибодатхонаи иборат аз 29 хонаро меъморон дар сангҳо ҳаккокӣ карда, сохта онҳоро бо ҳайкалҳо, нақшҳо зеб додаанд. Дар ибодатхонаҳо ҳайкалҳои аҷоиби санг ва мисии худоҳо, одамон ва ҳайвонҳо гузошта шудаанд.

?! **Савол ва супоришҳо:**

1. Кадом варна-кастаҳои ҳиндҳоро медонед?
2. Дар бораи намудҳои заминдории калон нақл кунед.
3. Бино ба фикри шумо, асоси сарвате, ки Ҳиндустонро машҳур кард, чист?
4. Дар харитаи бематн Ҳиндустон ва шаҳрҳои онро қайд кунед.
5. Кадом хусусиятҳои маданияти халқҳои Ҳиндустон ба эътибор моликанд?

# §14. ХИТОЙ ДАР АСРҲОИ V-XI

**Муттаҳидшавии Хитой**. Империяи ғуломдории Хан дар асри III ба инқироз рӯ оварда, ба ҷои он сето давлати мустақили **Вей, Шу ва У** ташкил шуданд. Айнан он вақт дар Хитой муносибатҳои феодалӣ ташаккул меёфтанд.

Ба муттаҳидшавии Хитой дар нимаи дуюми асри VI истилои ҳоқонати Турк хавф мекард. Кишварро императори вакили **сулолаи Суй** (589–618), ки ҳокимияти номаҳдуд дошт, идора мекард. Дар ихтиёри он ғайр аз лашкари сершумор амалдорони содиқ ҳам буд. Муттаҳидшавии кишвар ба ҷангҳои чорасринаи дохилӣ хотима гузошт. Киштзорон васеъшуда, аҳолӣ меафзояд, савдо пеш меравад, шаҳрҳо тараққӣ мекунанд. Ҳокимияти нав андозҳоро ба тартиб дароварда,ислоҳоти пул мегузаронад.

**Дар ёд доред!**

Дар асри III дар Хитой муносибатҳои заминдорӣ ташаккул меёбанд. Дар даври сулолаи Суй (589–618) Хитой ба давлати мутамарказ табдил ёфт.

Бо мақсади қавӣ намудани алоқаҳои савдоии байни вилоятҳои кишвар ва ба муносибатҳои савдоӣ кашидани ҳудудҳои байни дарёҳои Хуанхе ва Янсзи **Канали бузург** сохта мешавад. Ин тадбир на фақат роҳи ягонаи обӣ дар

миқёси кишвар шуд, балки ба вилоятҳои шарқӣ барои баромадан ба баҳр шароит фароҳам овард. Аммо ҳукмронии сулолаи Суй дер давом накард.

Яке аз ҳокимони маҳаллии шимолу ғарбии Хитой **Ли Юан** соли 618 тахтро ишғол карда, ба **сулолаи Тан** (618–907) асос гузошт.



**Расми 50.**
Император Ли Юан.

**Муносибатҳои заминдорӣ**. Дар даври идораи империяи Тан тамоми замини кишвар мулки давлат эълон шуд. Дар сартосари кишвар ба деҳқонон порчаҳои хурди замин ба иҷора дода мешуд. Бино ба қонуни соли 624 ҳар як хонавода ғайр аз ҳавливу хонааш боз то 80 му (1 му — 6 сотих) замин киштро ба иҷора гирифта метавонист. Парвариши дарахти тут бар иловаи ҳар хел дарахтони мевагӣ барои хар як хонадон маҷбур карда шуд. Бино ба қонуни нав деҳқон замин ва ҳавлии худро фурӯхтан ё ба гаров монда метавонист. Аммо замини давлатиро фурӯхтан мумкин набуд. Деҳқон барои замини давлатӣ ғайр аз андоз боз ӯҳдадории меҳнатиро бар дӯш мегирифт. Хусусан, дар сарчашмаҳо зикр шудааст, ки барои сохтани канали бузурги Лоян 2 миллион, барои сохтану таъмири девори бузурги Хитой беш аз 1 миллион кас ҷалб шуда буд.

Император ба ашрофон, лашкаркашон, амалдорон ва зодагони худ қитъаҳои калони заминро дод. Аз ҷумла, ба унвон ва мансабу мавқеи ашрофон нигоҳ карда аз 500 то 10 ҳазор му замин тӯҳфа кард. Дар манбаъҳо аз хусуси аз 300 то 6 ҳазор му заминро тӯҳфа кардан сухан меравад. Аз ин заминҳои тӯҳфашуда андоз гирифта намешуд.

**Шаҳрҳо, ҳунармандӣ ва савдо**. Дар асри VI шаҳрҳои Хитой каме пеш рафтанд. Дар ҳудудҳои сарҳадӣ шаҳрқалъаҳо бунёд шуданд. Дар бандарҳои дарёву баҳрҳо, ҷойҳои дорои ашёи хом савдову ҳунармандӣ равнақ карда, шаҳрҳои нав ба вуҷуд омаданд. Дар соҳили Канали бузург ва бахр аз асри VII сар карда, ба вуҷуд омадани шаҳрҳои

**Ханччҷоу, Кайфин, Янччҷоу** ҳам ба ривоҷи савдо ва ҳунармандӣ вобаста буд. Ин ҷараён пурзӯр намудани қонунҳоро тақозо менамуд. Императорони Тан шабона ба кӯчаҳои шаҳр баромаданро манъ карданд. Дарвозаҳои шаҳр шабонаҳо баста мешуданд. Касе, ки шабона аз девори шаҳр гузарад, бо 70 дарра ҷазо медид. Албатта ин чораҳо осоиштагии шаҳрҳо, амонии молу мулкро таъмин карда буд.

Дар асрҳои VII–VIII дар кишвар саноати кӯҳ, истеҳсоли чизҳои чинию сафолӣ авҷ кард. Дар айни ҳол ҳунармандони шаҳр иттифоқи касбӣ (сех) ташкил карда, ҳунармандони ин ё он касб дар кӯчаву мавзеъҳои алоҳида мезистанд. Мутамарказ шудани Хитой ва тараққиёти иқтисодӣ болоравии савдоро таъмин мекунад. Бозори **Янччҷоу** калон буда, ин шаҳр дар ҷои буриши роҳи обӣ ва хушкӣ ҷой гирифта буд. Ярмаркаҳо низ ба пешрафти савдои дохилӣ хизмат мекарданд. Дар Хитой аз асри VII сар карда пули ягона — **сян** ҷорӣ карда шуд. Тангаҳои сиккашуда дар мобайн сӯрохии чоркунҷа дошт ва пул ба ресмон гирифта мешуд.



**Расми 51.** Тангаи даври сулолаи Тан.

**Сиёсати хориҷӣ.** Дар даври ҳукмронии сулолаи Тан бар зидди ҳоқонати турк ҷангиданд. Лашкари император соли 640 давлати **Гаочан**и дар Роҳи бузурги абрешим ҷойгирбударо мағлуб намуд. Аз ин пас ҷангҳои тӯлонии зидди уйғурҳо сар зад. Ҷанги соли 657–679 бар зидди ҳоқонати ғарбии Турк низ ба ғалабаи лашкари Хитой хатм шуд. Ҷанги зидди Корея дар соли 668 бо истилои пойтахти он **Пхенян** анҷом ёфт.

Хитой дар асрҳои VII-VIII сиёсати фаъоли хориҷиро пеш бурд: бо ҳоқонати Турк, хилофати Араб, Япония ва Византия алоқаҳои дипломатӣ ба роҳ монда шуд.

Дар дави **сулолаи нав – Сун** (960–1279) алоқаҳои байналхалқии Хитой васеъ шуд. Ин вақт бо Осиёи Миёна, Ҳиндустон, ба воситаи баҳри Ҳиндухитой бо Япония ва Индонезия савдо ривоҷ кард.

**Дар ёд доред!**
Дар асрҳои миёнаи барвақт дар Хитой сулолаҳои Суй (589–618), Тан (618–907), У Дай (907–960) ва Сун (960–1279) ҳукмронӣ кардаанд.

**Маданияти Хитой.** Хитоиҳо, ки яке аз хатҳои аввалинро ихтироъ карда буданд, то имрӯз аз он истифода мебаранд. Дар Хитой ғайр аз илмҳои табиатшиносӣ: ҳисоб, нуҷум, ҷуғрофия ва таърих пеш рафтанд. Дар асри VIII яке аз муассисаҳои қадимтарини илмӣ **Академияи Ханлин** ташкил шуд.

Хитоиҳо дар асри X аз селитра **порох** гирифтанро кашф карданд. Аввал аз порох ҳангоми мушакбозӣ истифода мебурданд, баъд аз ибтидои XI ба мақсади ҳарбӣ кор фармуданд.

Дар Хитой ба навиштани солномаҳо эътибори алоҳида дода мешуд. Масалан, оиди даври **сулолаи Сун** солномаҳои иборат аз 500 ҷилд то имрӯз расидааст.

Дар шаҳрҳои калон мактабҳо кушода шуданд ва дар онҳо амалдорони оянда тарбия мегирифтанд. Аз талабагон омӯхтани ҳисоб, грамматика, фалсафа ва адабиёт талаб карда мешуд.

Меъморони Хитой аз санг, чӯб, мармар ва темир қасрҳои аҷиб: ибодатхонаҳо, манораҳо ва кӯпрукҳо бунёд мекарданд. Рассомон ба рӯйи коғаз, шоҳӣ, чӯб ва санг асарҳо беҳтаринро эҷод кардаанд. Хусусан, кашидани расмҳои деворӣ ривоҷ карда буд.

Дар Пекин аз асри VIII сар карда рӯзномае бо номи **«Ахбороти пойтахт»** чоп мешуд. Дар он фармонҳои император ва воқеаҳои муҳим эълон мешуд. Рӯзномаро бар рӯйи чӯб сабт намуда, баъд зиёд мекарданд.

Табибони Хитой муолиҷаҳои мураккаби ҷарроҳиро гузаронида, хусусиятҳои шифобахши растаниҳои гуногунро аниқ карда, дору месохтанд. Дар Хитой аввалин **пантомима** — театри имову ишора ташкил шуд. Паҳншавии буддизм на фақат ба ҳаёти хитоиҳо, балки ба соҳаи меъморӣ низ таъсири калон расонд.



**Расми 52.** Дар даври сулолаи Тан дини буддавӣ васеъ паҳн шуд. Ҳайкали Буддо дар бағали кӯҳ.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар Хитой муносибатҳои мулкӣ аз кай ташаккул ёфт?
2. Аҳволи деҳқонони кишвар чӣ хел буд?
3. Аз хусуси инкишофи шаҳрҳо, ҳунармандӣ ва савдо нақл кунед.
4. Кадом воқеаҳои оиди сиёсати хориҷии кишвар дар ёдатон монд?
5. Кадом соҳаҳои маданияти Хитой аз маданияти халқҳои дигар кишварҳо фарқ мекард? Эзоҳ диҳед.



# ФАСЛИ II. ХАЛҚҲОИ ДУНЁ ДАР ДАВРИ АСРҲОИ МИЁНАИ ТАРАҚҚИКАРДА (АСРҲОИ XI-XV)

## БОБИ III. РИВОҶЁБИИ ҲУНАРМАНДӢ ВА САВДО. БОЛОРАВИИ ШАҲРҲО

### § 15. ТАШАККУЛИ ШАҲРҲОИ ЕВРОПА ДАР АСРҲОИ МИЁНА



**Расми 53.** Шудгор кардани замин бо плуг.

**Тараққиёти хоҷагӣ**. Дар асрҳои X-XI дар Европа истеҳсолот, хусусан ҳунармандӣ хеле пеш рафт. Такмилёбии олоти меҳнат, маҳорати устоён ба ҷудошавии ҳунармандӣ аз деҳқонӣ оварда расонд.

Дар зироат кишти такрории ду майдонӣ ба се майдонӣ иваз карда шуд. Яъне киштзор ба се қисм ҷудо мешуд, дар якеаш зироати баҳорӣ, дар дуюмӣ ғалла кошта шавад, дар сеюмӣ шудгор карда, замин дам дода мешуд. Зимни ин усул на ними замин, балки аз се як қисми он бо ҳосил банд шуда, барои зиёдшавии маҳсулот замина мегардид..

Паҳншавии плуги вазнини чархдор барои 2–3 бор шудгоркунии замин имкон дод. Кашфи оҳани лаҷоми гардан плугро ба асп баста шудгор карданро тезонид. Баландшавии ҳосил барои пайдошавии маҳсулоти иловагӣ дар хоҷагии деҳқон ва ивазкунии он ба чизҳои ҳунармандӣ оварда расонд.




**Расми 54**. Кириштивазкунии семайдонӣ.

Чизҳои тайёркардаи ҳунармандон аз ҷиҳати намуд, адад ва сифат меафзояд. Аммо ҳокимияти феодалии деҳот озодии ҳунармандро маҳдуд мекард. Аз ин сабаб онҳо аз деҳа гурехта, ба дигар ҷой рафта чиз тайёр мекарданд ва мефурӯхтанд.

**Шаҳрҳои асрҳои миёна.** Дар кишварҳои гуногуни Европа шаҳрҳо ҳар хел пайдо шуда, ривоҷ кардаанд. Аввал шаҳрҳои дар Италия ва ҷануби Франсия: **Венетсия, Генуя, Флоренсия, Марсел, Тулуза** дар асрҳои IX–X тараққӣ карданд. Аз сабаби он, ки ин шаҳрҳо дар роҳи савдоии баҳрӣ ҷой гирифта буданд, ин омил ба тараққиёти онҳо аҳамияти калон доштанд. Дар асрҳои X–XI дар шимоли Франсия, Нидерландия, Англия ва Германия шаҳрҳои нав ба вуҷуд омаданд. Дар асрҳои XII–XIII дар заминҳои Венгрия, Балтика ва Рус низ шаҳрҳо зиёд шуданд. Дар асрҳои гуногун пайдошавии шаҳрҳо дар Европа ба тавофути тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ вобаста буд.



**Расми 55.** Шаҳри асрҳои миёна.



**Расми 56.** Ҳаёти шаҳри асри миёна.

Шаҳрҳо пеш аз ҳама дар ҷойҳои бехавф, барои ҳимоя аз душман қулай, инчунин барои фурӯхтани чизҳои ҳунармандӣ дорои имконият сохта мешуданд.

**Ҳаёти шаҳрҳо.** Шаҳрҳо аксар вақт дар замини феодалон ташкил меёфтанд. Даставвал феодалон ба шаҳрҳои дар заминашонбуда ҳомигӣ карда, ҳунармандонро аз андоз озод намуданд. Аммо баробари равнақу бойшавии шаҳрҳо хӯҷаинҳо аз онҳо даромади калон мегирифтагӣ шуданд. Ҷабри феодалон барои пешравии ҳунармандӣ ва савдо монеъгӣ мекард. Дар натиҷа шаҳриён аз вобастагии сенҳорҳо халос шуданӣ мешуданд. Аксар вақт шаҳрҳо озодии худашонро бар ивази пули зиёд муваффақ мешуданд. Агар ин хел имконият набошад, роҳи шӯришро пеш мегирифтанд. Дар як қатор шаҳрҳои Франсия дар асрҳои XII–XIII ба муқобили сенорҳо мубориза авҷ гирифт.

Ба ҳунармандон тайёркунии чизҳоро фармудани сокинони монастир ва қасрҳо, имконияти аз ҳамлаи душман пинҳон шуданро доштани онҳо дар оянда барои ташкили шаҳрҳо асос гардиданд. Шаҳрҳои **Мюнстер, Сен-Галлен** дар атрофи монастирҳо, **Страсбург, Гамбург, Аугсбург** дар атрофи қалъаҳои феодалон, **Падеборн, Бремен**, **Свейбрюккен, Брюгге** дар соҳилҳои дарё, дар паҳлӯи кӯпрукҳо барпо шуданд.

**Намуди шаҳрҳо**. Аввал шаҳрҳо аз деҳот бо зиёд будани аҳолӣ фарқ мекарданд. Атрофи шаҳрҳо девори манорадори мудофиавӣ, хандакҳои об иҳота мешуданд. Посбонҳо дар манораҳо шабу рӯз иваз шуда меистоданд. Бо мақсади ҳимоя аз душман дарвозаҳои шаҳр ва кӯпрукҳо аз оҳани мустаҳкам сохта мешуданд. Аз паси дарвозаҳо аз дохил тамба мегузоштанд. Шабона кӯпрукҳои болои хандакҳо бардошта, дарвозаҳо баста мешуданд.

Дар маркази шаҳр бозор ва дар паҳлӯи он ибодатхона ҷойгир шуда буд. Бинои шӯрои шаҳр – **ратуша** ҳам дар ин хел ҷой сохта мешуд. Дар даҳаҳои он ҳунармандони соҳиби ин ё он касб сукунат доштанд.

Аксари биноҳо аз чӯб сохта мешуданд. Онҳо ба якдигар зич ҷой мегирифтанд. Кӯчаҳо танг, баъзан барашон аз ду метр зиёд набуд. Кӯчаҳо асрҳои зиёд шабона чароғ, қубури об ва каналитзаӣия надоштанд. Ахлот низ ба худи кӯча партофта мешуд. Зичии аҳолӣ, набудани тозагии шаҳрҳои Европа сабабҳои паҳншавии касалиҳои сирояткунанда ва марги зиёд одамон мешуданд.Сӯхтор сар зада, тамоми хонаҳои чӯбин ва ҳатто мавзеъҳо тамоман нобуд мегаштанд.

**Аҳолии шаҳр**. Аксари аҳолии шаҳрро ҳунармандон, савдогарон, ҳаммолон, аробакашҳо, сартарошҳо ташкил мекарданд. Дар шаҳрҳои калон ашрофзодаҳо, феодалон, амалдорон, табибон, рӯҳониён ҳам бисёр буданд.

Қисми калони аҳолии шаҳр деҳқониро давом медоданд. Аз паси девори қалъа киштзорон, боғҳо, полиз ва чарогоҳҳои гӯсфанд, гов, аспҳо мавҷуд буданд.

Аҳолии шаҳрҳои асри миёнаи Европа бисёр набуданд. Аксари шаҳрҳо 3–5 ҳазор аҳолӣ доштанд. Дар асрҳои XIV–XV ҳам дар шаҳрҳои азим то 30 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекарданд. Дар шаҳрҳои калонтарин: **Париж, Константинопол, Милан, Флоренсия, Кордова, Севилия** 80–100 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекард.



**Расми 57.** Кӯчаи шаҳри асрҳои миёна.

**Ҳунармандӣ ва сеххо**. Асоси хоҷагии шаҳрҳоро ҳунармандӣ ташкил медод. Ҳунарманд соҳиби воситаи истеҳсолот буда, хоҷагиашро мустақил ба пеш мебурд. Онҳо бо маҳсулоти худ бозорҳоро таъмин мекарданд. Аз сабаби он, ки тамоми ҷараёни меҳнат дастӣ иҷро мешуд, ӯ хеле машаққат мекашид. Масалан, барои тайёр кардани дандони омоч оҳангар оҳани дар гулхани суп-сурх бо

анбӯр гирифта, болои сандон мемонд ва ба шакли даркорӣ меовард. Устоёни касбҳои асосӣ ба иттифоқи сехӣ муттаҳид шуда буданд.

**Дар ёд доред!**
**Сех** калимаи немисӣ буда, аввал номи зиёфати халифа ба усто, баъд иттифоқи устоёни ин ё он касбро мефаҳмонад.

Дар ҷамъомади умумии устоён низоми сех қабул мегардид, ки иҷрои он барои ҳама ҳатмӣ буд. Оқсоқоли интихобшудаи сех ба низом риоя кардани ҳунармандон, сифат ва миқдори маҳсулотро назорат мекард. Дар низом дастгоҳҳои усто, шумораи шогирдон, халифаҳо нишон дода мешуд. Ин гуна тадбирҳо барои ташкили шароити якхела барои устоён ва пеш гирифтани рақобат гузаронида мешуд. Нархи моли тайёрро ҳам оқсоқол маълум мекард.

Дар аксар ҳолатҳо устоён 1–2 нафар халифа ва якчанд нафар шогирд доштанд. Муносибати байни онҳоро низ сех назорат мекард. Муддати халифагӣ вобаста ба мураккабии касб 3–7 сол давом мекард, ин ҷараён бо тайёр кардани чизи хеле нодир ( шедевр) ва аз имтиҳони оқсоқол гузаронидан тамом мешуд. Дар Германия халифа дар сех-зиёфат гузаронида, баъд барои устогӣ рухсат мегирифт.

**Нақши сех дар ҳаёти шаҳрҳо.** Сех ҷашнҳои аъзоёни худро ташкил медод. Агар ҳунарманде вафот карда монад, оилаи онро баъд аз маргаш ҳам дастгирӣ мекард. Сехҳо дар посбонии шаҳр ва мудофиаи он ҳангоми ҷанг якҷоя шуда фаъолият мебурданд. Сехҳо герб, байрақ, ибодатхона ва ҳатто дар баъзе ҷойҳо қабристони худро доштанд. Агар сехҳо аввал барои ривоҷи истеҳсолот хизмат карда бошанд, дар асрҳои XIV–XV ба он монеъгӣ мекардагӣ шуданд. Афзоиши устоёни ҳунарманд дар шаҳрҳо ба рақобати онҳо оварда расонд. Аз байни ҳунармандон ва савдогарон шахсони бой пайдо шуданд. Яъне дар сехҳо низ ба табақаҳо ҷудошавӣ сар шуд: сехҳои

заргарӣ, мовутӣ ва дигарон бой шуда рафтанд. Ин ҷараён дар шаҳрҳои калон, ба мисли **Флоренсия, Лондон, Бристол, Париж, Базел** рӯй дод.



**Расми 58**. Ҳунарманди асрҳои миёна.

Ҳунармандон ба устогӣ гузаштани халифаҳо мамоният нишон медоданд. Дар натиҷа табақаи халифаҳое пайдо шуданд, ки дар зарфи 10–12 сол ба устогӣ нагузаштаанд. Халифаҳо ба ҷамъиятҳои **«Бародарӣ»** муттаҳид шуда, ҳақу ҳуқуқи худро, аз 14–16 соат кам кардани вақти кориро талаб мекарданд. Бино ба манбаъҳо, дар асрҳои XIV–XV дар **Флоренсия, Перуджа, Сиена, Кёлн** шӯришҳои камба-ғалони шаҳр шуда гузашт.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Сабабҳои аз хоҷагии қишлоқ ҷудо шудани ҳунармандии Европаро нишон диҳед.
2. Ба фикри шумо, сабабҳои пайдоиши шаҳрҳо чист?
3. Фарқи кишти думайдона ва семайдонаро гуфта диҳед.
4. Дар Европа шаҳрҳои нав чӣ хел ташкил ёфтанд?
5. Сехҳои ҳунармандӣ кадом вазифаҳоро иҷро мекарданд?
6. Сехҳо дар шароити шаҳрҳо чӣ хел нақш доштанд?

## § 16. БОЛОРАВИИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛ ДАР АСРҲОИ МИЁНА. БОЗОРҲО ВА ЯРМАРКАҲО

**Пайдоиши хоҷагии molӣ**. Сарфи назар аз назорати сехҳо ҳунармандон маҳсулоти худро барои бозор зиёд мекарданд. Аз ин сабаб талабот ба ашёи хом ва маҳсулоти кишоварзӣ афзуд. Дар навбати худ манфиатдории заминдорони калон ва деҳқонон аз зиёд намудани маҳсулот низ меафзуд. Онҳое, ки маҳсулоти худро фурӯхта, чизҳои ҳунармандӣ мехариданд, бисёр шуданд. Шаҳрҳои калон акнун на

фақат бо вилоятҳои атроф, балки бо кишварҳои хориҷӣ алоқаҳои савдоиро ба роҳ монданд. Акнун ба ҷои хоҷагии натуравӣ хоҷагии молӣ пайдо мешуд.

**Дар ёд доред!**
**Хоҷагии молӣ** — хоҷагиест, ки маҳсулотро барои ба бозор фурӯхтан ё иваз кардан тайёр мекунад.

Ҷоннокшавии савдо беҳтар кардани роҳҳоро талаб мекард. Дар Франсия бо фармони шоҳ роҳҳои асосӣ сангфарш карда мешаванд. Аз дарёҳо кӯпрукҳои чӯбӣ ва сангин мегузарониданд.

**Савдо бо кишварҳои Шарқ.** Савдогарони Европа ба бозорҳои Сурия, Миср, Эрон ва Осиёи Миёна рафта, аз бозорҳои шарҳ шоҳиворӣ, чизҳои зиннатӣ, зиравориҳо харид мекарданд. Роҳи бузурги абрешим, ки аз Хитой сар шуда, аз Осиёи Миёна мегузашт, дар бобати болоравии алоқаҳои савдоии кишварҳои Ғарб ва Шарқ аҳамияти калон дошт. Ин роҳи корвонҳо то соҳили шарқии баҳри Миёна мерасид.

Дар асрҳои XIII–XV дар Европаи Ғарбӣ роҳи савдоии **Левант**, ки Испания, Италия, Франсияи Ҷанубро мепайваст, инчунин роҳи савдои **Шимолии** байни баҳри Балтика, шаҳрҳои Брюгге, Любек, Новгород ба пешрафти савдо нақш гузоштанд.

Беш аз 70 шаҳрҳои Германия, ки ба **Иттифоқи шаҳрҳои Ганза** муттаҳид буданд, ҷой гирифта буданд, дар роҳи савдои Шимол ҷой гирифта буданд.

**Венетсия ва Генуя**, ки дар роҳи Левант ҷой гирифта буданд, флоти пурзӯри баҳрӣ сохта, рақобати савдоии онҳо баъзан ба ҷанг ҳам табдил мешуд.

**Савдогарон ва бозорҳо**. Шаҳриён ба кӣ мол фурӯхтан, ба кӣ қарз додан, пулро барои чӣ сарф намуданро нағз медонистанд. Савдогарони пурғайрат барои ғун кардани сарват ба сайёҳатҳои дурудароз ва хатарнок мебаромаданд.

Савдогарони италян дар соҳилҳои баҳри Миёна манзилгоҳҳои савдоии худ-**факторияҳ**оро ташкил карда

буданд. Аксари онҳо аз Генуя ва Венетсия буданд. Ин республикаҳои баҳрӣ ба флоти аҷиби савдо ва ҳарбӣ доштанд. Киштиҳои онҳо аз Шарқи Наздик то Европа молҳои қимматбаҳо: шоҳиворӣ, зарфҳои чинӣ, зираворихои гуногун ва дигар чизҳо гирифта мегузаштанд.

Намояндагони оилаи савдогарони венетсиягӣ — Полоҳо дар асри XIII то қароргоҳи хони муғулҳо дар дохили Осиё расида омаданд. **Марко Поло** аз сайёҳати 25 сол давом кардааш 17 солашро дар хизмати хони муғулҳо **Хубилай,** ки Хитойро забт карда буд, гузаронд ва бори аввал аз европоиҳо асрори ин кишварҳоро дар китобаш тасвир кардааст. Европоиҳо фақат дар асри XIX аз баҳр гузашта, кишварҳои дар асри XIII сайёҳаткардаи **Марко Полоро** бо чашмони худ диданд. Баъди 200 сол сайёҳи генуягӣ **Христофор Колумб** ин китобро хонда қарор кард, ки ба Ҳиндустон албатта хоҳад рафт.



**Расми 59**.
Марко Поло.

Дар аксари шаҳрҳои Европа бозорҳо як ё ду рӯз ташкил мешуданд. Бозорҳои доимӣ фақат дар шаҳрҳои доимӣ буданд.

Афзоиши мубодилаи мол ва савдо барои сохтани бозорҳои шаҳрҳо эҳтиёҷ пайдо кунонид. Аз ҷумла, бозори нахустини пӯшида дар Лондон — **Блекюлхолл** соли 1397 сохта шуд. Бозорҳо барои фурӯхтани чизҳои маълум ихтисосонида шуд.

**Банкҳо, ярмаркаҳо ва биржаҳо**. Банкҳои аввалин дар асрҳои XIV–XV дар шаҳрҳи азими Италия пайдо шуданд.

**Дар ёд доред!**
**Банк** аз калимаи италянии банко гирифта шуда, маъноаш курси, курсии дӯкони саррофӣ аст.

Ярмаркаҳо барои васеъшавии мубодилаи мол хизмат карданд. Барои ривоҷи ярмаркаҳо ҳокимон имтиёзҳо

медоданд, масалан муваққатан аз андози роҳ озод карда буданд. Дар ярмаркаҳо ғайр аз хариду фурӯш, сайрҳои халқӣ, идҳо ҳам сурат мегирифт. Дар онҳо артистони сайёр, тамошои мусиқа ва сурудҳо, асарҳои саҳна намоиш медоданд. Тамошоҳо, мушакбозиҳо барои тамошобинони деҳот, ки дар давоми як сол боре ба ин ҷоҳо меомаданд, тадбири дилкушо мегардиданд.

**Дар ёд доред!**
**Ярмарка** — номи ҷоест, ки савдои чакана баргузор мегардад, савдогарони кишварҳои гуногун иштирок карда, молро иваз ё харид мекарданд.

Ярмаркаи машҳуртарини Европаи асримиёнагӣ дар **графии Шампан** — маркази шаҳри Реймс (дар шим. шарқии Франсия) шуда гузаштааст.

Дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои савдоӣ бо дигар мамлакатҳо барои иваз кардани пул ба савдогарони кишварҳои гуногун зарурат пайдо шуд ва дар натиҷаи он дар кишварҳои Европа ҷои махсус-биржаҳо ташкил карда мешавад.

**Дар ёд доред!**
Калимаи **биржа** аз номи ҷое, ки наздии меҳмонхонаи «Бурсе»-и шаҳри Брюгге вуҷуд дошт, гирифта шудааст.

Биржаҳо соли 1409 дар Брюгге, соли 1460 дар Антверпен, соли 1462 дар Лион ташкил шудаанд.

Ҳамин тариқ дар Европа дар асрҳои XI–XV дар шаҳрҳо ҳунармандӣ ва савдо пеш рафта, биржа, банк, бозорҳо ба вуҷуд омаданд.

**?! Савол ва супоришҳо:**

1. Фарқи байни хоҷагии натуравӣ ва молиро эзоҳ диҳед.
2. Оиди роҳҳои асосии савдоии Европа чиҳоро дар ёд доред?

3. Дар шаҳрҳои асримиёнагӣ аҳамияти бозор ва ярмаркаҳо чӣ хел буд?
4. Биржа чист, он чӣ гуна пайдо шуд?

# §17. ШАҲРҲОИ АСРҲОИ МИЁНАИ КИШВАРҲОИ ОСИЁ. ҲУНАРМАНДӢ ВА САВДО

**Шаҳрҳои асри миёна**. Дар кишварҳои Шарқ даври мутараққии асрҳои миёна ба даврҳои гуногун рост омадааст. Ин ҳолат бо дараҷаи гуногуни тараққиёти истеҳсолот дар ҳар як кишвар эзоҳ дода мешавад.



**Расми 60.** Деҳли, Манораи Қутб. Асри XII.

Шаҳрҳо, ки даставвал чун марказҳои маъмурӣ ё қалъаҳои ҳарбӣ пайдо шудаанд, баробари ривоҷи ҳунармандӣ ва савдо тараққӣ карда рафтанд.

Шаҳрҳои **Чанъан, Лоян, Ханчҷоу, Камакура, Киото, Осака, Деҳли, Бағдод, Бухоро** ва **Самарқанд** шаҳрҳои калонтарини Осиё ба шумор мерафтанд. Дар ин шаҳрҳо мактабҳо, китобхонаҳо ташкил шуда, олимон, шоирон, рассомон, мусиқорон аз гўшаву канорҳои гуногуни мамлакат ҷамъ омада, зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Шаҳрҳои Осиё бинобар он, ки дар заминҳои давлатӣ ташкил шуда буданд, дар тафовут аз шаҳрҳои Европа бар зидди феодалон мубориза набурдаанд.

Дар яке аз давлатҳои калонтарини Осиё Хитой пайдоиши шаҳрҳои феодалӣ ва инкишофи онҳо ба асрҳои IX–XIII рост меояд. Шаҳрҳо ба императори Хитой тобеъ буданд.

Ба инкишофи шаҳрҳо ҷангҳои истилогарона мамониат мекарданд. Аз ҷумла, Ҳиндустон ва шаҳрҳои он дар

асрҳои миёна борҳо ба ҳуҷуми истилогарон дучор омаданд. Ҷангҳои доимӣ шаҳрҳои Ҳиндустонро аз тараққиёт боз мемононд.

Шаҳрҳои асримиёнагии Япония дар ҷойҳои гуногун: дар атрофи ибодатхонаи буддавӣ, дар сари роҳ ва истгоҳи алоқа дар соҳили баҳр; атрофи қалъа ба вуҷуд омада буданд. Шаҳри **Хейя**н соли 1177 дар натиҷаи сӯхтор вайрон шуд. Ин шаҳр баъди барқарор шудан номи **Киото**ро гирифта, пойтахти кишвар шуд. Киото дар давоми бисёр асрҳо маркази иқтисодӣ, динӣ ва мадании Япония мешавад.

**Ҳаёти шаҳрҳо.** Шаҳрҳои Осиё низ роҳи ба худ хоси тараққиётро аз сар гузаронидаанд. Аз ҷумла,дар асри XI дар Хитой шаҳрсозӣ ба дараҷаи баланд мерасад. Император ва ашрофон қасрҳои мӯҳташам сохта буданд. Аз сабаби норасоии чӯб дар мамлакат дар сохтмон бештар хишт, сафол ва санг истифода мебурданд.

Дар фарқияти шаҳрҳои Европаи Ғарбӣ дар шаҳрҳои калони Хитой адои хизмати маишӣ беҳтар ба роҳ монда шуда буд. Аҳолӣ ба воситаи қубурҳои сафолӣ бо оби тоза таъмин буданд, тоза кардани шаҳрҳо аз ахлот ва корҳои сӯхторхомӯшкунӣ ба роҳ монда шуда буд.

Аҳолии шаҳрҳои Осиё нисбат ба Европа бештар буданд. Хусусан, аҳолии шаҳрҳои асримиёнагии Хитой зич ҷой гирифта буданд. Дар асри XVI дар **Пекин** 1 млн, дар **Нанкин** аз он бештар аҳолӣ будааст. Дар шаҳрҳои **Исфаҳон, Шерози** Эрон бештар аз 200 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекард. Пойтахти салтанати Амир Темур **Самарқанд** дар охири асри XIV– ибтидои асри XV тараққӣ карда, дар дунё ном баровarda буд. Шоирон ва файласуфони асрҳои миёна Самарқандро чун «Сайқали рӯйи замин» таърифу тавсиф намудаанд. **Бухоро** ҳам дар олами Шарқ мақоми худро дошт, он чун маркази дини ислом, савдо ва ҳунармандӣ шӯҳрат пайдо карда буд.

Шаҳрҳои давлатҳои мусулмонии Осиё дар асоси тарҳи умумӣ: дар марказ — **арк**, қалъаи ҳокими шаҳр, дар атрофи он - **шаҳристон**, гузарҳои аҳолинишин барпо



**Расми 61.**
Арки Бухоро.

карда мешуданд. Дар атрофи шаҳр **работ** ҷой мегирифт. Дар он гузар ва маҳаллаҳои ҳунармандон мавҷуд буданд. Бинобар он, ки дар Шарқ чӯб кам буд, ашёи хоми сохтмон санг ва хишт буд. Ҳокимон, бойҳо қасрҳо ва ҳавлиҳои худро аз хишти пухта ва мармар, камбағалон бошанд, хонаашонро аз пахса ва кулӯх месохтанд. Хонаи камбағалон тез-тез таъмирталаб мешуд. Одатан ин хона агар мерос монад, онро вайрон карда, ба ҷояш навашро месохтанд.

**Ҳунармандӣ**. Ҳунармандони Шарқ қисми зиёди матоъҳои шоҳӣ, чизҳои зебу зиннатро барои фурӯхтан ба хориҷа тайёр мекарданд.

Дар шаҳрҳои Осиё ва Африкаи Шимолӣ ҳам сеххои ҳунармандӣ баробари шаҳрҳо пайдо шуда буданд. Дар Шарқ аввал аҳолии шаҳрҳо аз андоз озод буданд. Бо мурури вақт аз савдогарон ва ҳунармандон андозҳои гуногун гирифта мешуданд. Дар хилофати Араб, Япония, Хитой оқсоқолҳои сех аз устоён ва савдогарон андоз ҷамъ мекарданд.

Дар Хитой ҳамаи устоён маҷбуран аъзои сех мешуданд. Соҳаҳои асосии ҳунармандӣ дар Хитой ба дараҷаи баланд расида буданд. Хусусан, фақат хитоиҳо киштие сохтанд, ки дар он 600–700 кас ва аз он ҳам бештар одам мегунҷид. Онро **ҷонка** меномиданд.



**Расми 62.** Ҷонка.

Шаҳрҳои дар Роҳи бузурги абрешим ҷойгирифтаи Осиёи Миёна маркази савдои транзитӣ ҳам буданд. Коғазу матоъҳои Самарқанд, чизҳои кулолони Ғиҷдувон, матоъҳо ва либосҳои устоёни Марв баҳои баланд доштанд.

Устоёни эронӣ дар асрҳои миёна бо парча ва матоъҳои шоҳӣ, қолинҳои пашмини худ шӯҳрат доштанд. Савдогарон аслиҳаи пӯлодин, зарфҳои мисин ва нуқрагини Эронро бисёр харид мекарданд.

**Савдо.** Пайдошавии давлатҳои азими мутамарказ аз қабили хилофати Араб, империяи Тан ва султонии Деҳли савдоро ба манбаи калони даромад табдил доданд. Аз Шарқи Дур то баҳри Миёназамин роҳҳои корвон мегузашт. Бо воситаи халиҷи Форс, бахри Сурх даҳҳо киштиҳои савдогарони араб, ҳинд ва хитой мегузаштанд. Дар тафовут аз Осиё ақибмондаи иқтисодӣ, ҷангҳои беамон Африкаро ба манбаи ашёи хом, намак, устухони фил, зиравори, қисман ғуломон табдил дод.



**Расми 63.** Бозори Осиё.

Бозорҳои Осиё бо ғалоғулаҳои худ фарқ мекарданд. Бозорҳои асримиёнагӣ аксар вақт дар назди дарвозаи шаҳр сохта мешуданд. Дар дохили шаҳр бозорчаҳо фаъолият доштанд, дар онҳо маҳсулоти махсус фурӯхта мешуданд. Бозорҳои калони Осиёи Миёна ва Эрон аз чандин растаҳо иборат буданд. Ҳар як раста ба савдогарони ягон хели мол мефурӯхтагӣ ё ҳунармадони бо касби муайян машғул вобаста буданд. Дар асрҳои миёнаи барвақт дар Бағдод, Ишбилия (Севиля) ва Ғарнота (Гранада–Испания) бозори мардикорон мавҷуд буд.

Дар бозорҳои Шарқ устохонаҳо ва дӯконҳои ҳунармандӣ ҷой гирифта буданд. Дар баъзе ҳолатҳо

бозорҳои сайёр низ ташкил мегардид. Дар шаҳристонҳо савдогарон ва аҳолии атроф, деҳот барои фурӯши маҳсулоти худ ҷамъ мешуданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи хусусиятҳои пайдоиши шаҳрҳои асримиёнагии кишварҳои Осиё нақл кунед.
2. Дар бораи шаҳрҳои Хитой чиҳо медонед?
3. Дар бораи Япония ва Эрон нақл кунед.
4. Дар шаҳрҳо кадом намудҳои ҳунармандӣ ривоҷ карда буданд?
5. Хусусиятҳои хоси шаҳрҳои Осиё аз чиҳо иборат буданд?
6. Шумо дар бораи бозорҳо ва савдои кишварҳои Шарқ чиҳоро дониста гирифтед?

## §18. КАЛИСОИ НАСРОНӢ ДАР АСРҲОИ МИЁНА

**Паҳншавии дин дар Европа.** Аз таърихи дунёи қадим маълум аст, ки дини насронӣ дар асри I дар Шарқи Наздик пайдо шудааст. Ҳалол зиндагӣ кардан ва ба туфайли тоату ибодат байни инсону худо ба мулоқот ва эътиқод расидан асоси дини насрониро ташкил медиҳад.

Дини насронӣ дар асри IV дар байни қабилаҳои германӣ низ ба паҳн шудан сар кард. Шоҳи франкҳо **Хлодвиг** насрониятро дар охири асри V қабул кард. Роҳибони серғайрат, ки дар монастирҳои Англия ва Ирландия камол ёфта буданд, ба гӯшаҳои канории Европа рафта, аҳолиро ба насроният гузарониданд.

Руси Киевӣ ва Булғория дар охири асри X мазҳаби православии насрониятро аз Византия қабул карданд.

**Дар ёд доред!**

Дини насронӣ дар Европа аз асри IV сар карда, то асрҳои XIII–XIV паҳн шудааст.

**Тақсимшавии калисо.** Ба империяи Ғарбӣ ва Шарқии Рим тақсимшавии империяи Рим дар соли 395 ба ҷудошавии калисо ҳам оварда расонд. Дар соли 756 бо ёрии шоҳи Франк дар Италия давлати папаҳои Рим – **вилояти Папа** ташкил карда мешавад. Калисои Византия ба ташкилоти динии тобеи давлат ва аз тарафи патриархи Константинопол идорашаванда табдил меёбад.

Рақобат барои ба зери таъсири худ даровардани булғорҳо дар Европаи Шарқӣ дар соли 1054 расман ба ҷудошавии **калисоҳо («католик ғарбӣ («ҷаҳон») ва православи шарқӣ («дини соф», «эътиқоди ҳаққонӣ»)** оварда расонд. Аз миёнаҳои асри XI калисоҳои рим-католикӣ ва юнон-православӣ мустақил фаъолият мебурданд.

Дар Ғарб ваъзи калисо ба лотинӣ, дар Шарқ ба юнонӣ хонда мешуд. Агар калисои католикӣ ба ҳамаи рӯҳониён хонадор шуданро манъ карда бошад **(«селебат»)**, дар православҳо фақат ба роҳибон иҷозат дода намешуд.

**Калисо ва давлат.** Муносибатҳои феодалӣ, ки дар аср V дар Европа сар шуд, калисоро низ фаро гирифт. Аз се як қисми киштзорон ба ихтиёри ибодатхонаву монастирҳо гузашт. Ин заминҳоро давлат аз андоз озод карда буд, дар онҳо садҳо ҳазор деҳқонони иҷоракор меҳнат мекарданд.

Ғайр аз ин, калисои насронӣ аз аҳолӣ андози ушр (даҳяки ҳосил) мегирифт. Аҳолӣ инчунин барои тамъиду никоҳи фарзанд, гузаронидани маросим таъзияи марҳум ва дигар оинҳо пул медод. Қисми зиёди даромади калисо ба хазинаи папаи Рим мерафт. Калисои католикӣ аз ҳисоби **«индулгенсия»** (лотинӣ - «авф»), яъни фурӯхтани ёрлиқи авфи гуноҳ низ бой мегардид. Баднафсии калисо то дараҷае расид, ки он аз инсонҳо на фақат барои гуноҳи содиркарда, балки барои гуноҳҳоиояндааш низ бар ивази пул авф мекард.

Дар Европа калисо ба ташкилоти муҳими давлатӣ табдил ёфт, ба фаъолияти сиёсиву иқтисодии он дахолат мекард, вазифаи судро иҷро менамуд. Ҷазои сахти калисо-

**интердикт** - дар кишвар муваққатан манъ шудани ибодат ва маросим буд.

Дар даври папагии **Инокентийи III** (1198–1216) калисои католикӣ ба қуллаи қудрати худ баромад. Гуфтаҳои вай «чуноне, ки моҳ нурро аз офтоб мегирад, ҳокимияти шоҳ низ ҷилояшро аз папагӣ мегирад» дар амал татбиқ мешуд. Папаи Рим ҳукмдорони герман, франсуз ва англисро ба воситаи **интердикт** тавба мекунонид. Ҳукми папаро роҳибон ба аҳолӣ мерасонд.

Монастири аввалин дар асри IV ташкил шуд. Роҳибон ҳангоми бекорӣ аз тоату ибодат бо хаттотӣ машғул буданд. Баъзеяшон ба мактабҳои назди монастир дарс медоданд.

**Муборизаи зидди даҳриён.** Ононе, ки ба муқобили калисо ва таълимоти он мебаромаданд, **еретикҳо** (юнонӣ-«даҳриён») номида шуданд. Онҳо бар зидди сарват, расму оинҳои бодабдабаи калисо баромада, тарафдори ғояи калисои оддӣ буданд. Барои муборизи зидди еретикҳо суди калисо – **инквизитсия** (лотинӣ - «ҷустуҷӯ намудан») ташкил шуд. Дар даври папа **Георгийи IX** (1227–1241) ҷустуҷӯ намуда, ҷазо додани душманони калисои насронӣ ба қуллаи баланди худ баромад.

Фаъолияти инквизитсия хусусан дар Испания васеъ паҳн шуд. Дар он ҷо ҳатто дар гулхан партофта сӯзонидан - **«аутодафе»** (португалӣ - кори дин, эътиқод) ҳам истифода мешуд. Ҷараёни қатл ба тамошои ҷашни калисо табдил меёфт, дар он шоҳ ва амалдорони дарбор, ашрофон ва ҳазорон намояндагони халқи оддӣ иштирок мекарданд.



**Расми 64.** Аутодафе.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар Европа дини насронӣ кай расман эътироф гардид?
2. Калисои католикӣ аз православӣ чӣ фарқ дошт? Эзоҳ диҳед.

3. Калисо дар асрҳои миёна чӣ гуна мавқеъ дошт?
4. Савдои индулгенсияро чӣ хел фаҳмидед?
5. Инквизитсия чист ва он ба кӣ хизмат мекард?

# §19. ЮРИШҲОИ САЛИБӢ ВА МАҚСАДҲОИ ОН

**Юришҳои салибӣ.** Юришҳои салибӣ ҷангҳои истилогаронаи феодалони Европаи Ғарбӣ ба Шарқи Наздик буд. Ин ҷангҳо солҳои **1096–1270** давом кард. Юришҳои салибӣ аз тарафи калисои католикӣ **ҳашт маротиба** ташкил карда шуд. Мақсад аз ин юришҳо ба воситаи забти заминҳои Шарқ пурзӯр намудани таъсири калисо буд.

Шароите, ки дар Шарқ дар асри XI ба вуҷуд омад, барои юришҳои салибӣ хеле қулай буд. Нимҷазираи Осиёи Хурдро туркони салҷуқӣ қариб тамоман забт карда буданд. Аз ин ҳудуд зиёратчиёни кишварҳои Ғарб, бо ҷойҳои муқаддаси Фаластин, бино ба ривоятҳо, роҳҳои ҷои дафни Исопайғамбар дар Қуддус мегузашт. **Қуддус** беш аз панҷ аср дар дасти мусулмонҳо буд. Гарчанде муносибати ҳокимон ва аҳолии маҳаллӣ ба зиёратчиён бад набуд, аммо ҷангҳои дохилии байни ҳукмдорони мусулмон, ки дар охири асри XI авҷ гирифт, зиёрати насрониҳоро зери хавф мегузошт.



**Расми 66.** Дар шаҳри Клермон ба юришҳои салибӣ II даъват кардани папа Урбани II.

Императори Византия гарчанде бо папаи Рим муросо надошт, аммо барои муборизаи зидди душманони насрониҳо ба Ғарб барои фиристодани лашкар муроҷиат кард. Папа **Урбани II** соли 1095 дар шаҳри **Клермони** ҷануби Франсия дар ҷамъомади калони калисо дар ҳузури ҳазорон рӯҳониён, ритсарҳо ва халқи оддӣ нутқ кард. Вай онҳоро барои ҳифзи қабри Исопайғамбар дар Қуддус даъват кард. Папа ба иштирокчиёни юришҳо бахшидани гуноҳи

онҳо ва агар ҳалок шаванд, аз ҷаннат ҷой гирифтанашонро талқин кард. Урбани II сарватҳо ва серҳосил будани «замини муқаддас»-ро хотиррасон намуд. Дар Фаластин «шир ва асал дарё шуда ҷорӣ гаштанашро, Қуддус нофи замин, заминаш ҳосилхезу ҷаннатмакон буданашро» таъкид кард.

Ин суханонро ҳозирон «Иродаи Худо ҳамин!», «Хоҳиши Худо ҳам чунин!» гӯён бо овози баланд тасдиқ мекарданд ва аз матоъ «бут», яъне акси «Салиб»-ро бурида, ба либосҳои худ медӯхтанд. Аз ин сабаб, иштирокчиёни ҷанг «салибдорон», ҷангҳо номи юришҳои салибиро гирифтанд.

**Дар ёд доред!**

**Ҷамъомадҳои калисо** - ҷамъомаде буд, ки аз асри III сар карда калисои насронӣ иборат аз рӯҳониёни олимақом барои ҳалли муаммоҳои назарӣ, амалӣ ва идоракунии калисо ҷамъ меомаданд.

Калисои католикӣ барои иштирокчиёни юришҳои салибӣ бисёр сабукиҳо, аз ҷумла деҳқононро аз қарз озод, оилаи онҳо зери ҳимояи калисо буданашонро ваъда кард.

**Мақсад ва вазифаҳои иштирокчиёни юришҳои салибӣ.** Деҳқонон дар юришҳои салибӣ иштирок карда, аз ҳаёти вазнини худ раҳо ёфтанӣ шуда, дар Шарқ ба мулк ва ҳаёти



**Расми 67.** Иштирокчиёни юришҳои салибӣ.

хушбахтона умед бастанд. Аксари салибдорон ритсарҳо ва бештарашон аз оилаҳои камбағал буданд. Писарони хурдии оила баъди ҷорӣ шудани майорат, яъне ба писари калонӣ мондани мерос, ба мероси падар умед надоштанд.

Ритсарони ба ин ҳолат афтода барои шаъну шӯҳрат ва сарват ба роҳ баромаданд. Герсогҳо, графҳо ва ҳатто баъзе шоҳу императорон низ ба Шарқ раҳсипор шуданд. Онҳо ният доштанд, заминҳои нав гирифта, аҳолии он ҷойҳоро зери даст мекунанд. Дар ниҳояти кор иштирокдорони юришҳо дар Европа соҳиби эътибор мегаштанд.

Ба лашкар ҳатто савдогарон низ ҳамроҳ шуданд, онҳо орзу доштанд ба воситаи савдо кардани молҳои Шарқ зуд бой мешаванд. Агар гӯем, ки иштирокчиёни юришҳои салибӣ фақат фоидаро фикр мекарданд, хато мешавад. Онҳо манфиати моддиро бо кори ҳимояи «қабри пайғамбар» аз мусулмонон муқаддас ва пайваста медонистанд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Юришҳои салибӣ чист? Сабабҳои онҳоро нишон диҳед.
2. Барои юришҳои салибӣ дар Шарқ хел шароити қулай мавҷуд буд?
3. Чаро калисои католикӣ ба ташкилкунандаи юришҳои салибӣ табдил ёфт?
4. Папаи Рим Урбани II ба иштирокчиёни юришҳои салибӣ чӣ хел сабукиҳоро ваъда дод?

## §. 20. ЮРИШҲОИ АВВАЛИНИ САЛИБӢ

**Юриши якумини салибӣ.** Ба юришҳои аввалини салибӣ ритсарҳои вилоятҳои Франсия, Италия ва Германия ҷамъ мешаванд. Онҳо нағз мусаллаҳ, бо хӯрокии зарурӣ ва пул таъмин буданд. Тирамоҳи соли 1096 дар пойтахти Византия — Константинопол ритсарони ҷамъомадаро император **Алексейи I** савганди вассалиро ба онҳо бор мекунад. Ин маънои давлатҳои ояндаи насронӣ, ки дар Шарқи Наздик ташкил мешавад, бояд аз нигоҳи сиёсӣ тобеи Византия бошандро дошт.

Юришҳо бо ташкил шудани давлатҳои салибдорон дар Сурия ва Фаластин хотима ёфтанд. Салибчиён ҳангоми забти Қуддус танҳо дар масҷиди ҷомеъ 10 ҳазор мусулмонро куштанд. Яҳудиён дар синагога (ибодатхона) - ашон сӯзонда мешаванд. Ҳангоми куштор занону бачаҳои зиёд ҳалок мегарданд. Ритсари ба хонаи шаҳриён дохилшуда сипари худро ба дари хона овезон мекард ва ин маънои хона бо тамоми ҷиҳозаш мансуби хӯҷаини нав буданашро мефаҳмонд.

**Салибдорон дар Шарқи Наздик**. Ритсарҳое, ки аз Европа омаданд, барои то 200 сол дар заминҳои истилошуда мондани насрониҳоро таъмин кард.

Дар Шарқи Наздик салибдорон деҳқонони маҳаллиро мутеъ сохтанд. Хӯҷаинони нав аз се як қисми ҳосилро чун андоз кашида мегирифтанд. Илова бар ин барои аслиҳа, калисо андоз гирифта мешуд. Дар оқибат нафрати аҳолии маҳаллӣ нисбат ба салибдорон пурзӯр шуда, шӯришҳо сар карданд. Зиддиятҳои дохилии худи салиб-



**Расми 68.** Шаҳри Қуддусро муҳосира намудани салибдорон.

доронва тазйиқи ҳукмдорони мусулмонӣ атроф торафт пурзӯр мешуд.

Феодалони Ғарб дар мамлакатҳои бегона ва душман худро ноором ҳис мекарданд.

**Орденҳои динию ритсарӣ.** Орденҳои динию ритсарӣ, ки дар Фаластин ташкил шуд, аз орденҳои маъмули роҳибон фарқ дошт. Дар Ғарб кори асосии роҳибон ибодат ва меҳнат бошад, вазифаи асосии аъзоёни орденҳои динию ритсарӣ ҷанг буд. Онҳо барои хонадор нашудан, дар камбағалӣ зистан, бечуну чаро ба калисо итоат кардан ва то охири умр ба даст аслиҳа гирифта, бар зидди душманони дини насронӣ ҷангидан ҳасам хӯрда буданд.

Ордени аввалини динию ритсарӣ ордени **госпиталйерҳо** буд. Дар Қуддус пеш аз юришҳои салибӣ бо номи авлиё **Иоанн Иерусалимӣ** госпитал («ғарибхона») мавҷуд буда, дар он ба беморон ва зиёратчиён ёрӣ расонда мешуд. Дар госпитал аз ҷумлаи роҳибон-хизматгорони он минбаъд орден ташкил карда шуд.

Онро баъзан ордени **иоаннийҳо** ҳам меномиданд. Баъди он ки мусулмонҳо Фаластинро гашта ишғол карданд, орден аввал ба ҷазираи Родос, баъди чанд аср ба Малта кӯчида рафт.

Ордени дуюми ритсарҳо ордени **тамплйерҳо** («храмовникҳо», аз калимаи храм-ибодатхона) барои ҳимояи зиёратчиёне, ки ба Қуддус омада буданд, ташкил шуд. Он бо номи теппагии Қуддус, ки дар он ритсарҳо ҷой гирифта буданд, чунин номида шуд.

Аъзоёни орден бо ҷасорати ҳарбӣ ва кордониашон фарқ мекарданд. Тамплйерҳо ғайр аз гирифтани хайрияю инъомҳо бо судхӯрӣ низ машғул мешуданд. Дар Европа оиди сарватҳои онҳо достонҳо паҳн шуда буд. Бойгарӣ дар ибтидои асри XIV ба манъи орден оварда расонд.

Ордени сеюмини динию ритсарӣ ба Бибӣ Марями муқаддас бахшида шуд. Аз сабаби он, ки аксар аъзоёни он аз Германия буданд, онро **Немис** (лотинӣ **ордени Тевтон**) номидаанд. Орден дар Фаластин дер намонд.

**Юришҳои салибии дуюм ва сеюм.** Подшоҳони мусулмон аз тарафи Шарқ ва Ҷануб салибдоронро танг карда меомаданд. Барои бурдани мубориаи зидди онҳо феодалони Европа юриши дуюми салибиро ташкил карданд. Юриши дуюми салибӣ солҳои 1147—1149 ба амал омад. Дар он шоҳи Франсия бо лашкари худ бевосита иштирок кард. Аммо ин юришҳо бемуваффақият анҷом ёфтанд.

Давлатҳои мусулмонӣ дере нагузашта давлати пурқудрат ташкил карданд.

Султони Миср **Салоҳиддин Аюбӣ** соли 1187 ҷиҳод эълон карда, аз салибдорон Қуддусро кашида гирифт. Ин воқеа ба ташкили юриши сеюми салибии европоиён (1189−1192) оварда расонд. Вале ин юриш бо иштирок императори германҳо шоҳи Франсия ва шоҳи Англия бемуваффақият тамом шуд.



**Расми 69.** Госпиталйер.



**Расми 70.** Тамплйер.



**Расми 71.** Ритсари Тевтон.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи аввалин юриши салибӣ ва натиҷаҳои он нақл кунед.
2. Давлатҳоеро, ки салибдорон ташкил кардаанд, аз харита нишон диҳед.
3. Аз чӣ сабаб халқҳои Шарқи Наздик бар зидди салибдорон шӯриш бардоштанд?

4. Орденҳои динию ритсарӣ ба кадом мақсад ташкил карда шуданд?
5. Барои ташкили юриши сеюми салибӣ дар Европа чӣ омил гардид?

## § 21. ЮРИШҲОИ НАВБАТИИ САЛИБӢ: НАТИҶАҲО, ОҚИБАТ ВА АНҶОМ

**Юриши чоруми салибӣ (1202–1204).** Охири асри XII папа **Инокентийи III** ба ташкили юриши нави салибӣ сар кард.



**Расми 72**. Салибдорон бо савдогарони Венетсия мулоқот мекунанд

Салибчиён аз Венетсия ба воситаи баҳр барои ба Фаластин бо киштиҳо бурдани лашкар аҳд баста, 85 ҳазор пули маркаи нуқрагӣ доданро ба зимма мегиранд). Салибдорон аз се як қисми ин пулро дода натавониста, маҷбур мешаванд бар зидди рақиби Венетсия дар соҳаи савдо- бо Византия ҷанганд. Барои ин ҷанг баргардондани тоҷу тахт ба **Исааки II Ангел**, ки онро додараш аз тахт дур карда ба чашмаш мил кашида буд, баҳона гардид.

Иштирокдорони юриши чоруми салибӣ — лашкари ритсарҳо ба деворҳои Константинопол наздик мешаванд ва соли 1204 ба шаҳр ҳуҷум мекунанд. Лашкари иборат аз бист ҳазор шаҳри аҳолиаш ним миллион нафараро ишғол мекунанд. Шаҳри Константинопол аз вақти ташкилшавӣ акнун ба ғанимати душман табдил ёфт.

**Империяи Лотин (1204–1261).** Лотинҳо (византиягиҳо салибдоронро чунин меномиданд) дар харобаҳои Византия давлате ташкил карданд, ҳамзамонон дар Ғарб Румания, муаррихони имрӯза Империяи Лотин меномиданд.

Императори нахустини Романия аз пешвоёни салибдорон графи Фландрия **Болдуин** интихоб мешавад. Аҷибаш ин, ки Болдуин худро давомдиҳандаи қонунии ҳокимияти императорони Византия, Романияро давоми Византия мегуфт.

Ба туфайли муқовимати шадиди юнониёни маҳаллӣ лотинҳо заминҳои Византияро пурра забт карда натавонистанд. Империяи Лотин бе ин ҳам зуд ба чандин князиҳо тақсим шуда рафт.



**Расми 73**. Ба Константинопол даромадани салибдорон

Лотинҳо дар заминҳои истилошуда тартиботи худро барқарор карданд. Дар ин давлат низ чун дар Европаи Ғарбӣ қасрҳои ритсарҳо қад кашиданд. Тахти партиархи Константинополро рӯҳониёни католик ишғол карданд, деҳқонон ба мутеъгии шахсии ритсарҳо даромаданд. Аксари ритсарҳои Византияро забт карда ба ватан баргаштанд. Боқимондаи онҳо дар империяи Лотин танҳо бо интизоми оҳанинашон нигоҳ доштанд. Дарбори Константинопол бо матонати ритсарҳояш дар Европа шӯҳрат пайдо кард. Онҳо хусусан дар бобати риоя кардан ба шаъну садоқати ритсарӣ намудан гаштанд.

**Барқароршавии Византия**. Умеди византиягиҳо оиди аз ватанашон дур кардани лотинҳо барабас нарафт. Аҳолии забтшуда салибдоронро хуш намедиданд, лотинҳо байни худ муросо надоштанд.

Дар яке аз рӯзҳо дастаҳои никеягиҳо барои "тарсондани" лотинҳо ба Константинопол омаданд. Дар он ҳол лотинҳо барои ҳуҷум ба никеягиҳо ба баҳр рафта, шаҳрро бе ҳимоячиён гузошта буданд. Юнониёни Константинопол наздикшавии лашкари никеягиҳоро шунида, хурсанд шуданд. Бо ёрии онҳо никеягиҳо вориди шаҳр шуданд, пойтахтро дарҳол гирифтанд. Лотинҳои ақибгашта аз даст рафтани шаҳрро диданд ва ғайр ба киштиҳо савор шуда, ба Европа баргаштан дигар чора надиданд. Императори Никея асосгузори охирин сулолаи василевсҳои Византия

**Михаили VIII Палеолог** 15 августи соли 1261 ба Константинопол тантанавор дохил шуд. Ҳамин тариқ, империяи Византия дубора барқарор шуд.

Ба туфайли бадбахтиҳои дар боло зикршуда, Византия аз кишвари пурқудрати дунё ба як қисми нимҷазираи Балкан, давлати юнонии хурде мубаддал шуд.

**Анҷомидан ва оқибатҳои юришҳои салибӣ.** Юришҳои салибии асри XIII вазъияти Шарқи Наздикро тағйир дода натавонист. Юриши ҳаштуми салибие, ки шоҳи Франсия **Людовики IX** солҳои 1269–1270 ташкил кард, охирин юриши салибӣ шуд. Дере нагузашта, мулкҳои салибдорон дар Шарқ пайи ҳам ба дасти мусулмонҳо гузашт.

Сабаби асосии ба охир расидани юришҳои салибӣ аслан дар дигаргуниҳое, ки дар охири асри XIII дар Европаи Ғарбӣ ба амал омад, ба ҳисоб меравад. Ҷангалҳо бурида ба киштзорон табдил мешаванд. Як қисми аҳолии безамини деҳот ба шаҳрҳои равнақёфта мераванд. Пурзӯр шуда рафтани ҳокимияти шоҳ ва сиёсати мутамарказкунии кишвар барои дар лашкари шоҳ давом додани хизмат ба ритсарҳо имкон дод. Савдогарон бори дигар афзалияти давом додани савдоро дар шароити осуда бовар ҳосил карданд.

Юришҳои салибӣ ба мақсади асосиашон – дар Шарқ ташкил кардани давлати тавонои насронӣ расида натавонистанд. Садҳо ҳазор иштирокдорони он ҳалок шуда, зарари калони молиявӣ ҳам ворид сохт.

Аммо шиносоӣ ба маданияти баланди Шарқ тарзи зиндагии феодалҳои Европаро якбора дигар кард. Дар натиҷа дар кишварҳои Европа андозро на бо мол, балки бо пул гирифтанӣ шуданд. Баъзе феодалон деҳқонони мутеъро бар ивази пул озод карданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Аҳамияти юриши чоруми салибӣ дар чист?
2. Империяи Лотин чӣ гуна ташкил ёфт?
3. Охирин юриши салибӣ кай шуда буд?
4. Дар бораи оқибатҳо ва аҳамияти юришҳои салибӣ нақл кунед.

# БОБИ IV. ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТҲОИ МУТАМАРКАЗ ДАР ЕВРОПАИ ҒАРБӢ

## § 22. ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТИ МУТАМАРКАЗИ ФРАНСИЯ



**Расми 74**. Қалъаи де Е дар Нормандия.

**Ҳокимияти шоҳ.** Дар он ҳоле, ки салибдорон дар биёбонҳои Сурия бар зидди мусулмонон меҷангиданд, Франсия давраи хеле вазнинро аз сар мегузаронд. Шоҳии Франки Ғарбии аввала ба чандин князиҳои хурду калони аз якдигар мустақил тақсим шуда рафт. Ин князиҳо ба мерос гузашта, боз тақсим мешуданд, дар натиҷаи никоҳҳои сулолавӣ аз даст ба даст мегузаштанд. Молу мулки шахсии шоҳ (доменаш) дар шимол аз Париж, дар ҷануб то Орлеан ҷой гирифта буд. Герсогҳои **Нормандия, Бургундия, Бретан, Аквитания** нисбат ба шоҳ ҳудуди бештар аҳолӣ доштанд. Графиҳои **Анжу, Тулуза, Блуа** ҳам дар бобати қудрат аз шоҳ кам набуданд. Дар домени шоҳ феодалҳои ба ӯ итоат накарда, қалъаҳо сохта, худро мустаҳкам намуданд.

**Дар ёд доред!**

**Домен** (лотини доминиум- мулк)- замини шоҳ, герсог, граф ва баронҳо, ки дар он ҷо деҳқонони мутеъ меҳнат мекарданд.

Шоҳ **Людовики VI** (1108–1137) барои ҷорӣ намудани тартиб дар домени худ ҳаракат кард. Вай шаҳрҳои Бурж ва Сансро ба домени худ ҳамроҳ кард. Шоҳ қалъаҳои баронҳои худсарро вайрон намуда, ба худ тобеъ кард. Кори **Людовики VI** барор карда, писарашро ба ягона меросхӯри герсоги Аквитания хонадор кард.

**Тақсимоти меҳнат дар байни вилоятҳо.** Дар Франсия асрҳои X–XI кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва савдо оҳиста-оҳиста рӯ ба тараққиёт ниҳод. Дар асри XII дар заминҳои акнун азхудшуда мутеъгии деҳқонон бекор карда шуд, як қисми андозро бо пул мегирифтагӣ шуданд. Дар натиҷа деҳқонон як қисми маҳсулоти худро ба бозор мебароварданд. Дар кишвар феодалон заминҳои худро ба деҳқонон ба иҷора медодагӣ шуданд. Ин тадбир муносибати деҳқононро ба замин беҳтар кард.

Тақсимоти меҳнат байни вилоятҳо пурзӯр шудан гирифт. **Нормандия** дар истеҳсоли оҳан, намак, парвариши асп ва чорвои калон, **Шампан** ва **Бургундия** дар бобати винопазӣ, нахи зағир ва матои пашмин ихтисосонида шуд. Савдогарон ин маҳсулоти худро ба ярмаркаи Шампан мебурданд. Дар натиҷа, ин маҳсулот дар сартосари кишвар паҳн мегардид. **Париж** маркази калонтарини ҳунармандӣ ва савдои минтақаи шимолу шарқии Франсия гашта буд. Бинобар болоравии тақсимоти меҳнат бо ҳоли худ зистани вилоятҳо ба охир расид. Робитаи савдо онҳоро ба якдигар вобаста кард. Зарурати пеш бурдани алоқаҳои иқтисодии байни вилоятҳо ба поён расонидани парокандагии феодалиро тақозо менамуд.

**Дар ёд доред!**

**Тақсимоти меҳнат дар байни вилоятҳо** ба истеҳсоли ин ё он маҳсулот ихтисосонида шудани вилоятҳо аст.

**Мубориза барои муттаҳид кардани кишвар**. Баробари болоравии шаҳрҳо табақаи нави иҷтимоӣ – шумораи **шаҳриён** афзуд. Табақаи шаҳриён барои бартарафсозии худсариҳои феодалон тарафдори ҳокимияти шоҳ буд. Шоҳро феодалони майдаву миёна низ дастгирӣ мекарданд. Онҳо умедвор буданд, ки ҳокимияти шоҳ вайҳоро аз тазйиқи графҳо ва герсогҳо халос мекунад. Дар чунин вазъият фақат феодалони калони динию дунёвӣ зидди ҷараёни мутамарказшавӣ буданд.

**Шоҳи Франсия Филиппи II** бо шоҳи Англия **Иоанн** барои мулкҳои англисҳо дар **Нормандия** мубориза сар кард. **Нормандияи «марвориди тоҷи англисҳо»** ҳисобрафта дар ибтидои асри XIII кашида гирифта шуд. Дере нагузашта **графии Тулуза** низ ба мулки шоҳ баргардонда шуд. Васеъшавии мулкҳои шоҳ бо ташкил кардани ташкилотҳои идораи умумидавлатӣ: Шӯрои шоҳ, Суди олӣ ва Садорати молия поён ёфт. **Людовики IX** ҷангу ҷидолҳои феодалиро дар мулки шоҳ манъ кард. Тангаҳои тилло ва нуқраи шоҳ сикказада дар тамоми вилоятҳои Франсия мегузашт. Дар оқибати он 40 намуд пули герсогу графҳо сикказада оҳиста-оҳиста аз байн рафт.

Франсия ҳамин тавр ба давлати мутамарказ табдил ёфт. Ҳокимияти шоҳ тамоми ҳудудҳои кишварро ба зери итоати худ даровард.

**Дар ёд доред!**
**Ҳокимияти мутамарказшудаи шоҳ** — итоат кунонидани ҳамаи ҳудуди кишвар бо ҳокимияти ягонаи шоҳ аст.

**?!** **Савол ва супоришҳо:**
1. Дар Франсия муносибатҳои иҷтимоӣ чӣ хел буданд?
2. Кадом тадбир муносибати деҳқонро ба замин беҳтар кард?
3. Дар бораи тақсимоти меҳнат байни вилоятҳои Франсия нақл кунед.
4. Пурзӯршавии ҳокимияти шоҳ аз даври ҳукмронии кӣ сар шуд?

## § 23. ШТАТҲОИ ГЕНЕРАЛӢ. ПАЙДОИШИ МОНАРХИЯИ ТАБАҚАВӢ

**Филиппи IV ва Папа.** Филиппи IV (1285–1314) мутамарказ намудани Франсияро давом дода, дар солҳои аввалин ҳумкрониаш графии Шампан, вилоят ва шаҳри Лионро ба домени шоҳ ҳамроҳ кард. Ҳаракати минбаъдаи



**Расми 75.** Қароргоҳи папа дар Авинон.

ӯ барои ишғол кардани Фландрия — яке аз марказҳои савдоию ҳунармандии шимолу ғарбии кишвар нигаронида шуд.

Филиппи IV аз шоҳони Европа аввалин шуда, аз калисо – соҳиби мулки калон андози замин талаб намуд.

Папаи Рим **Бонифатсийи VIII** (1294–1303) ғайр аз он, ки ба шоҳи Франсия андоз супурдани рӯҳониёнро манъ кард, аз Филиппи IV аз ҷанги зидди Фландрия даст кашиданро талаб намуд. Ин хоҳишро шоҳ рад кард. Папа ҷавобан ба он барои аз калисо дур карда, онро тантанавор эълон намудан, тайёрӣ медид.

**Штатҳои генералӣ**. Ҷавобан ба ин иқдоми папа шоҳи Франсия соли 1302 намояндагони се табақа: рӯҳониён, дворянҳо ва шаҳриёнро даъват карда, таклиф намуд, ки масъаларо бо папа муҳокима намоянд. Штатҳои генералӣ дахолати папаро ба корҳои дохилии Франсия сиёҳ намуд.

Филиппи IV ба ёрии аҳли ҷамъият такя карда, ба муқобили папа ҳаракат сар кард. Дар рӯзе, ки бояд ба шоҳ **анафема** (лаънат) хонда мешуд, як гурӯҳ аскарони ӯ ба қароргоҳи папа дар шаҳри **Анани** зада даромаданд. Онҳо папаи карахтшударо дастгир намуда, дар Франсия дар суд чавоб доданашро эълон мекунанд. Лекин сокинони Анани Бонифатсийи VII-ро халос мекунанд. Аммо папа таҳқирро дер бардошта натавонист ва девона шуда вафот кард.

**Дар ёд доред!**
**Штатҳои генералӣ** – «табақаҳои умумӣ») – муассисаи олии табақавию намояндагӣ дар Франсия.

Дар ин байни ғалабаи Филиппи IV бештар яқин шуд. Кардиналҳо архиепископи Франсияро ба папагӣ интихоб карданд. Вай дар бораи аз Италия ба шаҳри **Авинони** ҷануби Франсия кӯчидан қарор мекунад. Авинон гарчанд ба мулки шоҳи Франсия дохил набуд, зери таъсири он

монд. Ҳамзамонон "сарвари дунёи насрониҳо ба хизматгори содиқи шоҳи француз табдил ёфт" гуфта шикоят мекарданд. Барои бозгашти папаҳо ба Рим қариб 70 сол зарур шуд. Ин солҳо (1309–1377) дар таърихи калисои Рим номи **«асири Авинон шудани папа»** номида шуд.

**Дуои бади магистри бузург.** Аз «шаҳри боқӣ ба ҳимояи шоҳи француз» гузаронидани папаҳо ҳанӯз тӯҳфаи ғайричашмдошти **Филиппи IV** ба ҳамзамонон набуд. **«Кори тамплейрҳо»**, ки ӯ сар кард, дар Европа боиси овозаҳо гардид.

Дар яке аз шабҳои соли 1307 аксари аъзоён ва магистри бузурги орден ба ҳабс гирифта шуд. Ҳар гуна овозаҳо оиди сарвати зиёди орден ба сари аъзоёнаш бало шуд. Аз "папаи Авинон" розигӣ гирифта, молу мулки тамплейрҳо мусодира карда шуд. Аксари онҳо зери шиканҷа гирифта, ба гулхан партофта шуданд. Магистри бузург соли 1314 ба қатл маҳкум шуд. Аз қатли он як моҳ нагузашта, папа, баъд аз даҳ моҳаш Филиппи IV вафот карданд. Дар кишвар дар бораи ба дуои бад гирифта шудани Филиппи IV, ворисонашро ҳоло боз фоҷиаҳо мунтазир шуданаш гап паҳн мешуд.

**Дар ёд доред!**
**Дворянҳо** (ашрофони номдор**)** – қисми имтиёзии табақаи феодалон. Имтиёз меросӣ буда, аз авлод ба авлод мегузашт.

Ҳамин тариқ, дар асри XIV дар Франсия монархияи табақавӣ, яъне давлати мутамаркази ба ҷамъомади намояндагони табақа такякунанда ташкил шуд.

**?!** **Савол ва супоришҳо:**
1. Аз чӣ сабаб Филиппи IV бо папаи Рим ба низоъ рафт?
2. Дар мутамарказкунии Франсия шоҳ ба кӣ такя мекард?
3. Штатҳои генералӣ чист ва ба кадом мақсад даъват мешуд?
4. Монархияи табақавӣ чист?
5. Дар бораи «асирии папаҳо дар Авинон» нақл кунед.
6. «Кори тамплейрҳо» чаро ташкил карда шуд?

# § 24. ОҒОЗИ ҶАНГИ САДСОЛА ВА ДАВРИ АВВАЛИ ОН



**Расми 76.** Ҷанговарони ҷанги садсола.

**Ҷанги садсола ва марҳалаҳои он. Сабабҳои ҷанг.** Ҷанги байни Англияю Франсия, ки дар солҳои 30-юми асри XIV сар шуда (1337–1453) ба танаффусҳо беш аз сад сол давом кард, дар таърих номи **«ҷанги садсола»**-ро гирифт.

Баъд аз вафоти Филиппи IV аз зоти мардӣ даъвогари тахт пайдо нашуд. Аз асри X сар карда оилаи Валуаҳо ворисি Капетингҳо дониста мешуд. Аммо шоҳи англисҳо **Эдуарди III** набераи духтарии Филиппи IV-ро аз ҳар гуна валуаҳо бештар ба тахт ҳақдор эълон кард.

Ҳуқуқшиносони франсуз барои инкор кардани талаби шоҳи англис аз ***«Ҳақиқати Сали»***-и даври **Хлодвиг** қонуни ба меросии зан нагузаштани заминро ёфтанд. Ҳамин тариқ, онҳо қарор бароварданд, ки тахти Франсия ба писари духтари Филиппи IV дода нашавад.

Баҳс оиди ворисӣ бо ёрии шоҳ ҳал карда мешавад. Шоҳи Франсия соли 1337 аз тарафи англисҳо забт шудани замини Аквитанияро дар ҷанубу ғарбии кишвар эътироф кард. Ҷавобан ба ин Эдуарди III бар зидди Франсия ҷанг эълон кард.

**Оғози ҷанг.** Ҷанги Англияю Франсия дарҳол ба ҷанги умумиевропоӣ табдил ёфт. Шотландия ва Кастилия Франсияро, Португалия Англияро дастгирӣ кард.

Аз тамоми ҳудудҳои Европа ритсарҳо омада, ё ба хизмати англисҳо, ё ба хизмати франсузҳо даромаданд. Англисҳо соли 1340 флоти Франсияро мағлуб карда, дар хушкӣ ба ҳуҷум гузаштанд. Ҷанги нахустини калон соли 1346 дар назди **Креси** ба амал омад, дар он лашкари франсиягиҳо мағлуб гардид. Интизоми сахти лашкари англисҳо, шумораи зиёди он, тайёрии пухта дар солҳои аввал бартарии Англияро таъмин кард. Дастаҳои



**Расми 77.** Ҷанги назди Пуате.

камонгарони иборат аз деҳқонони озод ҳам яке аз омилҳои ғалаба гардид. Лашкари англисҳо фармони сарлашкароне, ки аз шоҳ маош мегирифтанд, бечунучаро иҷро мекарданд. Лашкари Франсия аз воҳидҳои алоҳидаи ритсарҳо иборат буда, ҳар як ритсар мустақил ҳаракат мекард. Лашкари фармондеҳи ягона ва интизоми ҳарбӣ надошт.

Соли 1356 лашкари аз ҷиҳати шумора ду баробар зиёди Франсия воҳидҳои шаҳзода **Эдуардро** таъқиб карда, дар назди Пуате ба он расида меравад.

Эдуард бар ивази сар додани франсузҳо озод кардани ҳамаи асирон, супурдани ғаниматҳо, қалъаҳо ва қасрҳоро ваъда медиҳад. Аммо шоҳи Франсия талаб мекунад, ки шаҳзода бо ҳамаи аъёнҳояш асир шавад. Дар натиҷаи Эдуард ғайр аз ҷангро давом додан дигар чора намеёбад.

Франсузҳо боз якҷоя шуда ҷанг намекунанд ва ин барои ҳалокшавии ритсарҳо сабаб мешавад. Шоҳи Франсия **Иоанн Сахӣ** ва писараш Филипп асир мешаванд. Баъд аз ҷанг бисёре аз молу мулки онҳо ба англисҳо мегузарад. Ҷанг барои франсузҳо хатарнок мешавад.

**Шӯриши Жакерия.** Дар давоми ҷанги садсола аҳолӣ, беш аз ҳама деҳқонон аз андозҳо хаста мешаванд. Аммо хӯҷаинҳо *«Кифти Жаки содда васеъ аст, ҳама вазниниро мебардорад»* мегуфтанд. **«Жак»** - ин лақабе, ки нисбати деҳқонони оддӣ истифода мешуд, минбаъд номи шӯришро ҳам маълум кард.

Шӯриши деҳқонон, ки дар соли 1358 дар округи Бовеи Франсия сар шуд, номи **«Жакерия»**-ро гирифт. Шӯриш ба вилоятҳои ҳамсоя низ паҳн шуда, дар он қариб сад ҳазор нафар иштирок мекунанд. Шиори шӯришгарон *«Ягон нафар ашрофон намонда, нобуд кардан даркор»* буд. Сабаби чунин шиор зулми беҳади хӯҷаинҳо буд. Шӯришгарон қалъаҳои феодалонро тороҷ намуда,

ҳуҷҷатҳо, рӯйихатҳои андозро сӯхтанд. Аммо дар байрақи шӯришгарон нилуфари сафед, ки дар герби шоҳ ҳам буд, тасвир шуда буд. Ин аз боварии онҳо ба шоҳ дарак медод. Дере нагузашта, феодалон бо раҳбарии **Гилом Кал** муттаҳид шуда, шӯришро пахш карданд. Феодалон аз такроршавии шӯриш хавф бурда, деҳқононро бар ивази пардохт озод намуданд, онҳо баъд аз шӯриш имкони ривоҷ додани хоҷагии худро соҳиб шуданд.

**?!** **Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи ҷанги садсола ва марҳалаҳои он нақл намоед.
2. Сабабҳои ҷанги садсоларо нишон диҳед.
3. Сабабҳои мағлубияти лашкари Франсия дар марҳалаи аввали ҷанг кадомҳоянд?
4. Дар бораи шӯриши Жакерия, сабабҳои шикаст хӯрдан ва оқибатҳои он нақл кунед.

## § 25. МАРҲАЛАҲОИ ОЯНДАИ ҶАНГ. АНҶОМИ МУТАМАРКАЗШАВИИ ФРАНСИЯ

**Давоми ҷанги садсола.** Бинобар шартномаи сулҳ, ки Англия ба Франсия соли 1360 таклиф карда буд, 1/3 қисми ҳудудҳои мамлакат ба англисҳо гузашт. Шоҳи Франсия **Карли V** ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида, ба ташкили лашкари пурзӯри тӯпчиён ва флот сар кард. Фармондеҳии ягона ҷорӣ намуд ва ваколати онро васеъ кард. Ба ин вазифа **Дюгеклан** таъин шуд. Вай тактикаи муборизаро дигар карда, ба ҷангҳои калон намедаромад, асосан бо ҷангҳои хурд-хурд қариб ҳамаи ҳудудҳои мамлакатро аз англисҳо озод кард. Вале, мутаассифона, ин ғалабаҳо дер давом накарданд.



**Расми 78.** Карли V-и Доно.

Тирамоҳи соли 1415 англисҳо аз моҷарои дарбори шоҳ истифода бурда, ба Нормандия лашкари сершумори худро фаровcovarданд. Дар **ҷанги Азенкур** французҳо боз ҳам шикасти сахт хӯрданд. Нисфи кишвар ба дасти англисҳо гузашта рафт, калисо ва рӯҳониён шоҳи англис ки буданашро шинохтанд. Айнан бо кӯмаки онҳо англисҳо Парижро забт карданд.

Бино ба шартномаи соли 1420 шоҳи Англия бояд ки шоҳи ягонаи Англия ва Франсия мешуд. Писари шоҳи Франсия аз ҳокимият маҳрум шуд. Хусусияти ҷанги садсола дигар шуд, акнун халқи одди бар зидди лашкари англис бархеста буд. Характери ҷанги садсола дигар шуда, акнун бар зидди англисҳо халқи оддӣ ҳам сар мебардорад.

**Духтари Орлеан.** Дар ҳоле, ки лашкари англисҳо ба ҷанги ҳалкунандаи Орелан тайёрӣ медиданд, духтари 16-солаи деҳқони оддӣ Жанна де Арк ба назди Карл омада, бовар мекунонад, ки ғалабаи французҳо муқаррар аст. Ба ихтиёри Жанна воҳиди ритсарҳо дода, он ба таркиби лашкари озодкунии Орлеан дохил карда мешавад. Дар тӯли чанд рӯз истеҳкоми англисҳо парча-парча карда, шаҳр аз муҳосира озод мегардад. Баъди ин воқеаи таърихи Жанна де Аркро бо ифтихор **«Духтари Орлеан»** номиданд. Французҳои аз қаҳрамониву матонати Жанна рӯҳбаланд гардида акнун бар зидди истилогарон дар саросари кишвар ҳамла сар карданд.

Акнун имконияти ба сараш тоҷ гирифтани шоҳи Франсия дар **Реймс** пайдо шуда буд. Карли VII (1422–1461) шоҳи Франсия шуда, обрӯю эътибори ӯ дар байни аҳолии кишвар ва Европа боло меравад.

Баландшавии нуфузу эътибори Жанна де Арк албатта ҳасади дарбориёнро ба вуҷуд овард. Соли 1430 дар ҷанги қалъаи **Компен** Жанна де Аркро бургундҳо асир мегиранд ва ӯро ба англисҳо месупоранд. Шоҳи Франсия барои халос кардани ин



**Расми 79.** Жанна де Арк дар маросими тоҷгирии Карли VII.

духтари қаҳрамон парво намекунад. Суди калисо ӯро ба қатл маҳкум кард. 30 майи соли 1431 дар майдони шаҳри Руан ба гулхан партофта мешавад.

**Анҷоми ҷанг**. Қаҳрамонии Жанна ҳисси ватанпарварии французҳоро боло бурд, дар ҷанги озодибахш гардиши куллӣ ба вуҷуд овард. Мағлубияти паси ҳами англисҳо ба имзои шартномаи сулҳи 1453 ба охир расид. Дар ихтиёри онҳо фақат бандари **Кале** монд.

Ғалаба ба пурзӯршавии ҳокимияти шоҳ оварда расонд. Лашкари доимии он ташкил шуд. Ба туфайли зиёдшавии андоз даромади давлат ҳам афзуд.

**Анҷом ёфтани мутамарказшавӣ.** Баъд аз вафоти **Карли VII** писари ӯ **Людовики XI** (1461–1483) ба тахт нишаста, сиёсати худро аз мутеъ сохтани герсогиҳои **Бретан** ва **Анҷу** оғоз кард. Ҷавобан ба он феодалони калон **«Ҷамъияти иттифоқи бахту саодат»**-ро ташкил мекунанд. **Людовик** бар зидди раҳбари он **Карли Бургундӣ** мубориза муваффақомез бурда, қисми ғарбии Бургундияро ба Франсия ҳамроҳ мекунад.

Вилояти ҷанубии **Прованс** бо бандари Марсел соли 1481 ба ҳукми шоҳ даромад. Пас аз Людовик ворисаш **Карли III** соли 1491 ба духтари герсоги **Бретан – Анна** хонадор шуду бо ҳамин мутамарказсозии Франсия ба охир мерасад.

Дар охири асри XV тамоми Франсия ба ҳокимияти томи марказӣ итоат мекунад. Ба мамлакати мутамарказ табдилёбии Франсия ба пешравии иқтисодӣ оварда мерасонад.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Аз харита ҳудудҳои Франсияро дар асрҳои XI–XIV нишон диҳед.
2. Дар асоси мисолҳои (камаш сето) пурзӯршавии Франсияро дар асри XV нисбат ба асри XI тасдиқ намоед.
3. Шартномаи соли 1420 ба Франсия чӣ хел дигаргуниҳо овард?
4. Ҳаракати озодихоҳии халқ ва Жанна де Аркро дар ҷанги садсола баҳо диҳед.

# § 26. ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТИ МУТАМАРКАЗИ АНГЛИЯ

**Истилои нормандҳо.** Заифшавии ҳокимияти шоҳи Англия онро ба майдони тороҷгарии даниягиҳо табдил дод. Вақте ки англосаксҳо солҳои 40-уми асри XI шӯриш бардоштанд, герсоги Нормандия (шимоли Франсия) ба ёрии онҳо омад. Вале беғараз набудани ин кӯмак маълум шуд.



**Расми 80.** Ҷанги Гастингс.

Лашкари герсоги Нормандия **Вилгелм** соли 1066 ба Англия омада фаромад. Дар **ҷанги Гастингс** лашкари савораи нормандҳо лашкари пиёдаи англисҳоро муҳосира кард. Шоҳи Англия **Гаролд** ва лашкари он дар ҷанги нобаробар ҳалок шуд. Герсоги Нормандия тахти шоҳро ишғол карда, номи **Вилгелми I**-ро гирифт.

**Пурра барқароршавии ҷамъияти феодалӣ.** Вилгелм замини феодалони маҳаллӣ — англосаксҳоро кашида гирифта, ба ритсарҳои худ тақсим карда дод. Дар айни ҳол соҳибони заминҳои хурду миёна мулки худро нигоҳ медоранд. Барои зери даст нигоҳ доштани кишвар



**Расми 81.** Лондон. Қалъаи Тауер.

ҳокимияти бақуввати шоҳ зарур буд. Вилгелм ҳамаи феодалҳоро оиди садоқаташон ба шоҳ қасам хӯронд.

Мулкдори калон будани шоҳ, аз вилоятҳои гуногун ба баронҳо додани замин барои ташкили графиҳои мустақил монеъгӣ мекард. Дар оқибати истилои нормандҳо зулми деҳқонони Англия пурзӯр шуд.

Бо мақсади мустаҳкамсозии ҳокимияти худ нормандҳо дар саросари Англия қалъаҳо сохтанд. Қалъаи **Тауер** дар Лондон машҳуртарин он буд, ки то имрӯз ҳаст. Хавфи шӯриши доимии англосаксҳо боиси ба атрофи шоҳ муттаҳидшавии баронҳо гардид. **Вилгелм** бо мақсади дарки иқтисодии кишвари истилошуда бори аввал дар Европа замин ва аҳолиро ба рӯйхат гирифт. Ҳангоми ба рӯйхатгирӣ қасам хӯрда, ҳақиқатро гуфтан маҷбурӣ буд, халқ варақаи рӯйхатро **«Китоби суди мудҳиш»** номида буд.

Баро маҳдудсозии зулми баронҳо ба аҳолӣ судҳои маҳаллии англосаксҳо дар графиҳо монда шуд. Кишвар ба графиҳо ҷудо шуд, ба ҳар кадоми он намояндаи шоҳ - **шериф** таъин шуд.

Дар асрҳои XII–XII дар Англия муборизаи деҳқонон авҷ гирифт. Як қисми онҳо аз соҳибони худ гурехта, дар ҷангал зиндагӣ мекарданд. Деҳаҳо муттаҳид шуда, бар зидди феодалон, епископҳо, амалдорон, судяҳои шоҳ ҳуҷум мекарданд. Аҳолӣ онҳоро дастгирӣ мекард. Қаҳрамони достонҳои халқӣ дар асри XIV **Робин Гуд** чун симои душмани бойҳо, ҳимоячии мардуми меҳнаткаш тасвир шудааст.



Расми 82. Робин Гуд.

Дар замони шоҳ **Генрихи II** (1154–1189) дар Англия ислоҳоти молиявӣ ва ҳарбӣ гузаронида шуд. Акнун баронҳо ба ҷои хизмати ҳарбӣ ба хазина «пули сипар» месупурданд. Ин барои ташкили лашкари кироя имкон медод.

**«Хартияи бузурги озодӣ».** Дар замони шоҳии Иоанн (1199–1216) шӯришҳо боз ҳам пурзӯр шуд. Шоҳ ба қудрати худ бовар карда, мулкҳои баронҳои гуноҳкорро кашида мегирифт, аз вассалҳо пардохти калон талаб мекард. Ин сиёсати душманони шоҳро зиёд кард.

Баҳори соли 1215 баронҳо бо ёрии ритсарҳо ва шаҳриён исён бардоштанд. Аҳолии пойтахт дарвозаҳои Лондонро барои шӯришгарон кушода доданд. Шоҳ маҷбур шуд, ки ба ҳуҷҷати **«Хартияи бузурги озодӣ»** имзо кунад.

Моддаҳои асосии он бар манфиати баронҳо ва рӯҳониён буд. Шоҳ шарти риоя кардани интихоботи озодии калисоро, ба ҳабс нагирифтани баронҳоро, аз мулкашон маҳрум накарданро қабул намуд.

Ин ҳуҷҷат аз 63 модда иборат буд ва ба ритсарҳову деҳқонони озод ҳам каме сабукиҳо медод. Хусусан, аз онҳо зиёд гирифтани андоз ва хизмат манъ шуд. Бино ба ҳуҷҷат амалдорони шоҳ худсарӣ намекарданд, ҷаримаи иловагӣ намегирифтанд. Аммо онҳо ба ин пурра риоя намекарданд.

**Парламенти Англия**. Соли 1265 дар Англия аввалин парламент даъват мешавад. Ин парламент ғайр аз баронҳо, аз рӯҳониён, ду нафар ритсар аз ҳар як графӣ ва аз шаҳрҳои калон ду нафар намоянда иборат буд. Парламент дар асри XIV ба палатаи **лордҳо ва умумӣ** тақсим шуд. Дар палатаи лордҳо ашрофон, епископҳо, аббатҳое, ки шоҳ таклиф мекарданд, дохил шуда маҷлис мегузарониданд. Ба палатаи умумӣ ритсарҳо ва намояндагони шаҳриён аъзо буданд.



**Расми 83.** Қасри Вестминстр, ҳоло бинои парламенти Британияи Кабир.

**Дар ёд доред!**
**Парламент** – аз французӣ – «парле» – «гап задан» гирифта шудааст.

Аз асри XIV сар карда парламент ғайр аз таъин кардани андоз, ҳуқуқ пайд кард, ки қонунҳо таҳия ва қабул намояд.

**?!** **Савол ва супоришҳо:**

1. Аҳамияти Англияро истило намудани нормандҳоро эзоҳ диҳед.
2. Хусусиятҳо ва фарқиятҳои ташаккулёбии ҷамъияти феодалиро дар Англия ва Франсия аниқ кунед.
3. «Хартияи бузурги озодӣ» гуфта шумо чиро фаҳмидед?
4. Дар бораи парламенти Англия ҳарф занед.

## § 27. АНГЛИЯ ДАР АСРҲОИ XIV-XV

**Англия дар замони ҷанги садсола.** Ҷанги садсола ба иқтисодиёти Англия ҳам зарари калон расонд. Шоҳ **Ричарди II** (1377–1399) соли 1377 дар кишвар андози иловагии сари ҷонӣ ҷорӣ кард. Соли 1380 ин андоз се баробар зиёд шуд. Суиистеъмолиҳо ва беадолатиҳо ҳангоми ғункунии андоз сабабгори шӯришҳои халқӣ шуданд.



**Расми 84**. Шӯриши Уот Тайлер.

Аз ҷумлаи камбағалони рӯҳонӣ ва роҳибон воизони халқ мебароянд. Онҳо дар байни мардум обрӯи калон доштанд. Суханони зерини кинояомези Ҷон Бойл *«Ҳангоме, ки Одам Ато замин шудгор мекарду Момо Ҳаво чарх мересид, кӣ дворян буд!»* дар деҳот зуд-зуд такрор мешуд. Ҷон Болл ҳамин тавр ҳама одамон баробар, замин бошад барои инсоне, ки кор мекунад, мансуб буданашро исбот мекард. Вай бо амри архиепископи ба ҳабс гирифта шуд.

**Шӯриши Уот Тайлер**. Шӯриш моҳи майи соли 1381 ҷавобан ба бедодгариҳои андоз ҷамъкунандагон сар шуда, дарҳол қисми зиёди Англияро фаро гирифт. Шӯришчиён Ҷон Бойлро озод карданд ва ӯро раҳнамои худ интихоб намуданд. Шӯришгарони иборат аз деҳқонони **Эссекс** ва **Кент** бо роҳбарии тунукасоз Уот Тайлер ба пойтахт роҳ гирифтанд. Лондониҳои мазлум ба шӯришгарон ҳамраъӣ нишон дода, дарвозаҳои шаҳрро барои онҳо кушода доданд. Хонаҳои аъёну ашрофҳои шоҳ ва амалдорони машҳур оташ зада шуд. Амалдорони айбдор қатл карда шуданд.

Шоҳи ҷавон Ричарди II бо шӯришгарон маҷбур шуда, музокираро сар кард. Дар барномаи «**Майл Энд**», ки пас аз мулоқотҳои ду тараф қабул шуда буд, ба деҳқонон як қатор сабукиҳо ваъда дода шуд. Масалан, ба бекор намудани мутеъгии деҳқонон, машғул шудан ба озодии



**Расми 85.** Генрихи VII Тюдор.

савдо, кам кардани андози замин розигӣ дода шуда буд. Баъд ин мулоқот қисми дилпури шӯришгарон ба хонаашон баргаштанд, ки албатта сафи онҳоро каме заиф кард. Аммо қисми камбағали онҳо дар Лондон монданду исроркорона дар Шмитфилд бо шоҳ вомехӯранд. Дар барномаи наве, ки баъди мулоқот бо шоҳ қабул шуда буд, аз феодалон баргардонда гирифтани биёбону ҷангалҳои кашидашуда, заминҳои калисоро ба деҳқонон тақсим кардан, баробарҳуқуқ намудани аҳолӣ барин талабҳо қайд шуда буд.

Уот Тайлер хангоми мулоқот дар задухӯрд бо яке аз аъёнҳо ҳалок шуд. Ба деҳқонон ваъдаҳои зиёд дода, аз шаҳр гусел карда мешаванд. Аммо аз паси онҳо лашкар фиристода, аз онҳо бераҳмона қасд мегиранд.

Шӯриш гарчанде мағлуб шуд, зери таъсири он дар Англия меҳнати маҷбурии деҳқонон (баршина) бекор карда шуд. Деҳқонони мутеъ дар асри XV бар ивази пардохт озод мешуданд.

**Англия дар асри XV.** Баъди ҷанги садсола дар таърихи Англия ҷанги **«Гулҳои сафед ва сурх»** (1455–1485) шуда гузашт. Дар он аз чор як қисми аҳолӣ, ашрофон, баронҳои номдор кушта мешаванд. Дар ҷанги назди Босворт (соли 1485) сулолаи **Ланкастерҳ**о бар зидди **Юркҳо**и дар тахтбуда ғолиб омада, **Генрих Тюдор**ро ба шоҳӣ дастгирӣ мекунанд.

Дар даври **Генрихи VII Тюдор** (1485–1509) ҳокимияти шоҳ пурзӯр мешавад. Акнун ба ҷои ашрофони нормандҳои дар ҷанг торуморшуда, ашрофони англосаксҳо ба палатаи лордҳо дохил шуда, ба боварии шоҳ даромада буданд. Ритсарҳо ва шаҳриёни шомили палатаи умумӣ қонунҳои пешниҳодкарда шоҳро тасдиқ намуда, барои ҷамъ кардани андозҳои нав ба вай рухсат медоданд.

?! **Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи аҳволи иқтисодии Англия дар даври ҷанги садсола чӣ мегӯед?
2. Дар бораи шӯриши Уот Тайлер ва аҳамияти он нақл кунед.
3. Дар бораи ҷанги «Гулҳои сурх ва сафед» чӣ дар ёд доред?
4. Генрихи VII Тюдор дар Англия чӣ хел сиёсатро пеш бурд?

# § 28. ГЕРМАНИЯ ДАР АСРҲОИ XII—XV

**Хоҷагии мамлакат**. Пешравии истеҳсолот дар Германия аз асри XII сар шуд. Ҷангалҳо бурида, заминҳои нав кушода шуданд. Такмили олоти меҳнат ба баландшавии ҳосилнокӣ оварда расонд. Ғайр аз кишти дон зағир, боғдорӣ, ангурпарварӣ ҳам пеш рафт.

Тараққиёти кишоварзӣ ба пайдоишу инкишофи шаҳрҳо бевосита алоқаманд аст. **Кёлн ва Вормс**, **Франкфур**т, **Улм, Нюренберг, Аугсбург** ба марказҳои калони ҳунармандиву савдо табдил ёфтанд. Маҳсули ҳунармандони немис: мовут, сурб, аслиҳа, ҳар хел чизҳо дар дигар кишварҳо баҳои нағз доштанд.

**Тараққиёти сиёсӣ**. Яке аз намояндаи машҳури сулол **Штауфенҳо Фридрихи I Барбаросса** (1152—1190) буд. Вай ба туфайли юришҳои салибӣ аввал дар ғами гирифтани шаҳрҳои бои Италия мешавад. Мақсади Барбаросса ба яке аз вилоятҳои худ табдил додани Италия буд.


**Расми 86.** Фридрихи I Барбаросса.

Фақат якчанд шаҳрҳои Милан ва Ломбардия ба ин зид мебароянд. Сейме, ки соли 1158 дар водии Ронкал даъват шуд, ҳокимияти императорро дар Италия номаҳдуд эълон кард. Ҳуқуқшиносони донишманде, ки онҳоро Фридрихи I ба

Болония таклиф карда буд, маҷмӯаҳои қонунҳоро тартиб медиҳанд. Муҳокимаи корҳои ҷиноӣ, суд кардан, сикка задани танга, таъинкунии ҳокимони шаҳр ба ихтиёри император мегузарад. Дар ин маҷмӯа Фридрихи I *"қонуни ҷондор дар замин"* эътироф шуда буд.

Дар чунин вазъият соли 1162 бо раҳнамоии Милан шаҳрҳои Ломбардия ба муқобили истилогарон шӯриш мекунанд. Дар давоми пахши шӯриш ба шӯришчиён шарт гузошта шуд, ки шаҳрро тарк намоянд. Милан дар солҳои 60–70-уми асри XII барқарор шуда, ба ҷанги нав тайёрӣ мебинад. Соли 1176 дар ҷанги **Ленйано** лашкари Лига ритсарҳои императорро торумор мекунад. Фридрихи I ба шаҳрҳои Италия **коммуна** — ҳуқуқи озодӣ медиҳад.

Папа Иннокентий III папае аз Рим буд, ки таъсирашро ба сиёсати Германия гузаронид.



**Расми 87.** Папаи Рим Инокентийи III.

Иннокентий аз тарси қудрати Штауфенҳо набераи 18-солаи Барбароссаи кайҳо фаромӯшшударо аввал шоҳи князҳои герман эълон кард. Папаи ба **Фридрихи II** содиқ баъд аз ҳашт сол ӯро император эълон намуд.

**Императори «аҷиб».** Дар даври ҳукмронии Фридрихи II князҳои герман чунон ба мустақилӣ одат карда буданд, ки минбаъд ба ягон ҳукмрон ин озодиро додан намехостанд.

**Фридрихи II** беш аз бист соли салтанати худро дар шоҳиҳои Италия, Ситсилия мегузаронад. Дар қасри вай олимони араб, византиягӣ ва яҳудӣ ҷамъ шуда буданд. Худи ӯ ҳам забонҳои арабиву юнониро медонист, ба лотинӣ асарҳо, ба италиявӣ шеърҳо навишта буд. Қасраш дар Палермо қасрҳои халифаҳои арабро ба ёд меовард. Император мусиқа, рақс, адабиёт ва шеърият, санъати меъмории Шарқро дӯст медошт. Вай бо баъзе подшоҳони Шарқ дӯст буд.

Ҳангоме, ки император ба сайри кишвар мебаромад, ӯро филбонҳо ва ҷанговарони филсавор ҳамроҳӣ мекарданд. Аз паси филҳо шутурҳо, бабрҳо, шерҳо ҳаракат

мекарданд. Ин ҳолат ба мардум таассуроти аҷиб мебахшид. Дар девонхонаи Фридрихи II аз ҷиҳатҳои нозуки забони лотинӣ истифода бурда, номаҳо ва ҳуҷҷатҳо таҳия мешуданд, ки ба он тамоми Европа тақлид мекард. Асари Фридрихи II ***«Шикор бо паррандаҳо»*** аз он далолат медиҳад, ки вай аз ин соҳа хуб бохабар буд. Асар то имрӯз маҳфуз аст. Вай асосгузори чандин мактаб ва донишгоҳи Неапол аст. Ин донишгоҳест, ки на аз тарафи калисо ё шӯрои шаҳр, балки аз тарафи император ташкил шудааст.



**Расми 88.**
Фридрихи II.

Ҳамзамононаш ба қобилияти ғайриоддию қудраташ қоил шуда, ӯро «ҳайратангези дунё» ном додаанд.

Баъд аз вафоти **Фридрихи II** тарафдорони папа ба несту нобуд кардани намояндагони сулолаи штауфенҳо мепардозанд.

Дар солҳои 1254–1273 дар Германия умуман император интихоб намешавад. Князҳо соли 1273 ҷамъ шуда, **Рудолф Габсбур**гро ба тахт мешинонанд. Аммо Габсбургҳо барои ишғоли тахт солҳои зиёд бо **Люксембургҳо** ҷанг мекунанд. Фақат соли 1437 даври императории 369-солаи Габсбургҳо сар мешавад.

**Дар ёд доред!**
Дар Германия сулолаҳои Саксониҳо, Франкония, Штауфенҳо, Люксембургҳо, Гамбургҳо ҳукмронӣ кардаанд.

**Шаҳрҳои Германия дар асрҳои XIV–XV**. Истилои ритсарони салибдор аз ҷумлаи князҳои немис ба соҳилҳои Балтика барои пешравии шаҳрҳои шимоли Германия роҳ мекушоянд. Ин шаҳрҳо дар миёнаҳои асри XIV **Иттифоқи Ганза**ро ташкил мекунанд. Ин фақат иттифоқи иқтисодиву савдоӣ набуд. Ганза дар солҳои 70-уми сари XIV ба

рақиби худ шоҳии Дания дар баҳри Шимол зарбаи сахт расонд.

Дар асрҳои XIII-XV дар Германия ғайр аз Иттифоқи Ганза шаҳрҳои ҷанубӣ ва ғарбии мамлакат ҳам тараққӣ карданд. **Иттифоқи Швабия,** ки 90 то шаҳри соҳили Дунайро муттаҳид кардаанд, бевосита бо шаҳрҳои Италия вобаста буд. Шаҳрҳои **Аугсбург, Улм ва Нюренберг** дар истеҳсоли мовут, чит, сурб, чизҳои металлӣ, яроқу аслиҳа мавқеи калон доштанд.

**Дар ёд доред!**
Шаҳрҳои Германия ба Иттифоқи савдоии Ганза ва Швабия муттаҳид шуданд.

Дар шаҳрҳои соҳили ғарбии дарёи Рейн: **Кёлн, Вормс, Страсбурс** истеҳсоли металл ва мовут ривоҷ дошт. Ин шаҳрҳо бо Нидерландия, Франсия ва Италия муносибати савдоӣ доштанд.

**Савол ва супоришҳо:**
1. Дар Германияи асрҳои XI–XV инкишофи иқтисодӣ чӣ хел буд?
2. Дар харита шаҳрҳои Германияро қайд карда, оиди онҳо ҳикоя кунед.
3. Дар бораи Фридрихи I Барбаросса чӣ хел таассурот пайдо кардед?
4. Дар бораи таъсири папаҳои Рим ба Германия нақл кунед.
5. Фридрихи II чӣ хел сиёсатро пеш бурд?

## § 29. МАДАНИЯТИ ЕВРОПА ДАР АСРҲОИ XI–XV. МАОРИФ ВА ИЛМ

**Тасаввурот оиди дунё дар асрҳои миёна**. Тасаввуроти одамони асрҳои миёна бо дин вобаста буд. Одамон бовар доштанд, ки бар ивази қисматҳои вазнин дар замин баъд аз вафот албатта дар ҷаннат зиндагӣ хоҳанд кард.



**Расми 89.** Маърӯза оиди фалсафа дар донишгоҳи Париж. Миниатюраи асрҳои миёна.

Дар хаёли одамони ин давр вақт аз субҳ, рӯз, шом ва шаб иборат буд. Ҳаёти инсон танҳо бо ивазшавии фаслҳои сол: зимистон, баҳор, тобистон, тирамоҳ аниқ карда мешуд. Аҳолӣ ба анъанаҳо, урфу одат сахт риоя мекард.

Умри инсонҳо дароз набуд, одами аз 40 сола боло пир ҳисоб мешуд. Марги кӯдакон зиёд буд.

Баробари равнақи савдо ва шаҳрҳо имконияти дидан дунё пайдо шуд. Юришҳои салибӣ ба европоиҳо дари дунёро кушоданд. Саёҳатчиён дар бораи халқҳои муқими кишварҳои дур, урфу одатҳо ва маданияти онҳо маълумотҳои аҷиб меоварданд.

Яке аз онҳо савдогар ва сайёҳи венетсиягӣ Марко Поло буд. Вай дар **«Китоби Марко Поло»**-и худ оиди зиндагиаш дар Шарқи Дур ва Хитой дар давоми солҳои 1271–1295 нақл кардааст.



**Расми 90.** Донишгоҳи Оксфорд.

**Тараққиёти маориф**. Маданияти Европаи Ғарбӣ дар асрҳои XII–XIII боло рафт. Равнақи шаҳрҳо, ҳунармандӣ ва савдо, ошноӣ бо маданияти Византия ва хилофати Араб ҷаҳонбинии илмии европоиҳоро васеъ кард. Дар шаҳрҳо шумораи мактабҳои хусусӣ ва назди шӯроҳои шаҳрҳо афзуданд.Дар ин хел мактабҳо талабагон донишҳои дунёвиро нисбат ба мактабҳои калисо бештар аз бар мекарданд. Дар асри XII дар шаҳрҳои азим аввалин мактабҳои олӣ — **донишгоҳҳо (университетҳо)** кушода шуданд. Аз ҷумла, дар **Болония** ва **Париж** нахустин донишгоҳ ба кор сар кард, онҳо барои замони худ дониши баланд медоданд. Университети Париж калонтарин мактаби олӣ буд. Асосгузори он рӯҳонии хонаводаи шоҳ **Робер де Сорбон** буд. Ин донишгоҳ аз шоҳ санад гирифта, мустақил амал мекард.

Дар асрҳои XIII–XV қариб дар ҳамаи кишварҳои Европа донишгоҳҳои худро доштанд. Онҳоро папа ва епископҳо, император ва шоҳҳо, князҳо ва шаҳрҳо ташкил карда буданд.

**Дар ёд доред!**
**Университет** (аз лотинӣ **universitas** – маҷмӯа, умумият) —мактаби олие, ки мутахассисонро аз рӯйи якчанд фан тайёр мекунад. Донишгоҳҳои аввалин дар Европа дар асрҳои XII-XIII дар Италия (Неапол, Болония), Испания (Севилия, Валенсия), Франсия (Париж, Тулуза), Англия (Оксфорд, Кембриҷ) ташкил ёфт.

**Иттиҳодияҳои магистр ва школярҳо**. Донишгоҳ иттиҳодияи муаллимон ва донишҷӯён аст. Донишгоҳҳоро муаллимон - **магистр**ҳо идора менамуданд. Донишгоҳҳо имтиёзҳои зиёд доштанд ва ба ҳокимони маҳаллӣ тобеъ набуданд. Агар байни онҳо моҷарое сар занаду роҳи ҳалли он мураккаб бошад, **магистр ва школярҳо** (донишҷӯён) ба дигар шаҳр мерафтанд. Аз ин рӯ, дар аксар ҳолатҳо аз онҳо узр пурсида, ба шаҳр бармегардониданд. Чунки, донишгоҳҳо обрӯю эътибори шаҳрҳо буданд.

Ба маърӯзаҳои муаллимони номдор аз гӯшаву канорҳои гуногуни Европа школярҳо меомаданд. Баъзан дар як худи Париж то 30 ҳазор нафар донишҷӯ ҷамъ меомад. Донишҷӯёни бобарор дар **коллегия**ҳо — мисли хобгоҳҳои имрӯза ҷой мегирифтанд. Номи яке аз коллегияҳои қадими Париж —**Сорбон** баъдтар пурра ба номи университет гузашт. Дар Англияю Франсия коллегияҳо муассисаҳои нави таълим - ба **коллеҷҳо** асос шуданд.

Таълим дар **факултетҳо** бурда мешуд, ҳар кадоми онҳоро **декан** сарварӣ мекард. Иттиҳодияро **ректор**и интихобшуда ё **канслер**и аз тарафи ҳокимият таъиншуда раҳбарӣ менамуд.

Дар давоми инкишофи мактабу донишгоҳҳо талабот ба китоб меафзояд. Дар асрҳои миёнаи барвақт китоб

чизи хеле камёб ва қимматбаҳо буд. Саҳифаҳои китоб дар **пергамент** - пӯсти махсуси гов сабт мегардид. Вақте, ки ҳунармандон низ дар асри XII баробари роҳибон ба тайёркунии китоб сар карданд, нархи он арзонтар шуд. Дар асри XIV китобро аз коғаз тайёр мекардагӣ шуданд.

Коғазро аввал аз латтаҳои кӯҳна тайёр мекарданд. Муҳандиси немис **Иоганн Гутенберг** соли 1445 дастгоҳи китобчопкуниро кашф кард. Ин ихтироъ минбаъд барои васеъ пахншавии китоб омили муҳим гардид.

**Инкишофи илм.** Профессори донишгоҳи Оксфорд **Роҷер Бэкон** (асри XIII) исбот кард, ки фақат бо мушоҳидаҳои илмӣ ва таҷриба ба дастовардҳои илмӣ муваффақ шудан мумкин. Худи ӯ оиди оптика, физика, кимё таҷриба гузаронд. Бэкон имконпазирии сохтани киштии худгард, киштии зериобӣ ва аппарати парвозкунандаро тахмин карда буд. Ҳаёти ӯ зери тазйиқи калисо бо хавфу хатар гузашт ва солҳои зиёд дар ҳабс монд.



**Расми 91**. Роҷер Бэкон

Дар асрҳои миёна астрология, алхимия низ хеле ривоҷ кард. Мунаҷҷимон – астрологҳо ҳаракати ҷирмҳои осмониро мушоҳида намуда, ояндаро пешбинӣ мекарданд. Шоҳон, лашкаркашон, савдогарон ва сайёҳон пеш аз ягон тадбире албатта бо онҳо маслиҳат мекарданд, фикру тавсияҳои онҳоро ба инобат мегирифтанд. Алхимикҳо бошад барои кашфу ҷустуҷӯи маъданҳои наве, ки баъди коркард ба тилло табдил мешуданд, дар талош буданд. Таҷрибаҳо ва бозёфтҳои илмӣ барои кашфи моддаҳои нави кимёвӣ, кислотаҳо, рангҳо имкон доданд. Мунаҷҷимон ва алхимикҳо дар ҷараёни таҷрибаҳо печи кимёвӣ, ускунаҳои тозакунӣ, софкуниро ихтироъ намуданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Тасаввуроти одамони асримиёнагӣ дар бораи дунё чӣ хел буд?

2. Ба фикри шумо, аз чӣ сабаб одамони асримиёнагӣ дер намезистанд?
3. Бачаҳо дар мактабҳо чиҳоро меомӯхтанд?
4. Дар бораи донишгоҳҳо чӣ дар ёдатон монд?
5. Барои инкишофи илмҳои таҷрибавӣ чӣ омил гардид?

## § 30. САНЪАТ ВА АДАБИЁТ ДАР ЕВРОПАИ ҒАРБӢ. ТАШАККУЛИ ҒОЯҲОИ ГУМАНИЗМ

**Меъморӣ**. Пештар биноҳо, ҳатто қасрҳоро аз чӯб месохтанд. Аз асри XI сар карда дар Европаи Ғарбӣ соҳаи сохтмон низ хеле тараққӣ кард. Дар он аз санг низ истифода мебурдагӣ шуданд. Бояд гуфт, ки аз санг пеш аз ҳама барои бунёд кардани ибодатхонаҳо ва монастирҳо истифода мебурданд. Дар мамлакатҳои Англияю Полша, ки масолеҳи сохтмон аслан набуд, биноҳоро аз хишти пухта месохтанд. Дар санъати меъмории Франсия, Италия ва Германия бори аввал **услуби романӣ** ҳукмрон шуд.



**Расми 92**. Германия. Монастири Лаах. Асри XI.

Ибодатхонаи романӣ дорои девори ғафс, манораи баланд ва тирезаҳои тангу дароз салобатнок буд. Зоҳиран ҷиҳати хосаш ин буд, ки теппаи тиреза, даро-мадгоҳи ибодатхона бо равоқи нимдоира аркҳо зеб дода мешуд. Монастири **Лаахи** Германия (асри XI) намунаи аҷиби услуби романӣ аст.

Аз рӯи анъанаҳои шаҳрсозии Европаи ғарбӣ дар маркази шаҳр албатта бинои калисои мӯҳташам сохта мешуд. Биноҳои атрофи майдони ин гуна иморатҳо бо **усули готика** бунёд мешуд, бо мурури замон он услуби романиро танг карда аз истифода берун намуд. Ин хел биноҳо хеле баланд сохта мешуданд. Ба ҷои гумбазҳои вазнини босалобат гумбазҳои баланди нӯгтез сохта мешуд. ***Ибодатхонаи Бибимарям*** дар Париж, ***Руан, Реймс ва Шартр*** (Франсия),

***Милан*** (Италия) ишноотҳои машҳуртарине, ки бо услуби готика бунёд карда шудаанд.

**Дар ёд доред!**
**Услуби романӣ** — услуби бадиие, ки дар санъати меъмории Европаи Ғарбӣ аз асри X сар карда то асри XII–XIII ҳукм рондааст. Дар он аз услубҳои хоси меъмории Рими қадим истифода мешуд.
**Услуби готика** — услубест, ки дар санъати кишварҳои Европаи Ғарбии асрҳои миёна хос аст. Ин услуб дар миёнаҳои асри XII дар шимоли Франсия ба вуҷуд омад. Дар нимаи аввали асри XIII ба дараҷаи баланд расид.

Дар асрҳои миёна дар **меъмории Византия** ва **Араб** низ иншоотҳои аҷиб пайдо шуд. ***Ибодатхонаи Марки*** **авлиё** дар Венетсия ва ***қасри Доҷлар*** бо услуби византия бунёд карда шудааст. Масҷиди шаҳри Севиляи Испания ва ҳасри ***Ал-Қасар***, қасрҳои ***Ал-Ҳамро*** дурдонаҳои меъмории араб ба шумор меравад.

**Ҳайкалтарошӣ**. Ривоҷи он бевосита ба меъморӣ вобаста аст. Чунки биноҳои калисо ва монастирҳо бо ҳайкалҳои худову авлиёҳо ва шоҳон зеб дода мешуд. Аз сабаби он, ки бештар аз ҳама калисо тайёркунии ҳайкалро мефармуд, мавзӯи дин дар он бартарӣ дошт. Вале бинобар он, ки ҳайкалтарошон аз байни халқи оддӣ баромада буданд, дар кори онҳо фазилатҳои неки инсонӣ низ акс меёфт. Хусусан, ҳайкалҳои Бибимарям (дар Европа «**Мадонна**» мегӯянд) меҳру муҳаббати модар ба фарзанд инъкиос ёфтааст.



**Расми 93.** Франсия.Ҳайкали Бибимарям дар ибодатхонаи Реймс.

Агар дар ҳайкалҳои замони антиқ зебогии танаи инсон тавсиф шавад, дар ҳайкалҳои асрҳои миёна ба воситаи зебоии зоҳирӣ эҳсосот, фикру хаёли қаҳрамонҳо ифода мегардид.



**Расми 94.** Париж. Ибодатхонаи Шартр. Витраҷ. Бибимарям бо кӯдакаш. Асри XII.

**Санъати тасвирӣ**. Деворҳо ва шифтҳои ибодатхонаҳои бо услуби романӣ бунёдшударо бо суратҳои оиди мавзӯи дин зеб медод. Дар меъмории готика дар байни тирезаҳои калисоҳо барои расм ҷой ҳам мавҷуд буд. Аз ин рӯ дар тирезаҳо ба ҷои оинаҳои оддӣ **витражҳо**-суратҳои рангин гузошта мешуданд.

Дар бобати оро додани китобҳо намудаи нави санъати тасвирӣ - ***миниатюраҳо*** ихтироъ гардид. Дар онҳо лаҳзаҳои мухталифи одамони асри миёна тасвир мешуданд. Дар витраҷ ва миниатюраҳо ҷараёни меҳнати деҳқонон ва ҳунармандон ифода шудааст.

**Дар ёд доред!**

**Миниатюра** (аз франсузӣ **miniature;** аз лотинӣ **minium** — ранги сурх) − асарҳои тасвирии санъат, ки ҳаҷман хеле хурд, вале хеле нафис буданд. Расмҳои мӯъҷазе, ки барои оро додани дастнависҳои асрҳои миёна кор фармуда мешуд.

**Пайдоиши завқ ба табиат ва инсон**. Арбобони маданияти нав омӯхтани инсонро вазифаи асосии худ медонистанд. Аз ин рӯ онҳоро **гуманист**ҳо меномиданд. Намояндагони маданияти Эҳёи нав ё гуманизм инсонро дар маркази эътибор монда, офарандагии вайро тараннум мекарданд.

Мафҳуми Эҳё (аз франсузӣ **«Ренессанс»)** алоқаи байни маданияти нав ва даври қадимро ифода мекунад. Юришҳои салибӣ ба Шарқ ва алоқаҳои доимии савдоию маданӣ бо Левант имкон дод, ки италиягиҳо бо дастнависҳои қадими Юнон, санъати антиқ ва меъморӣ аз наздик ошно шаванд.



Расми 95. Флоренҷия.

**Марказҳои маданияти Эҳё**. Дар Итҭалия **Флоренсия** мақоми хосса дошт. Даромад аз савдо онро ба яке аз шаҳрҳои бойтарини Европа табдил дод. Аз ҳисоби сарвати ҳокимони шаҳр обидаҳои меъморӣ бунёд шуданд, ҳайкалтарошӣ ва рассомӣ боло рафт. Ҳамин зайл, Флоренсия дар асри XV ба маркази муҳими мадании Италия табдил ёфт. Рассомон, ҳайкалтарошон, меъморони машҳур аз Флоренсия буданд, ҳокимони шаҳр – республика барои эҷоди сермаҳсули онҳо шароит фароҳам менамуданд.

**Венетсия** ҳам яке аз марказҳои маданият буд. Дар асри ҷо китобчопкунӣ авҷ гирифт. Асарҳои муаллифони даври антиқ ва гуманизм, ки дар матбааи **Венетсия** нашр шуданд, дар тамоми Европа паҳн гаштанд.



Расми 96. Франческо Петрарка.

**Гуманизми даври аввал.** Намояндаи нахустини даври Эҳё ва гуманизми аввал дар Европа шоир **Франческо Петрарка** (1304–1374) буд. Вай бо маҷмўаҳои шеърии лирикии худ ***«Китоби сурудҳо»*** ва ***«Номаҳои шеърӣ»*** ба маданияти нави Европа асос гузошт.

Эҷодиёти дўстон ва давомдиҳандагони кори ў **Боккаччо** ва **Салютати** дар ибтидои асри XV ба гуманизми даври аввал хотима гузоштанд.

**Ҷованно Боккаччо** (1313–1375) тамоми умри худро дар Флоренсия ва Неапол гузаронд. Вай бо асараш ***«Декамерон»*** эҷоди новеллаҳоро бо услуби нав асос гузошт. Асараш муваффақияти калон пайдо намуд ва ба забонҳои гуногун тарҷима шуд. Ин асар ғояҳои гуманистиро ҷамъбаст карда, фазилатҳои олии инсонро ифода мекард.

***Колюччо Салютати*** (1331–1406) дар Флоренсия дар вазифаи баланди давлатӣ кор кардааст. Вай бо номаҳо ва нутқҳои сершумораш ғояҳои гуманистии Петрарка ва Бокаччоро инкишоф дод ва дар тарбияи инсони донишманд ва дорои ғояи олӣ нақши илмҳои иҷтимоӣ: филология, нотиқӣ, таърих, педагогика ва этикаро таъкид кардааст.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Фарқи байни услуби романӣ ва готика дар меъморӣ чист?
2. Дар бораи санъати рассомӣ ва ҳайкалтарошӣ нақл кунед.
3. Гуманистҳо киҳоянд?
4. Дар бораи даври Эҳё чӣ медонед?
5. Дар бораи марказҳои мадании Эҳё нақл кунед.

# БОБИ V. КНЯЗИҲОИ РУС ДАР АСРҲОИ МИЁНАИ МУТАРАҚҚӢ

## § 31. ПАРОКАНДАГИИ ФЕОДАЛӢ ДАР РУС, ОҚИБАТҲОИ ОН

**Парокандагии феодалӣ**. Фоҷиаи бади заминҳои Рус дар низои байниҳамдигарии онҳо буд. Ҳуҷумҳои қипчоқҳо дар чунин ҳолатҳо вазъиятро боз ҳам мушкил мекард. Баъзе князҳо бо қипчоқҳо иттифоқ баста, ба князиҳои ҳамсоя юриш мекарданд.

Бо мурури вақт аксари князҳо роҳи аз ин вазъият баромаданро фикр мекардагӣ шуданд. Писари князи Киев **Ярослави Хирадманд Владимир Мономах** соли 1097 дар шаҳри Любеч съезди аввалини князҳоро гузаронд, то ки ба ҷанги байни якдигар хотима гузошта шавад. Шиори съезд ҳам *«Ҳар кас бояд дар мулки худ хӯҷаинӣ кунад»* буд.



**Расми 97.** Съезди Любеч. Мулоқоти Владимир Мономах бо князи Киев Святополк.

Дар айни вақт мавқеи князи Киев паст рафта буд. Вай мисли пештара заминҳои Русро ба писарони худ чӣ қадар дилаш мехост, тақсим карда наметавонист. Руси Киевӣ ба даври муҳими таърихи худ — парокандагии сиёсӣ дохил шуд.

Дар миёнаҳои асри XII низоҳо авҷ гирифтанд. Дар ин вақт агар дар Рус 15 то князии мустақил бошад, дар арафаи истилои Ботухон дар асри оянда шумораи онҳо ба 50 то расида буд.

**Республикаи Новгород**. Князии Новгород аввалин шуда алоқаашро аз Киев канд. Ин князӣ дар асри XI пайдо шуда бошад ҳам, минбаъд на фақат дар Рус, балки дар Европа ба маркази муҳими ҳунармандию савдо табдил ёфт.

Чун анъана дар асри XI ба князии Новгород писари калонии князи Киев таъин мешуд. Лекин бо мурури солҳо таъсири боярҳои маҳаллӣ калон гашта, онҳо ҳокимияти князро писанд намекардагӣ шуданд, Ҳамин тариқ, Новгород ба республикаи боярҳо табдил ёфт.

Соли 1136 вечеи новгородиҳо набераи Мономах **Всеволод Мстиславичро** аз князӣ дур карда, дар бораи ба зиндон партофтан қарор кард. Аз ин вақт сар карда шаҳр батамом ба республикаи феодалӣ табдил ёфт. Дар ҳаёти сиёсии шаҳр ҳокиме, ки аз тарафи халқ дар вече интихоб мешуд, инчунин "думаи шаҳр"-и интихобӣ ва епископ нақши асосиро иҷро мекарданд.



**Расми 98.** Москва. Ҳайкали Юрий Долгорукий.

**Князии Владимир-Суздал**. **Москва**. Муборизаи боярҳои маҳаллӣ бар зидди ҳокимияти марказӣ дар асрҳои XII-XIII дар князиҳои Киев, Галич-Волин, Владимир-Суздал низ мушоҳида мешуд. Писари Владимир Мономах **Юрий Долгорукий** дар асри XII заминҳои байни дарёҳои Волга ва Окаро идора мекард. Дар ин князӣ дар асрҳои XI–XIII ба шаҳрҳои **Ростов, Суздал, Ярославл, Владимир, Юрев** ва монанди инҳо асос гузошта шуд. Княз Долгорукий ба муносибати ғалабааш бар Киев дар соли 1147 ба шаҳраки **Кучково** асос гузошт, ки он минбаъд номи Москваро мегирад. Авлодҳои Юрий Долгорукий князии Владимирро то **Иван Грозний** (1547) идора карданд.

Князии Владимир-Суздал ва шаҳри Москва дар асри XIV ба муттаҳидшавии заминҳои Рус асос мегарданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Сабабҳо ва оқибатҳои парокандагии феодалиро дар Рус баён намоед.
2. Дар Рус кадом князиҳо пайдо шуданд?
3. Князии Новгород чӣ гуна ба республикаи феодалӣ табдил ёфт?
4. Дар бораи ташкилёбии шаҳри Москва нақл кунед.

## § 32. МУБОРИЗАИ ЗАМИНҲОИ РУС БАР ЗИДДИ ИСТИЛОГАРОНИ ХОРИҶӢ



**Расми 99.** Заминҳои Русро истило кардани муғулҳо.

**Истилои заминҳои Рус аз тарафи муғулҳо**. Баъди Осиёи Миёна ва шимоли Эронро истило кардани Чингизхон соли 1223 лашкари муғулҳо ба заминҳои рус ҳам зада даромаданд. Муғулҳо ҳилаи ҳарбиро ба кор андохта, лашкари саворaи русҳоро ба ҷанги майдон баровaрда, баъд ҳамла оварда мағлуб мекарданд.

Набераи Чингизхон **Ботухон** солҳои 1237–1242 дар Европаи Шарқӣ ҷангҳоро давом дод. Лашкари ӯ аввал князиҳои Рус, баъд Полша, қисман Сербия ва Булғорияро истило мекунад.

Парокандагии феодалии Рус барои муғулҳо хеле муносиб шуд. Онҳо баъди муҳосираи зиёд соли 1240 Киевро забт мекунанд.

Ботухон дар заминҳои истилокардааш хонии **Ўрдаи тиллоиро** ташкил мекунад. Пойтахти он шаҳри **Сарой Боту** дар поёнобии дарёи Волга, наздикии шаҳри Астрахани ҳозира буд.



**Расми 100.** Александр Ярославич.

Ботухон ба князҳои рус барои аз аҳолӣ зудтар ғун кардани андоз ва дигар пардохтҳо ҳурмат нишон медиҳад. **Ярослав** "оқсоқоли князҳо" ном мегирад, барои идораи князии Владимир ёрлиқ мегирад.

Аз байни князҳо нисбат хони муғулҳо саркашӣ кардагон ҳам вомехўранд.

Истилои муғулҳо ба тараққиёти иқтисодиву мадании давлати рус таъсири манфӣ расонд, пешравии онро суст кард.

**Мубориза русҳо бар зидди истилогарони немис ва швед**. Феодалони немис дар ибтидои асри XIII бар зидди қабилаҳои **эст** ва **лити** муқими соҳилҳои Балтика ҷанг мекунанд. Папаи Рим ин ҷангҳоро юришҳои салибӣ эълон намуд, чунки мақсад аз он ба дини насронӣ гузаронидани аҳолии маҳаллӣ буд. Баъди заминҳои эстҳоро ишғол кардан ритсарҳои немис ба сарҳадоти Новгород – Псков наздик шуданд. Баъди ритсарҳои немис феодалони швед ҳам фаъол гардиданд. Онҳо **соли 1240** аз соҳилҳои Нева ба заминҳои Новгород ҳамла овардpoints.

Дар чунин шароит князи Новгород **Александр Ярославич** дар ҷанги 15 июли соли 1240 дар соҳили дарёи Нева бар шведҳо ғалаба мекунад. Ба шарафи ин ғалаба ба княз Александр номи **Невский** мегирад.

Заминҳои ба муғулҳои нагузашта, вале пурсарвати князии Новгород — Псков ҳам таваҷҷўҳи ритсарҳои немисро ба амал овард. Лашкари немисҳо соли 1240 Псковро ишғол мекунад.

Зимистони он сол ритсарҳои немис ба сарҳадҳои Новгород наздик мешаванд. Александр Невский боз ба ҳимояи Новгород сарварӣ мекунад. Княз бо ёрии

дручинаҳои Суздал заминҳои Псков ва атрофи онро озод мекунад. Ҷанги ҳалкунанда 5 апрели соли 1242 дар **кӯли Чуд** мешавад, лашкари рус бо фармондеҳии Александр Невский аз болои ритсарҳои немис ғалабаи калон мекунад. Ин ҷанг дар таърих бо номи "Ҷанги рӯйи ях" машҳур аст.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи Русро истило намудани муғулҳо ва оқибатҳои он нақл кунед.
2. Ботухон заминҳои Русро кадом солҳо забт кард?
3. Князи Новгород Александр Ярославич ба муқобили киҳо ҷангид?

## § 33. ОЗОДШАВИИ РУС АЗ ЗУЛМИ МУҒУЛҲО

**Омилҳои мутамарказшавӣ**. Гарчанде заминҳои Рус дар оқибати истило муғулҳо талафоти калон диданд, ҷараёни тараққиёт боз наистод. Дар шаҳрҳои Рус тараққӣ кардани ҳунармандӣ ва савдо, пурзӯршавии алоқаҳои байни вилоятҳо, пешравиҳои кишоварзӣ барои муттаҳидшавии заминҳои Рус ёрӣ расонд.

Барои муттаҳидшави зарурати муборизаи якҷоя бар зидди душманони беруна, пеш аз ҳама бар зидди зулми хонҳои Ӯрдаи тиллоӣ аз бисёр ҷиҳат таъсир кард.

**Муттаҳидшавии заминҳои Рус.** Дар ибтидои асри XIV шаҳрҳои **Твер** ва **Москва** як аср аввал як гӯшаи князии Владимир буданд, ба сифати марказҳои нави сарзамини рус тараққӣ карданд.



**Расми 101.** Князи Руси Дмитрий Донской.

Чандин нафар князҳои Твер ҳангоми мубориза барои гирифтани ёрлиқи андозҷамъкунӣ аз хони Ӯрдаи тиллоӣ ҳалок мешаванд. Князҳо дар муборизаи байниҳамдигарӣ аз ҳеҷ гуна усул даст намекашанд. Ин мубориза фақат дар даври княз **Иван Калита** (1325–1340) ба фоидаи Москва ҳал шуд.

Князҳои Москва дар миёнаҳои асри XIV хеле қувва ҷамъ карданд. Бо ин

қувва ба муқобили Ўрдаи тиллоӣ мубориза бурдан мумкин буд.

Ба миёнаҳои асри XIV омада Ўрдаи тиллоӣ ҳам ба низои сиёсӣ рӯ ба рӯ омад ва он 20 сол давом кард.

Князи Москва **Дмитрий Иванович** (1359–1389) соли 1378 дар ҷанги зидди муғулҳо дар соҳили дарёи Воҷа ғалабаи аввалинро ба даст овард.

Моҳи сентябри соли 1380 лашкари Дмитрий дар **майдони Куликово** назди дарёи Дон лашкари муғулҳоро бо сарварии туманбошии Ўрдаи тиллоӣ **Мамай** мағлуб кард. Ба шарафи ин ғалаба ӯ номи фахрии **Донско**йро гирифт. Вале баъд аз ду сол **Тӯхтамишхон** ба Москва ҳукмронии худро гузаронд ва аз князҳои рус андоз мегирифтагӣ шуд.



**Расми 102.** Ҳайкали Амир Темур.

Ғалабаҳои **Соҳибқирон Амир Темур** бар Ўрдаи тиллоӣ дар соли 1391 дар ҷанги **Қундузча,** соли 1395 дар соҳили дарёи **Тарак** барои озод шудани заминҳои Рус ва халқҳои Европаи Шарқӣ аз зулми муғулҳо омили ҳалкунанда гардид.

Ниҳоят, соли 1480 дар даври княз **Ивани III** Москва аз додани боҷ ба Ўрдаи тиллоӣ сар кашид. Ҳамин зайл, ҳукмронии 240-солаи муғулҳо бар сарзамини рус ба охир расид.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар ибтидои асри XIV кадом шаҳрҳо чун марказҳои нави сарзамини Рус тараққӣ карда буданд?
2. Дар князии Москва дар мубориза зидди Ўрдаи тиллоӣ чӣ гуна вазъияти мусоид пайдо шуд?
3. Аҳамияти муҳорибаи Куликово дар чист?
4. Дар бораи саҳми Амир Темур дар бобати аз зулми муғулҳо озод кардани заминҳои рус нақл кунед.

# БОБИ VI. ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ, АМЕРИКА ВА АФРИКА ДАР АСРҲОИ XI–XV

## § 34. ДАВЛАТҲОИ ТУРКҲОИ САЛҶУҚӢ ВА УСМОНӢ

**Давлати салҷуқиҳо**. Юришҳои калони ҳарбии қабилаҳои ӯғуз, ки бо раҳбарии сарвари сулола **Салҷуқбек** дар Осиёи Миёна асос гузошта буд, ба Осиёи Пеш дар асри XI пурзӯр шуд. Империяи шарқии Рим, ки бино ба низоъҳои дохилӣ заиф шуда буд, ба ҳамлаҳои қабилаҳои кӯчманчии турк муқовимат карда натавонист. Лашкари кирояи Византия соли 1071 аз тарафи султони Салҷуқиҳо **Алп Арслон** дар ҷанги **Мантсикерт** торумор гардид. Император **Романи IV Диоген** дар ҷанг асир гирифта шуд. Баъди ин мағлубият византиягиҳо тамоман муқобилият нишон надоданд. Қабилаҳои сершумори турк ба Осиёи Пеш роҳ гирифт.

**Дар ёд доред!**
**Давлати салҷуқиҳо** — давлатест, ки сулолаи салҷуқиҳо дар Шарқи Наздик ва Миёна, қисман дар Мовароуннаҳр идора кардаанд (1038–1308). Давлати Салҷуқиҳоро наберaи Салҷуқ Султон Тӯғрулбек асос гузоштааст.

**Сохти иҷтимоӣ**. Ӯғузҳо дар ин замон инқирози даври авлодию ҷамоавӣ ва гузариш ба муносибатҳои нави феодалиро аз сар мегузарониданд. Дар охири асри XI ӯғузҳо қариб тамоми Осиёи Хурдро забт карда, чандин амириҳои худро ташкил карданд. Амириҳо гарчанде ҳукми сулолаи салҷуқиҳоро тан гирифта буданд, дар амал ҳар яке мулки худро мустақил идора мекарданд.

Ба зиндагии муқимӣ гузаштани қабилаҳои кӯчманчии турк ҳамин вақт сар шуда буд. Туркҳои муқимгашта мисли аҳолии таҳҷоии юнониҳо, арманҳо бо деҳқонию ҳунармандӣ машғул мешаванд. Ин ҷараён дар асрҳои XII–

XIII ба пурра ташаккулёбии давлати феодалии Салҷуқиҳо оварда расонд.

Сохти заминдории калон ва андоз дар кишвар аз сохти дигар давлатҳои исломӣ қариб фарқ намекард. Фақат фарқ дар он буд, ки дар Салҷуқиҳо майдони замини давлатӣ аз заминҳои хусусӣ бештар буд. Қисми калони замини давлатӣ чун **иқтаъ** ба хизматчиёни ҳарбӣ ва амалдорон ба ивази хизматашон дода мешуд. Даставвал иқтаъ мулки меросӣ набуд, фақат бо шарти дер давоми хизмат истифода кардан дода мешуд.

Қабилаҳои турк оҳиста-оҳиста бо аҳолии маҳаллӣ омезиш ёфта, дар натиҷаи он ба ташаккулёбии этноси нав—**халқи турк** асос гузошта шуд. Ин ҷараён дар солҳои 20—30-юми асри XIII пурзӯр гардид. Лекин истилои муғулҳо дар соли 1243 ба инкишофи минбаъдаи давлат таъсири бад расонд. Дар ибтидои асри XIV давлати Салҷуқиҳо дар Осиёи Хурд тамоман пароканда шуд.



**Расми 103.** Ҳарбиёни туркҳои усмонӣ.

**Ташкилёбии давлати усмониҳо**. **Бейии Усмон** дар ҳудуди шимолу Ғарбии Осиёи Хурд, ташкил ёфта буд. Бо Византия ҳамсоя будани он ба тараққиёташ таъсири нек расонд. Ба империяи заифшуда ҳамла оварда, заминҳои онро ишғол кард. Истилоҳои зиёд водор намуд, ки ҷанговарони дигар қабилаҳо ба хизмати Усмониҳо гузаранд.

Дар даври асосгузори сулола **Усмон** (1299—1326) чандин юришҳо ташкил карда шуд, шаҳри **Бурса** ва атрофи он ишғол гардид. Писари ӯ **Ӯрхон Никея ва Никомедия** барин шаҳрҳои Византияро гирифта, ба соҳили баҳри Сиёҳ баромад. Аввал сохтори идоракунии бейӣ хеле содда буд. Хусусан, унвони бей ба Усмон ва Ӯрхон дар маҷлиси сарварони қабила дода шуда буд. Вазифаи асосии бейҳо аз таъмини қувваҳои ҳарбии қабилаҳои турк ва истило намудани ҳудудҳои ҳамсоя иборат буд. Пурзӯршавии бейӣ ба дигаргуниҳои идоракунӣ оварда

расонд. Бинобар ин дар даври Ӯрхон бори аввал лавозими **вазир ҷорӣ** карда шуд. Тангаҳо сикка зада, заминҳои давлатӣ ба воҳидҳои маъмурӣ тақсим карда мешуд. Ӯрхон ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида, лашкарро ба қисмҳои пиёда ва савора («мусаллам») ҷудо мекунад.

**Дар ёд доред!**
**Давлати усмониҳо** — давлатест, ки онро *сулолаи усмониҳо* (1299–1922) дар ҳудуди Осиёи Хурд, Европаи Шарқӣ, Шарқи Наздик, қисман Кавказ ва Қрим идора карда буд. Асосгузори он Усмони I буд.

**Истилои нимҷазираи Балкан.** То истилои усмониҳо дар нимҷазираи Балкан **Византия, Сербия, Булғория, Босния** барин давлатҳои калон мавҷуд буд.

Вале парокандагии сиёсӣ ва зиддиятҳои дохилӣ имкон надод, ки ин давлатҳо бар зидди истилои туркҳо як шаванд.

Истилои аввалини Балкан солҳои 1353–1357 рӯй дод. Қисми асосии онро туркҳо дар байни 30 соли оянда забт карданд.

Султони турк **Боязид** (1389–1402) бо ин зафарҳояш шӯҳрати калон пайдо намуда, номи **Йилдирим** (Шадид)-ро гирифт. **Константинополро** муҳосира кардани султон Европаро саросема карда монд.


**Расми 104.** Ҷанги Анқара байни Боязид Йилдирим ва Амир Темур. Аз миниатюраи арабии асрҳои миёна.

Ин вақт юриши **Амир Темур** бар зидди **Боязид** дар Осиёи Пеш сар шуд. Тобистони соли 1402 дар ҷанги назди Анқара лашкари соҳибқирон лашкари Боязидро мағлуб кард. Ин воқеа барои аз тарафи туркҳо ишғол шудани Константинопол роҳ надод ва барои боз 50 сол умр дидани Византия имкон дод.

**Афтидани Константинопол**. Султони Усмониҳо **Меҳмети II** (1451–1481) бо лашкари садҳазорнафара Константинополро муҳосира кард.

29 майи соли 1453 туркҳо Константинополро гирифтанд. Императори охирини Византия дар ҷанг ҳалок шуд. Усмониҳо шаҳрро Истамбул номида, пойтахтро ба он ҷо кӯчониданд.

Баробари забт шудани пойтахти Визанития назорати роҳҳои савдоие, ки Европа ва Осиёро мепайвастанд, ба ихтиёри туркҳо гузашт. Юришҳои калонмиқёси истилогарона бо ташкил ёфтани империяи Усмониҳо ба охир расид.

**Омилҳои ғалабаҳои туркҳои Усмонӣ**. Лашкари туркҳо аз қисмҳои хуб ташкилшудаи пиёда ва савора иборат буд, султонҳо қобилияти баланди сарлашкарӣ доштанд, лашкари пиёда яничарҳо ба султон содиқ монданд, ки ин ҳама қудрати туркҳои Усмониро нишон медод.

Туркҳо ба пурзӯркунии қисми савораи лашкар эътибори махсус медоданд. Ба ҳар як савораи лашкар мулке, ки **тумори** ном дошту 3–5 ҳазор пиастр даромад меовард, дода мешуд. Ин замин фақат ба туркҳо ва ҳарбиён ҳангоми адои хизмат дода мешуд. Аз ин рӯ сафи саворагон то 150 ҳазор нафар расид.

Султон баробари ба лашкари хуби пиёда дар Европаро дошт. Дар миёнаҳои асри XV султон аз ҳисоби бачаҳои асирони хеле боқуввати насрониҳо гвардияи шахсӣ ташкил кард. Бо гузашти солҳо ин бачаҳо забон ва дини худро фаромӯш карда, ба **яничарҳои** содиқи султон табдил ёфтанд. Султон ба ҷанг ҳамеша бо яничарҳои вафодори худ медаромад. Яничарҳо, ки оила, сарват, мулк надоштанд, барои султон ҷони худро дареғ намедоштанд. Онҳо дар ғалабаҳои ҷангҳо ҳисса гузоштаанд. Аксари лашкар ва ҷанговароне, ки ба лашкари турк шӯҳрат оварданд, яничарҳо буданд.

**Маданият**. Дар охири асри XV дар ҷамъияти усмониҳо соҳаҳои гуногуни маданият — адабиёт, санъати тасвирӣ, меъморӣ равнақ карда буд. Донишҳои ҷуғрофӣ ва таърихшиносӣ ҳам инкишоф кард.

Дар ин кишвар мисли **Меҳри хотун** ва **Мулло Маҳмуд** шоирони боистеъдод ба камол мерасанд. Меъмории туркҳо бо истифодаи таҷрибаи дигар кишварҳо боло рафт. **Хоҷа Синони** юнон (1490–1588) бо дурдонаҳои аҷоиби меъморӣ

онро дар ҷаҳон шиносонид. Вай сохтмони беш аз 300 иншоот — масҷиду мадрасаҳо, фаввораҳо, ҳаммому кӯпрукҳоро сарварӣ кардааст.

Инкишофи ҷуғрофия хусусан қобили қайд аст. Асарҳои сайёҳи баҳрии турк **Пири Раис** атласи «***Баҳрия***»-и ӯ оиди баҳрҳои Миёна, Сиёҳ ва Эгей дар илми дунё комёбии калон буд. Дар асари бисёрҷилдаи «***Сайёҳатнома***»-и Эвлия Чалаб, «***Ҷаҳоннома***»-и **Хоҷа Халифа** дар асоси манбаъҳои араб ва Европа кишварҳои гуногуни дунё тасвир ёфтаанд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Давлати Салҷуқиҳо дар Осиёи Хурд кай ташкил ёфт?
2. Дар бораи сохти иҷтимоии туркҳо нақл кунед?
3. Давлати Усмониҳо кай ташкил ёфт?
4. Аз хусуси нимҷазираи Балканро истило кардани туркҳо ҳарф занед.
5. Сабабҳои афтидани империяи Византияро гӯед.
6. Оиди омилҳои ҳудрати давлати Усмониҳо ва истилои минбаъдаи он нақл кунед.
7. Ҷиҳатҳои муҳими маданияти Усмониҳо аз чиҳо иборат аст?

# § 35. ДАВЛАТИ МУҒУЛҲО ВА ИСТИЛОҲОИ ОН

**Сохти иҷтимоӣ**. Қабилаҳои муғул аз қадимулайём дар ҳудудҳои Сибири Ҷанубӣ, Манҷурия ва Муғулистон ҳаёт ба сар мебурданд. Аксари онҳо бо чорводории кӯчманчигӣ машғул буданд, баъзе авлодҳояшон дар ҷангалҳо шикор ва моҳидорӣ карда рӯз мегузарониданд.



**Расми 105.** Аз ҳаёти муғулҳо.

Дар муғулҳо бисёр одатҳои қадимӣ, хусусан хун гирифтан, дар тасаввуроти динӣ бошад, ба рӯҳи аҷдодон саҷда кардан, шаманӣ нағз монда буд.

**Дар ёд доред!**
**Шаманӣ** – яке аз шаклҳои эътиқоди динии ибтидоӣ. Асоси онро боварӣ ба рӯҳи неку бад, таъсири онҳо ба ҳаёти инсон ташкил медиҳад.

Вале дар нимаи дуюми асри XII дар муносибатҳои иҷтимоии муғулҳо хусусиятҳои нав — ба табақаҷудошавии мулкӣ пурзӯр шуд. Ҷамоаҳои авлодӣ ба хоҷагии алоҳида кӯчманчӣ – **айл**ҳо тақсим шуда, ҳар кадоми онҳо ба чорвои худ соҳибӣ мекард. Аз байни авлодҳо хонаводаҳои бой, ашрофони оянда пайдо шуданд. Аксари сарварони авлодҳо — *нойонҳо* аз байни ҳамавлодони худ навкар гирифта, дастаҳои ҳарбӣ ташкил мекунанд. Ба табақаҳо ҷудошавӣ ҳам худаш ташкили иттифоқҳои ҳарбии қабилавиро тақозо мекард. Онҳоро **хон** сарварӣ мекард. Иттифоқҳои пурзӯри қабилавӣ аз ҳамсоягони мутеъашон андозу боҷ мегирифтанд.

Ин иттифоқҳои қабилавӣ дар шароити «демократияи ҳарбӣ» дар курултойҳои (ҷамъомадҳои) худ масъалаҳои муҳим: ҷанг, сулҳ, иттифоқ бастан, интихоби хонро дида мебаромаданд.


**Расми 106.** Чингизхон.

**Давлати Чингизхон**. Дар ҷангҳои дохилии қабилаҳои муғул дар ибтидои асри XIII **Темучин** (1155–1227) ғолиб меояд. Вай дар курултойи соли 1206 дар соҳили дарёи Онон хони бузург эълон мешавад. Саршаман дар ҳузури халқ ба ӯ унвони **Чингизхон**ро медиҳад. Калимаи «**Чингизхон**» маънои «пурзӯр», «кудратманд», «тоза»-ро дорад.

Чингизхон бо мақсади мутамарказсозии кишвар қалъаи **Қарокурумро** ба пойтахт табдил медиҳад.

Ба пурзӯр кардани лашкари муғулҳо эътибор дода шуд. Муғулҳои бо кори худ машғул дар ҳолати ҷанг зуд ба дастаи даҳнафара як шуда ба ҷанг медаромаданд. Ҳамин тариқ, лашкарро ӯнбошиҳо, мингбошиҳо, туманбошиҳо

идора мекарданд. Истилоҳои тороҷгарона ба шуғли асосии кӯчманчиён табдил ёфт.

**Лашкари муғулҳо.** Барои кӯчманчиён дар бобати тайёрӣ дидан ба ҷанг вақти зиёд зарур набуд. Чунки онҳо ҳамеша савори асп буданд. Муғулҳо дар хона — ӯтовҳои сайёр зиндагӣ мекарданд. Барои тайёрӣ ба юриш ёки ҳангоми кӯчидан дар тӯли як соат тайёр мешуданд, хонаро ҷамъ намуда, ба шутур бор мекарданд.



**Расми 107.** Лашкари муғулҳо.

Аслиҳаи дӯстдоштаи муғулҳо камон буд, ҷанговари муғул рақиби худро аз садҳо метр ба нишон гирифта метавонист. Аксарияти ҷанговарон бо найза ва шамшер мусаллаҳ шуда буданд. Ҳар як кӯчманчӣ хоҳ дар ҷанг, хоҳ дар зиндагии оддӣ ҳамроҳи худ арғамчин дошт. Лашкари Чингизхон ҳангоми истилои кишварҳои ҳамсоя аз дастгоҳи махсуси деворшиканӣ- фалахмон истифода мебурд.

Лашкар аз се қисм: марказ ва ду қанот иборат буд. Ҳангоми ҷанг марказ фиребкорона ақиб менишаст, агар душман онро таъқиб намояд, лашкари қанот ба ҳуҷум мегузашт, ақибнишастагон ҳам ҳамла меоварданд. Ғайр аз лашкари асосиаш Чингизхон лашкари ихтиёрии махсус "**кечик**" ҳам дошт. Кечик дар ҳолатҳои фавқулодда ба ёрӣ меомад.

Моҳирона идора намудани ҷанг, лашкари дорои интизоми сахт ва парокандагии феодалӣ дар кишварҳои ҳамсоя ғалабаи муғулҳоро таъмин мекард.

**Истилоҳо.** Чингизхон соли 1211 ба Шимолии Хитой лашкар мекашад, аммо ин юриши вай бо нокомӣ анҷом меёбад. Ниҳоят, Хитой дар даври ворисони Чингизхон пурра истило шуд.

Юришҳои соли 1218 ба муқобили Еттисой ва Туркистони Шарқӣ сар шуда, соли 1219–1221 ба давлати Хоразмшоҳиҳо ҳам расид. Афғонистон, Шарқии Эрон ишғол карда, ба воситаи Кавказ соли 1223 ба Дашти Қипчоқ роҳ кушода шуд. Лашкари русҳо, ки ба ёрии қипчоқҳо ба соҳили дарёи Калка омада буд, низ шикаст хӯрд.

Соли 1224 Чингизхон заминҳои забткардаашро ба писаронаш **Ҷӯҷӣ, Чиғатой, Ӯқтой** ва **Тулу** чун улусҳо тақсим кард. **Ӯқтой**ро ворией тахт таъин кард.

**Дар ёд доред!**
**Улус** (муғулӣ—давлат, халқ, одамон)—мулкҳое, ки муғулҳо баъди истило ба фарзандони Чингизхон тақсим карда дода шудаанд. Баъдтар улусҳо ба давлатҳои мустақил табдил ёфта, ба ҳукмдори худ ба номаш итоат мекарданд.

**Савол ва супоришҳо:**
1. Ҳудудҳои муғулҳои истилокардаро дар харитаи бематн қайд кунед.
2. Шуғли муғулҳо чӣ буд?
3. Давлати Чингизхон чӣ гуна ташкил ёфт?
4. Дар бораи сохти лашкари муғулҳо нақл намоед.
5. Ба донишатон аз таърихи Ӯзбекистон такя карда, дар бораи истилои муғулҳо дар давлати Хоразмшоҳон нақл кунед.

## § 36. ХОНИИ ӮРДАИ ТИЛЛОӢ


**Расми 108.** Дар ҳузури хони Ӯрдаи Тиллоӣ.

**Истилои нав.** Дар қурултойи муғулҳо, ки соли 1235 баргузор шуд, дар бораи истилои заминҳои Рус ва Кавкази Шимолӣ қарор қабул шуд. Дар ин қурултой ин маротиба ба лашкари тавонои муғулҳо **Ботухон** сарварӣ намуданашро ҳам эълон намуд. Мувофиқи қарори қабулшуда аз ҳар даҳ сарбози улус як нафариро барои ин юриш ҷудо кардан, ба ёрии Ботухон лашкаркаши Чингизхон **Субутой баҳоду**рро ҳам таъин шуданаш ҳам маълум карда шуд. Тирамоҳи соли 1237 Боту ва Субутой ба заминҳои

Рус ҳамла оварда, аввал **Рязан**ро гирифт. Парокандагии феодалии Рус, ки дер вақт боз давом мекард, имкон намедод, ки онҳо ба муқобили муғулҳо якҷоя шуда муқобилият намоянд. Бинобар ин соли 1238–1240 **Владимир, Суздалҳ, Киев, Галич, Волин** ва дигар шаҳрҳо бо осонӣ истило шуд.

Аммо баъди вафоти Ӯқтой дар соли 1243 Ботухон ба даштҳои соҳили Волга бармегардад. Ҳамин зайл заминҳои истилокардаи Боту дар соҳили Волга, соҳилҳои шимоли баҳри Сиёҳ, Кавкази Шимолӣ, ҳудудҳои Молдавия чун **улуси Ҷӯҷӣ** ташкил карда шуд, ки дар манбаъҳои рус он номи **Ӯрдаи тиллои**ро гирифт.

**Дар ёд доред!**
**Ӯрдаи тиллоӣ, улуси Ҷӯҷӣ** — давлатест, ки дар ибтидои солҳои 40-уми сари XIII аз тарафи писари Ҷӯҷихон Ботухон (1236–1255) асос гузошта шудааст.

**Сохтори идоракунӣ.** Ӯрдаи тиллоиро Ботухон ва авлодони ӯ идора карданд. Барои ҳалли масъалаҳои муҳим қурултой даъват мешуд. Сарвари ҳокимияти иҷроия **беклярбеги** буд, кори девонро **вазир** адо мекард. Идораи маҳаллӣ ба дасти **доруға ва босқоқҳо** гузашта буд. Ҳукмдори муғул дар айни вақт ҳокими князҳо ва аҳолии Рус ҳисоб мешуд. Ҳар як князи аввал улуси хон, баъд мулки княз эълон шуда буд. Ҳар кадоме аз князҳои Рус аз хони Ӯрдаи тиллоӣ ёрлиқи идоракуниро мегирифт. Князи Владимир **Ярослав** "бузург"-и онҳо ҳисоб мешуд. Ҳудудҳои истилошуда ба туманҳо тақсим шуда буд, ки то 10 ҳазор савораро саф мекашонд.

Муғулҳо дар заминҳои истилошуда аввал сохтори идоракунии худро ҷорӣ карданд. Дашту биёбонҳо ба додарони Боту тақсим карда, ба мулки **суюрғал** табдил дода шуд. Соҳибони заминҳои суюрғал ғайр аз он, ки ба лашкари хон сарбоз медоданд, як қисми андози аҳолиро ҳам дода мефиристоданд.

Ӯрдаи тиллоӣ дар асри XIV аз чорто вилояти калон иборат буд, онҳо номи **улус**ро гирифтанд. Раҳбари

вилоятҳо **улусбеги** ғайр аз он, ки сарвари лашкар буд, дар ҳудудаш бисёр масъалаҳоро худаш ҳал мекард. Лашкари Ўрдаи тиллоиро бекларбеги идора мекард. Вай ҳам яке аз ашрофони кўчманчӣ буд, баъзан аз хон бештар мавқеъ дошт. Ин ҳол баъзан ба моҷароҳои хунин оварда мерасонд.

Дар хонии Ўрдаи тиллоӣ инкишофи идораи давлатӣ ба пурзўршавии амалдорон оварда расонд.

**Дар ёд доред!**
**Суюрғал** (аз муғулӣ – *инъом, тўҳфа*) – молу мулк, замине, ки аз тарафи ҳукмдор ба амалдорон ё лашкаркашон барои хизматҳои шоён дар назди давлат дода мешавад. Замини суюрғал аз авлод ба авлод мерос мегузашт.

**Андоз.** Муғулҳо бо мақсади гузаронидани аҳолӣ ба даҳӣ ба рўйихатгирии онро ташкил карданд. Ин тадбир соли 1248 аз князиҳои ҷануб сар шуда, соли 1257 ба князиҳои шимол рафта мерасад. Баъди ба охир расидани рўйхатгирии аҳолии мамлакат пардохти нав **“чиқим”** (“баромад”) ҷорӣ карда шуд. Ғайр аз ин аз аҳолӣ дар шароити фавқулодда андози **талаб** ҳам гирифта шуд. Агар



**Расми 109.** Омадани босқоқ барои ҷамъоварии андоз аз деҳоти русҳо.

барои хон маблағ зарур шавад, вай ба князҳои рус талаб бор карда, "чиқим"-ро чи хел бо зӯрӣ ғун кунад, талабро низ ҳамон хел ҷамъ мекард. Барои хон ва наздикони ӯ, сафиронаш ҳам тӯҳфаҳо, барои пора додан ба амалдорони Ӯрда низ маблағи зиёд сарф мешуд. Пардохти андоз ва боҷро ноибони **босқоқҳо** таъинкарда меғундоштанд.

Князҳои рус қудрати Ӯрдаи тиллоиро фаҳмида, роҳи сулҳро пеш мегирифтанд. Дар ин шароит чунин роҳ роҳи ягонаи нигоҳ доштани халқи худ, аз ғуломӣ наҷот додани он буд. Сиёсати сулҳомезро князи Владимир Ярослав сар кард, писараш Александр Невский давом дод. Княз Александр ба Ӯрдаи тиллоӣ якчанд бор ташриф овард. Ба Муғулистон сафар карда ба ҳурмати амалдорони маҳаллӣ ноил шудааст. Аз ин рӯ, муғулҳо барои русҳо босқоқ таъин накарда, ҷамъкунии боҷро ба яке аз князҳо супурда буд.



**Расми 110.** Княз Александр дар ҳузури хони Ӯрдаи Тиллоӣ.

**Сиёсати хориҷӣ.** Бо масъалаҳои сиёсати хориҷӣ хон ва мушовирони наздики ӯ, инчунин беклярбеги машғул мешуданд. Аз сабаби он, ки Ӯрдаи тиллоӣ дер вақт яке аз давлати пурқудрати Европаи Шарқӣ буд, тақдири бисёр кишварҳо ба он вобаста буд. Аз ин рӯ шоҳони Европа, папаҳои Рим, императорони Византия ва султонҳои Турк ба дарбори хон муносибати дӯстона доштан мехостанд.

**Хулоку** дар Эрон давлати мустақил ташкил карда, ворисони ӯ барои зери тасарруф даровардани Кавказ бо Ӯрдаи тиллоӣ рақобат доштанд. Лашкарҳои ин ду давлати муғул борҳо байни худ задухӯрд карда, гоҳе яке, гоҳе дигаре ғолиб мешуд. Дар яке аз ин ҷангҳо соли 1266 додари Ботухон **Берка** ҳам ҳалок мешавад. Дар мубориза зидди улуси Хулоку Ӯрдаи тиллоӣ бо султони Миср иттифоқ мебандад.

Лашкари Ӯрдаи тиллоӣ ба нимҷазираи Балкан, Литва ва Полша истилоҳо ташкил мекунад. Мақсад истило

набуда, аз ҳисоби тороҷ намудани ин ҳудудҳо бой кардани ашрофони Ӯрдаи тиллоӣ буд.

**Ӯрдаи Тиллоӣ дар асрҳои XIV–XV.** Дар нимаи аввали асри XIV ин давлат ба қуллаи баланди тараққиёт мерасад. Ин ҷараён бо номи **Ӯзбекхон** (1312–1342) ва писари ӯ **Ҷонибек** (1342–1357) вобаста аст. Қабул гардидани ислом яке аз омилҳои мустаҳкамшавии Ӯрдаи тиллоӣ буд. Ӯзбекхон соли 1314 исломро дини давлатӣ эълон кард. Муқобилони ин қарорро, ҳатто хешу таборашро бераҳмона маҳв кард.

Асосгузори империяи муғулҳо Чингизхон васият карда буд, ки ворисонаш нисбати ҳамаи динҳо як хел бошанд. Авлоди вай ин васиятро иҷро мекард. Дар пойтахти давлат шаҳри **Сарой** ибодатхонаҳои гуногун сохта шуданд. Аммо аксари муғулҳо ба дини шаманизм эътиқод доштанд.

Дар даври Ӯзбекхон ва Ҷонибек дар Ӯрдаи тиллоӣ шаҳрҳо гул-гул шукуфтанд. Онҳо ба маркази ҳаёти иқтисодиву маданӣ табдил ёфтанд. Сарой ва Саройи Берка ба қатори шаҳрҳои бузурги дунё дохил шуда буданд.

Баъди вафоти Ҷонибек мубориза барои тахт сар шуд. Кишварҳои канорӣ мустақил мешуданд. Дар охири асри XIV **Тӯхтамишхон** онро боз понздаҳ сол муттаҳид кард. Аммо саҳифаҳои фоҷианоки таърихи давлат айнан бо ҳукмронии ӯ вобаста аст. Сабаби ин дар рақобати байни Тӯхтамишхон ва ҳукмдори Мовароуннаҳр Амир Темур буд. Амир Темур ба улуси Ҷӯҷӣ се бор юриш ташкил мекунад. Мағлуб кардани Тӯхтамишхон аз тарафи Амир Темур дар соли 1395 сабаби вайроншавии шаҳрҳои Сарой, Сарой Берка, Астрахан шуд. Баъд, роҳҳои савдо ба самти ҷануб ғеҷиданд. Юришҳои Амир Темур Ӯрдаи тиллоиро пурра заиф намуданд.

Дар нимаи аввали асри XV Ӯрдаи тиллоӣ ба якчанд хониҳо тақсим шуд. Хониҳои **Қрим, Қозон, Сибир, Қозоқ ва Ӯрдаи Нӯғай** калонтарини онҳо буданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Хонии Ӯрдаи тиллоӣ чӣ хел пайдо шуд?
2. Дар бораи сохтори идоракунии Ӯрдаи тиллоӣ нақл кунед.
3. Дар хонии Ӯрдаи тиллоӣ кадом намуди андозҳо ва ӯҳдадориҳо буданд?

4. Чаро князҳои Рус бо Ўрдаи тиллоӣ муносибати муросоро пеш мебурданд?
5. Дар бораи сиёсати хориҷии Ўрдаи тиллоӣ нақл кунед.
6. Аз Амир Темур мағлуб шудани Ўрдаи тиллоӣ ба кадом оқибатҳо оварда расонд?

## § 37. ХИТОЙ ДАР АСРҲОИ XIII-XV

**Тараққиёти иқтисодӣ.** Баъди ба сари тахт омадани сулолаи Сун (960–1279) ба парокандагии феодалӣ ва ҷангҳои дохилии Хитой, ки дер давом кард, хотима гузошта шуд. Дар натиҷа барои инкишофи иқтисодиёти кишвар заминаи хуб фароҳам омад. Дар истеҳсолот ва коркарди замин аз усулҳои нав истифода мебурданд. Масалан, аз асри Х обро бо ёрии асбобҳо боло мекашиданд. Бо истифода аз «чархи фалак» майдони заминҳои обёришаванда зиёд шуд. Бо ёрии осиёбҳои обӣ шолиро тоза мекарданд, истеҳсоли орд вусъат ёфт.

Дар асрҳои миёнаи мутараққӣ дар Хитой заминҳои тобеи император, ҳарбиён, амалдорон кам шуда, заминҳои хусусии феодалон хеле зиёд мешаванд. Аз ҳисоби заминҳои хусусӣ, инчунин заминҳои нави хушк ва бағали кўҳ майдони киштзорон васеъ гардид. Ғайр аз ин, барои надодани қарз кашида гирифтани замини камбағалон барои пайдо шудани заминдорони калон сабаб мешуд. Ҳамин зайл, дар ибтидои асри XI нисфи киштзорон ба дасти феодалон гузашта буд. Дар ин ҷойҳо асосан деҳқонони иҷоракор меҳнат мекарданд.

Дар Хитой аксари деҳқонони озод 30–40 му замин доштанд, давлат онҳоро пуштибонӣ мекард. Деҳқонони Хитой аз ҳосили расондаашон соле ду бор ба давлат андоз месупурданд. Агар андози замин бо шолӣ ё ғалла супурда шавад, кирмакпарварон андозро бо додани матоъ адо менамуданд.

**Шаҳрҳо ва ҳунармандӣ**. Шаҳрҳои **Кайфин, Ченди ва Учан** марказҳои бузурги савдоӣ ва ҳунармандии Хитой буданд. Дар савдои Хитой роҳҳои обӣ аҳамияти калон доштанд. Аксари шаҳрҳо дар соҳили баҳр ё дарёҳо, роҳҳои савдоии хушкӣ ҷой гирифта буданд, ки ин омили пешравии онҳо мегардид.

Инкишофи шаҳрҳо равнақ ёфтани ҳунармандиро таъмин кард. Кофта гирифтану гудохтани оҳан ва мис зиёд шуд. Аз ҷумла, истеҳсоли мис нисбат ба асри IX 30, гудозиши оҳан 12 маротиба афзуд. Ҳамчунин, истеҳсоли қӯрғошим, симоб, қалъагӣ, тилло, нуқра ҳам вусъат ёфт. Хитоиҳо барои коркарди маъданҳо аз моддаҳои махсус, ангиштсанги коксдиҳанда васеъ истифода мебурданд. Ин боиси вусъати истеҳсол ва беҳтаршавии сифати яроқу аслиҳа, корд, мех, зарфҳои гуногун гардид.

Дар вилоятҳои ҷанубии Хитой ҳунармандон даҳҳо намуди матоъҳои шоҳиро тайёр мекарданд. Аз шоҳи тайёркунии сӯзана — **панно** дар асри XII ихтироъ шуда, васеъ паҳн гардида буд. Дар Хитой дар асри XIV хусусан пахтакорӣ хеле пеш рафта буд. Аз асри XIV сар карда ҳунармандони маҳаллӣ аз нахи пахта ҳам намудҳои гуногуни матоъ мебофтанд.

**Дар ёд доред!**
Ҳиндустон ватани пахтаи Осиё аст. Аз он ҷо пахта ба Осиёи Миёна омадааст. Савдогарони ҳамватани мо даставвал тухми пахтаро ба Хитой бурдаанд.

Аъзои сех будани ҳунармандон дар Хитой маҷбурӣ буд. Чун дар сехҳои Европа дар Хитой низ халифа шумораи шогирдон, шароити кори онҳо, фурӯхтани чизҳои ҳунармандӣ, омӯхтани асрори касбро назорат мекард.

**Истилои муғулҳо**. Дар даври **хонии Хубилай** ( 1259—1294), ки дар шимоли Хитой ташкил шуда буд, таъсири давлати муғулҳо ба ҳудудҳои марказӣ ва ҷанубии кишвар сахт эҳсос мешуд. Соли 1279 Хитой пурра тобеъ шуд ва сулолаи нави муғулҳо номи **Юан**ро (1279—1368) гирифт. Муғулҳо заминҳои Хитойро бо деҳқононаш тақсим карда гирифтанд. Аммо дар кишоварзӣ усули хоҷагидорӣ ва андоз боқӣ монд.

Зиёдшавии боҷ дар даври муғулҳо на фақат деҳқонону ҳунармандон, ҳатто савдогаронро низ хонавайрон намуд. Ҳукумат барои пардохти хароҷоти афзуда истода пули иловагии коғазӣ баровард. Ин боиси беқурбшавии пул, қимматшавии маҳсулот ва чизҳои ҳунарманди шуд.

Хубилай дар идоракунии кишвар усули хитоиро кор мефармуду лекин аз хизмати амалдорони маҳаллӣ даст кашида буд. Дар байни амалдорони давлат намояндагони халқҳои гуногунро дидан мумкин буд. Масалан, сайёҳ ва савдогари венетсиягӣ Марко Поло дар қасри Хубилайхон лавозими баланд дошт.



**Расми 111.** Савдогарони европоӣ дар ҳузури Хубилай

**Идоракунии сулолаи Мин**. Баробари таназзули империяи муғулҳо дар миёнаҳои асри XIV дар Хитой ҳам ҳаракати озодихоҳӣ пурзӯр шуд. Шӯришҳои деҳқонон, ки дар вилоятҳои Хенан ва Шандин соли 1351 сар шуда буд, зуд тамоми кишварро фаро гирифт. Шӯришро роҳиб Чжи Юан-Чжан сарварӣ мекард. Соли 1368 дар Хитойи аз муғулҳо озодшуда **сулолаи Мин** фаъолияти худро сар кард, ки ба он Юан Чжан асос гузошта буд.

**Дар ёд доред!**
Соли 1368 дар Хитой империяи Мин ташкил шуд. Асосгузораш — Юан Чжан.

Лашкари Мин муғулҳоро таъқиб намуда, пойтахти онҳо **Қароқурум**ро забт карда, оташ зад. Ҳамин зайл, ба ҳамлаҳои кӯчманчиён ба Хитой хотима гузошта шуд. Дар ин бобат ба хитойиҳо порох ва тӯп хеле ёрӣ расонд.



**Расми 112.** Императори Хитой Юан Чжан.

Барои барқарорсозии иқтисодиёти кишвар андози ҳунармандон ва савдогарон кам карда, оиди озод кардани ғуломон қонун қабул шуд. Иншоотҳои обёрии сунъӣ, каналу сарбандҳо, обанборҳо таъмир шуд. Киштзорон васеъ карда шуд, аҳолии мамлакат меафзуд.

**Хитой дар асри XV**. Баробари мустаҳкамшавии ҳокимияти феодалон имтиёзу сабукиҳое, ки барои

бартарафсозии асорати истилои муғулҳо ба деҳқонон, ҳунармандон ва савдогарон дода шуда буд, бекор гардид. Заминҳои давлатӣ аз деҳқонон кашида гирифта, андозу боҷи ҳунармандон ва савдогарон зиёд карда шуд.

Дар ибтидои асри XV муносибатҳои сулолаи Мин бо салтанати Амир Темур бад шуд. Фақат ногаҳон фавтидани Амир Темур юриши Хитойро имконнопазир кард. Ин боиси истилои Ветнам дар соли 1406, баъд Муғулистон аз тарафи Хитой роҳро боз кард.



**Расми 113.** Чжан Хе.

Пешрафти иқтисодии кишвар дар фаъолияти флоти ҳарбии баҳрии он бо роҳнамоии **Чжан Хе** ҳам намоён мегардид. Ин экспедитсияи ҳарбӣ иборат аз 62 киштӣ, 30 ҳазор нафар ҷанговар солҳои 1405–1433 ба галаҷазираи Зонд, Шри Ланка ва Ҳиндустон 7 маротиба юриш ташкил мекунад. Киштиҳои он то соҳилҳои халиҷи Ҳурмуз (Форс) ва Африкаи Шимолӣ шино карда буданд. Чжан Хеи мусулмонгашта Маккаро зиёрат карда буд. Ин экспедитсияҳо мавқеи Хитойро боло бурданд ва барои вусъати савдои хориҷӣ имкон доданд. Императорони Хитой солҳои 1415–1320 ба Самарқанд, ба назди **Улуғбек** сафир фиристоданд. Лекин ба ин давлати мавқеаш баланд Хитой таъсирашро нагузаронд.

Оғози инқирози иқтисодӣ аз миёнаҳои асри XV ба тараққиёти дохилӣ ва сиёсати хориҷии он таъсири бад расонд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Сабабҳои болоравии иқтисодиёти мамлакат кадомҳоянд?
2. Аз тарафи муғулҳо истило шудани Хитой ва идоракунии сулоласи Юан чӣ хел амалӣ гардид?
3. Оиди фаъолияти сулолаи Мин чӣ дар ёдатон мондааст?
4. Дар бораи Чжан Хе ва фаъолияти ӯ нақл кунед.

# § 38. ЯПОНИЯИ АСРИМИЁНАГӢ

**Муносибатҳои иҷтимоӣ.** Муносибатҳои феодалӣ дар Япония дар асрҳои XI-XII пурра ташаккул ёфтанд. Ин вақт мулкҳои феодалӣ – **сёенҳо** ба вуҷуд омаданд. Ин хел заминҳо меросӣ буда, аз андоз озод буданд.

Дар Япония заминдорони калон ба табақаҳо ҷудо мешуданд. Бонуфузтарини онҳо **ханке** ном дошт. **Рёкаҳо** вассалҳои онҳо ба шумор мерафтанд. Ҷанговаронеро, ки ҳамеша дар хизмати феодалҳо буданд, **самурайҳо** мегуфтанд. Хӯҷаинҳо бар ивази хизмати ҳарбӣ замин медоданд. Солҳо гузаштанду як қисми самурайҳо мисли ритсарҳои Европа ба дворянҳои майда табдил ёфтанд. Ҷанговарони замин надоштагӣ бошанд, аз ҳисоби ғаниматҳои ҳарбӣ ё аз ҳисоби сенорҳои худ рӯз мегузаронидагӣ шуданд.

**Сохти сиёсии мамлакат.** Дар Япония нисбат ба дигар кишварҳо сохти сиёсии ба худ хос ташаккул ёфта буд. Мамлакатро аз асрҳои XII **микадо,** яъне император идора мекард. Император дар як вақт соҳиби замини мамлакат ҳам ҳисоб мешуд. Аъёну ашрофаш, амалдор ва ноибони ӯ буданд. Мустақилона идора шудани вилоятҳо аз тарафи ноибҳо аксар вақт парокандагии сиёсӣ оварда мерасонд, ки ин албатта оқибати бад дошт.



**Расми 114.** Минамото.

Бо мурури вақт ҳокимияти император заиф шуда, тақдири мамлакат ба дасти феодали пурқудрат ва қумондони ҳарбӣ – **сёгун** гузашт.

Сёгунии аввалин дар охири асри XII аз тарафи феодали маҳаллӣ **Минамото** ҷорӣ шуда буд. Вай бо самурайҳои худ рақибони худро мағлуб карда, пойтахти император **Киоторо** ишғол намуд. Минамото давлатро аз



**Расми 115.** Ҷанговарони Япония.

қалъаи худ — **Камакура** идора менамуд. Ҳамин зайл, дар Япония дуҳокимиятӣ ба вуҷуд омад.

Аҳволи деҳқонони оддӣ хеле машаққатнок буд. Зиёдшавии андоз халқро бисёр азият медод. Чуноне, ки дар сарчашмаҳо зикр шудаанд, дар асрҳои XIV–XV дар Япония гуруснагӣ бисёр такрор мешуд. Аз ин боис дар байни мардум бемориҳои сироят-кунанда паҳн шуда, бисёр одамон мемурданд.

**Инкишофи шаҳрҳои Япония.** Дар асрҳои миёна шаҳрҳои Япония равнақ кард, ҳунармандӣ ва савдо пеш рафт. Японҳо аз хитоиҳо коркарди шоҳӣ, металлҳо, лакро ёд гирифта буданд. Дар кишвар аз қадимулайём оҳан, мис, тилло ва нуқра истеҳсол мешуд. Устоёни япон аз ин маъданҳо яроқҳои аҷоиб месохтанд. Шамшерҳои сохтаи онҳо бо сифаташ шӯҳрат пайдо карда буд. Бино ба манбаъҳо, соли 1483 савдогарон ба кишварҳои хориҷӣ 67 ҳазор дона шамшер бурдаанд. Чинӣ, шамолдиҳак, чизҳои санъат аз сангҳои қиматбаҳо, матоъҳои пахтагӣ ва шоҳӣ ҳам дар хориҷа баҳои баланд доштанд. Японҳо бо Корея, Хитой, Ветнам, Таиланд, Филиппин савдои хуб доштанд. Дар кишвар **Сакаи, Хёго, Хаката, Нагасаки** барин шаҳрҳои бандарии калон, дорои аҳолии бисёр буданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар Япония дар асрҳои XI–XII сохти нав чӣ хел ташаккул ёфт?
2. Сохти идоракунии Япония аз дигар кишварҳои Осиё чӣ фарқе дошт?
3. Маънои унвони сёгунро гӯед.
4. Шаҳрҳои Япония чӣ хел тараққӣ карда буданд?

# 39. КОРЕЯ ДАР АСРҲОИ МИЁНА



**Расми 116.** Асосгузори Чосони афсонавӣ Тангун.

**Мамлакати «таровати субҳидам»**. Давлати аввалини корейсҳо Чосон (ба корейсӣ—таровати субҳидам») буд. Ин давлат дар асрҳои V-IV пеш аз милод ташкил ёфтааст. Бино ба ривоятҳо, корейсҳо аз писари худо **Тангун** ва хирс ба вуҷуд омадаанд. Тангун дар соли 2333-юми пеш аз мелод дар Пхенян ба **шоҳии Чосон** асос гузоштааст ва ин шоҳӣ то асри II-юми пеш аз мелод ҳукм ронда будааст. Корейсҳо даври Тангунро даври ташаккулёбии халқи корейс мешуморанд. Бино ба афсонаҳои корейсӣ Тангун аҷдоди 70 нафар шоҳон ва сарлашкарони корейс ба шумор меравад.

Муборизаҳои дохилӣ ва ҷангҳои шадид бо хитоиҳо дар асри I-уми пеш аз милод ба се шоҳӣ—**Пекче, Силла** ва **Когурё** тақсим шуда рафтани шоҳии Чосон оварда расонд.

**Даври се шоҳӣ**. Лашкари шоҳии **Когурё**, ки дар шимолии нимҷазираи Корея ҷойгир буд, ба ҷанговарии худ фарқ мекард. Ин лашкар ҳудудҳои бузурги ҳамсояҳоро забт кард. Дар соли 313-юми мелодӣ Когурё хитоиҳоро пурра аз замини худ баровард ва ба давлати аз ҳар тараф тавоно табдил ёфт. Дар ин замон зироаткорӣ, металлгудозӣ ва коркарди он, бофандагӣ, ҳунармандӣ ва савдо инкишоф намуд. Баъдтар ба ҷои Когурё ба давлати **Пархе** асос гузошта шуд. **Шоҳии Пархе** дар нимаи аввали асри XI ба қуллаи баланди тараққиёт баромад. Шоҳӣ бо Япония робитаҳои сафириро ба роҳ монд. Дар асри X баъди зарбаҳои қабилаи киданҳо ин давлат пароканда шуд.

Шоҳии **Пекче,** ки дар қисми ҷанубии соҳили дарёи Ханган ҷой гирифта буд, дар асри IV-ум ба давлати мутамарказ табдил ёфт. Тасвирҳои нахустини буддо бори аввал айнан аз Пекче ба Япония омадааст. Табибон, ҳунармандон ва олимони кореягӣ асосҳои ҳаёти иҷтимоию мадании Кореяи имрӯзаро гузоштаанд. Ба воситаи

подшоҳони сулолаи Пекче навиштаҷот ва иероглифҳои хитоӣ ва буддизм ба Корея паҳн мешаванд.

**Шоҳии Силла** дар қисми ҷанубу шарқии нимҷазираи Корея ҷойгир шуда, аввал дар байни се шоҳӣ шоҳии аз ҳама заиф ва суст тараққиёфта буд. Соли 668 шоҳии Силла бо сулолаи Тани Хитой созиш иттифоқ баста, нимҷазираи Кореяро зери тасарруфи худ медарорад ва Корея боз ба давлати ягона табдил меёбад.


**Расми 117**.
Ибодатхонаи Пулгукса.

Дар миёнаҳои асри VIII барои шоҳии Силла асри тиллоӣ сар мешавад. Дар ин давр давлат ба қуллаи баланди пешрафт ва қудрат расид. Маориф пеш рафт, нахустин донишгоҳи миллии корейс таъсис ёфт, дар он аз адабиёти классикии хитоиҳо дарс мегуфтанд. **Ибодатхонаи Пулгукса** (ибодатхонаи кишвари буддоӣ) сохта шуд.

Соли 676 давлати Силла ҳаракати Хитойро барои забткунии Когурё ва Пекче бартараф кард.

**Шоҳии Корё**. Сарлашкар **Ван Гон**ба сулолаи Корё (918-1392) асос гузошт. Пойтахти ин давлат шаҳри Сонак (ҳоло шаҳри Кесон дар Кореяи Шимолӣ) буд. Номи Корея аз номи Корё баромадааст**. Ван Гон** дар назди худ мақсад гузошт, ки ҳудудҳои шоҳии Когурёро, ки дар шимолу шарқи Хитой монда буд, баргардонад.

Сулолаи Корё заминҳои аз дастрафтаро гарчанде баргардонда натавонист, ба зинаи баланди инкишофи маданият муваффақ шуд. Хусусан истеҳсоли зарфҳо ва асбобҳои чинӣ пеш рафт. Корейсҳо аз хитоиҳо ба чӯб ҳаккокӣ намудани тасвирро ёд гирифта, қонуни буддоиро иборат аз 6 ҳазор ҷилд чоп карданд. Соли 1234 бори аввал дар дунё дар матбааи корейсҳо ба истифодаи ҳарфҳои металлӣ сар карданд.

Солҳои оянда шоҳии Корё аз муборизаҳои дохилӣ суст шуд. Муғулҳо аз ин истифода бурда, соли 1231 шоҳии Корёро истило ва то соли 1368 зери даст карданд.

**Шоҳии Чосон**. Шоҳии Корё истилогарони хитоиро аз кишвар дур карда, соли 1392 сарлашкар **Ли Сон Ге** ба Корё ***ван***(шоҳ) таъин мегардад ва ҳамин тариқ ба **сулолаи Ли** (1392-1910) асос гузошта мешавад. Давлати Корё боз номи Чосонро мегирад. Пойтахт аз Кегён ба **Хансон** (Сеули ҳозира) кӯчонда мешавад. Шоҳии Чосон дар **миёнаҳои асри XV** аз нигоҳи иқтисодӣ ва маданӣ хеле пеш рафт.



**Расми 118**. Сечжони Бузург.

Дар даври **Сечжони бузург** (1418-1450) маданият ва санъати корейс пеш рафт. Шоҳ Сечжон ҳокими донишманд ва тавонои кишвар буд. Дар замони ҳукмронии вай маориф, илм ва зироаткорӣ ба комёбиҳои бузург ноил гашт. Вай ислоҳоти андоз гузаронд, идоракунии давлатро такмил дод. Бевосита бо иштироки он тақвими нав тартиб дода шуд ва асбоби самт нишондиҳанда, соатҳои офтобӣ ва обӣ, харитаи ситорабо офарида шуд. Бо раҳбарии Сечжони Бузург олимони академияи шоҳӣ алифбои корейсиро тартиб доданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Шоҳии Чосон чӣ хел ба вуҷуд омад?
2. Дар бораи шоҳии се шоҳӣ чиҳоро дар ёд доред?
3. Ба шоҳии Корё кӣ асос гузошт?
4. Дар бораи муваффақиятҳои замони ҳукмронии Сечжони Бузург нақл кунед.

# § 40. ҲИНДУСТОН ДАР АСРҲОИ МИЁНАИ МУТАРАҚҚӢ

**Ташкилёбии султонии Деҳли.** Дар ҳудудҳои шимолии Ҳиндустон дар асрҳои XI–XII қабилаҳои турк ва афғон ҷой гирифта ҳуҷумҳои онҳо авҷ гирифта буд. Дар вилоятҳои мусулмонҳо истило карда соли 1206 султонӣ ташкил карда шуд, ки пойтахташ Деҳли буд. Лашкари

ҳокими аввалини Деҳли **Қутбиддин Ойбо**қро қабилаҳои турк ташкил медоданд. Султон ҳарбиён, сардорони лашкарро ба ноибии вилоятҳо таъин менамуд.

**Дар ёд доред!**
Солҳои 1206–1526 султонии Деҳли фаъолият бурдааст.

Дар давоми истилои Ҳиндустон қисми маълуми феодалони маҳаллӣ яксон карда, дигарашон молу мулки худро партофта, аз кишвар берун мерафтанд. Боз як қисми заминдорони калон ҳокимияти султонро тан гирифта, ба хизмати онҳо мегузаштанд. Султон бо ёрии онҳо аз аҳолӣ андоз ғун мекард, дар идора намудани он ба заминдорон такя менамуд. Дар давоми асрҳои XII-XIII дар тамоми ҳудудҳои султонӣ ҳокимияти мусулмонҳо ҷорӣ карда мешавад. Баъди вафоти Қутбиддин Ойбоқ ба тахт **Шамсиддин Элтутмиш** (1211–1236) омад. Вай Панҷоб, Синд ва Банголаро мутеъ кард.

**Заминдорӣ.** Дар султонии Деҳли тамоми замин аз они султон буд. Аввал, деҳқонон панҷяки ҳосилро ба давлат медоданд, дар охири асри XIII андоз зиёд шуда ба чоряки ҳосил баробар шуд.

**Иқтаъ** намуди асосии заминдорӣ дар кишвар буд. Ноибони вилоят 10–20 фоизи ҳосилро ба ихтиёри худ монда, бар ивазаш зарур шавад лашкарашонро ба султон медоданд.

Намуди дигар заминдорӣ **холиса** ном дошт. **Холиса** мулки давлат буд, андози аз он омада ба хазинаи давлат мерафт ва барои хароҷоти давлат ва таъмини лашкари махсус сарф мешуд.

Як қисми маълуми замин ба феодалони ҳинд — заминдорон тааллуқ дошт. Дар султонии Деҳли инчунин замини **вақф** ва инъомшуда ҳам буданд.

**Султонии Деҳли дар асрҳои XIV–XV.** Пас аз вафоти Элтутмиш дар кишвар мубориза барои тахт авҷ гирифт. **Аловуддин Хилҷӣ** дар ин ҷангҳо ғолиб омад ва ислоҳот гузаронида, даромади хазинаи давлатро зиёд мекунад. Лашкари пурзӯр ташкил карда, феодалҳои саркашро мутеъ кард. Ин иқдом муваққатан таъсири давлатро нигоҳ дошт.

Лашкари тавоно ва боинтизоми султонӣ имкон надод, ки муғулҳо ин ҷоро забт кунанд.

Писари Хилҷӣ **Муҳаммад Туғлуқ** соли 1325 ба тахт омад. Вай он ҳокимонеро, ки дар вақти падараш мустақил буданд, ба худ тобеъ кардані шуд. Султон худро «Давомдиҳандаи Искандари Зулқарнайн» номида, нимҷазираи Ҳиндустонро пурра муттаҳид кард.

Ислоҳоти андоз ба туфайли хушксолӣ бемуваффақият анҷом ёфт. Пулҳои тиллоӣ ва нуқраро дар муомила баробар баровардани Туғлуқ, сикка задани тангаҳои мисӣ ба беқурбшавӣ ва бенатиҷа поён ёфтани ислоҳот оварда расонд.

Дар замони султони дигар **Фирузшоҳ Туғлуқ** андоз кам карда шуд, заминҳои давлат ба деҳқонон ба иҷора дода шуд. Дар замони ҳукмронии ӯ соҳаи кишоварзӣ, ҳунармандӣ хеле пеш рафт. Султон чун ҳомии халқ ном баровард. Вале парокандагии сиёсие, ки дар асри XIV сар шуда буд, ҷараёни мустақилшавии баъзе князиҳоро пурзӯр кард.

Султони ояндаи Деҳли **Маҳмуд** солҳои 1398–1399 бар зидди лашкари Амир Темир ҷангид. Лекин сарлашкари пуртаҷриба лашкари Маҳмудро мағлуб сохта, Деҳлиро забт намуд. Соҳибқирон аз Ҳиндустон ғанимати калон ва ҳунармандон, меъморони зиёди ҳиндро асир гирифта ба Самарқанд меорад.

Баъд аз ин Ҳиндустон ба князиҳои хурд тақсим шуда рафт. Аз байн даҳ сол гузашту ба сари тахт **сулолаи Саидҳо** (1414–1451) омад. Ин сулоларо сардори қабилаи афғон **Баҳлул Лодӣ** (1451–1489) аз тахт фаровард. Бар зидди набераи ӯ **Иброҳим Лодӣ Заҳриддин Бобур** меҷангад.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Султонии Деҳли кай ва аз тарафи кӣ ташкил карда шуд?
2. Дар бораи намудҳои заминдорӣ дар Ҳиндустон нақл кунед.
3. Дар ҳудуди султонии Деҳли дар асри XIV кадом ислоҳотҳо гузаронида шуд?
4. Юриши Соҳибқирон Амир Темурро ба Ҳиндустон ба ёд оварда, нақл кунед.

# § 41. АМЕРИКА ДАР АСРҲОИ МИЁНА



**Расми 119.** Аз ҳаёти ҳиндуён.

**Тараққиёти хоҷагӣ**. Бино ба фикри олимон, дар қитъаи Америка аввалин одамон дар даври яхбандии бузург аз ин 40 ҳазор сол пеш аз Осиёи Шимолӣ ба воситаи гарданаи Беринг гузаштаанд ва ин ҷараён дер давом кардааст. Яъне то омадани европоиҳо низ қабила ва халқиятҳои сершумор зиндагӣ мекарданд.

Қисми асосии ин қабилаҳо бо шикор ва моҳидорӣ машғул буданд. Вале дар ҳудудҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳи Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ ба вуҷуд омада, тараққӣ кардаанд. Дар ин ҳудудҳо қабилаҳои **кечуа, майя, атстек, олмек** ва **толтекҳо** зиндагӣ мекарданд. Онҳо бо сангтабарҳо дарахтони ҷангалро бурида, шоху барги онҳоро сӯзонда, нурӣ мекарданд. Дар ин ҷо зироатҳои барои европоиҳо номаълум ҷуворимакка, картошка, офтобпараст, помидор, какао, тамоку кишт мешуд.

Дар қисми калони қитъаи Америка ҳайвонҳои хонагӣ набуд. Асп, гов, гӯсфанд ва буз баъдтар аз Европа оварда шуд. Онҳо аз ҳайвоноти хонагӣ дар шимол сагро, дар ҷануб ламаи шутурмонандро парвариш мекарданд. Аз паррандаҳо ғоз ва куркаро нигоҳ медоштанд.

Ҳиндуёни Америка оҳан, омоч, чарх, олоти алафдаравиро намедонистанд. Олоти меҳнати онҳо аз санг, биринҷӣ ва чӯб сохта мешуд. Қисми калони аҳолӣ дар ҷамоаи авлодӣ мезист. Танҳо майя, атстек ва кечуаҳо, ки бо деҳқонӣ машғул буданд, давлатҳои худро барпо кардаанд.

**Дар ёд доред!**
Дар асрҳои миёна майя, атстек ва кечуаҳо давлати худро барпо карда буданд.



**Расми 120.** Расадхонаи Чичен-Итса.

**Давлати майяҳо**. Дар ҳудудҳои наздикӯҳии бо ҷангалзорҳо иҳотаи *нимҷазираи Юкатани* Америкаи Марказӣ (Мексикаи ҳозира) аз қадим халқҳои майя зиндагӣ мекарданд.

Дар ҳазорсолаи якуми мелодӣ дар майяҳо шаҳр-давлатҳо пайдо шуданд. Ҳар кадоми онҳоро **«инсони бузург»** – ҳукмдор идора мекард, ҳокимияти он меросӣ буд. Ҳумкдорон ва ашрофон дар қасрҳои маркази шаҳр мезистанд. Деҳқонон ва ҳунармандон дар хонаҳои бомаш аз найшакар пӯшида, кулбаҳои фаршаш заминӣ дар атрофи шаҳр зиндагӣ мекарданд.

Тараққиёти иқтисодиву маданӣ ба майяҳо имкон дод, ки дар ибтидои асри мелодӣ алифбои худро кашф кунанд. Коҳинҳо бо мӯйқалам иероглиф навишта, бо расмҳо зеб медоданд. Дар деворҳои ибодатхонаҳо, сутунҳои баланди сангин дуоҳо, афсонаҳо, ривоятҳо, ҷангномаву солномаҳо навишта мешуданд.

Коҳинҳо дар ҳаёти майяҳо нақши калон доштанд. Онҳо ба деҳқонон мӯҳлати иҷрои кишту корро муқаррар мекарданд. Майяҳо тақвими хеле аниқро доштанд. Ихтирои он бо зарурати соҳаи кишоварзӣ вобаста, ба комёбиҳои математика асос ёфта буд. Аломати «сифр» («нолҳ»)-ро ҳам аввалин бор аз ҳиндуён пеш майяҳо истифода кардаанд. Дар пойтахти кишвар **Чичен-Итса** расадхона барпо шуда буд. Дар он коҳинҳо вақти дар атрофи Офтоб давр задани сайёраҳоро ҳисоб карда, гирифтани Офтоб ва моҳро аввал пешбинӣ менамуданд.

Майяҳо теппагиҳои махсус сохта, дар болои пойдеворҳои баланд эҳромҳои зинапоядор, қасру ибодатхонаҳо барпо менамуданд. Биноҳо бо тасвирҳо, ҳайкалҳои маъбудаҳо, суратҳои деворӣ оро меёфтанд. Қасру ибодатхонаҳо тиреза надоштанд, онҳо аз дар рӯшан мешуданд. Кӯчаҳои шаҳр ҳамвору равон, якдигарро бо усули чоркунҷа бурида бунёд карда шуда буданд.

**Давлати атстекҳо.** Дар ҳудуди Мексикаи ҳозираи Америкаи Марказӣ ҷой гирифтааст. Дар инҷо **атстекҳои** аз шимол омадагӣ дар ҷазираҳои байни кӯли калон дар асри XII шаҳри **Теночитлан** асос гузоштанд, обанборҳои сунъӣ, ибодатхонаҳо ва қасрҳо бунёд кардаанд.

Атстекҳо аз танқисии замин аз таги кӯл растаниҳои зериобӣ ва лойи серҳосилро бардошта **«даштҳои шиновар»** офарида буданд. Дар ин киштзорони ба худ хос соле чанд бор ҳосил мегирифтанд.

Атстекҳо қабилаҳои ҳамсояро тобеъ карда, аз онҳо ғайр аз андоз соле шумораи маълуми ғуломон низ мегирифтанд.

Атстекҳо ҷамоаҳои авлодӣ шуда мезистанд. Сардорони ҷамоа интихоб мешуданд. Киштзорон аз они ҷамоа буд, онро байни аъзоён тақсим мекарданд. Аз байни намояндагони қабилаи ҳукмрон **тлатоани** — сарлашкар интихоб карда, ӯ ғайр аз ҳумкдори олӣ будан вазифаи коҳиниро низ иҷро менамуд.



**Расми 121.** Шаҳри асри миёнагии Теночтитман.

Асоси хоҷагии атстекҳоро асосан деҳқонии обёришаванда ташкил медод. Ҷуворимакка зироати муҳимтарини онҳо ба шумор мерафт, аз он ҳосили баланд мегирифтанд.

Дар байни атстекҳо аз соҳаҳои ҳунармандӣ кулолӣ, бофандагӣ, тайёркунии чизҳои мисӣ, заргарӣ ривоҷ карда буд. Аз сабаби он, ки онҳо истифодаи маъданро намедонистанд, корду табарро аз санг тайёр мекарданд. Устоҳои бомаҳорати заргар ба сангҳои қимматбаҳо ҳар

гуна сайқал дода, нақшҳо (мозаика) сохта, деворҳои қасру ибодатхонаҳоро зеб медоданд.

Ҳунармандони атстек хусусан дар тайёркунии зарфҳои наҳшдор, матоъҳои аҷоиб, кашидаҳои мисли патҳои товус ҷилонок моҳир буданд.

Бинокорон сарбандҳо, каналҳо, дар болои сутунҳо аз хишти хом ё аз санг хонаҳо месохтанд. Дар бозорҳо бо роҳи мубодилаи мол савдо нағз ривоҷ карда буд.

Атстекҳо дар асоси ихтирои майяҳо тақвими офтобро тартиб дода буданд. Хати пиктрографӣ пайдо шуд. Дини атстекҳо ба бисёрхудоӣ асос ёфта буд. Худои ҷанг аз байни худоҳо аз ҳама боэътибор буд, ба шарафи он ҳатто одамро ҳам қурбонӣ мекарданд. Коҳинҳои ибодатхонаҳо дар байни мардум ҳурмати махсус доштанд.

**Дар ёд доред!**

**Хати пиктографӣ** (аз лотинӣ **пиктус** – расмдор ва юнонӣ **графо – менависам, хати расмдор**) – барои дар хотир монондани мақсад тасвир кардани мазмуни маълумот бо расмҳо. Ин хат аз даври неолит маълум буда, воситаи хати ягон забон ба ҳисоб мерафт.



**Расми 122.** Тақвимҳои суратдори атстекҳо.

Дар пойтахт – Теночтитлан ба фарзандони ашрофон ва халқи оддӣ мактабҳои алоҳида буданд. Онҳо асрори деҳқонӣ, ҳунармандӣ ва кори ҳарбӣ омӯзонида мешуд. Фарзандони ашрофон фанҳои таърих, ҳуснихат, хониш, ҳисоб, нуҷум, шеърият, санъати нотиқиро аз бар менамуданд. Дар пойтахти мамлакат ҳар сол чун анъана ғолибони озмуни мадҳия, шоирон ва сарояндагони қиссагӯӣ ба мукофотҳо сазовор мешуданд.

**Давлати инкҳо**. Дар доманаҳои кӯҳҳои Анди Америкаи Ҷанубӣ дар воҳаҳои тӯлонии ҳазорҳо километр давлати инкҳо ба вуҷуд омад. *Инкҳои* ба забонҳои *кечуа* мансуб дар асрҳои XII–XШ дар ҳавзаи дарёи Урубамба ба шаҳри **Коско** асос гузоштанд.

Инкҳо заминҳои қабилаҳои дигарро ишғол карда, ҳокимияти худро дар сарзамини паҳнову васеъ ва бой аз кӯҳҳои Анд то уқёнуси Ором барқарор мекунанд. Ин давлатро ҳукмдори олӣ - **Инкаи олӣ** идора мекард. Вай *«писари Офтоб»*, рамзи заминии он ҳисоб меёфт. Мардуми мамлакат инчунин ба қувваҳои табиат, ба замин, об низ эътиқоди сахт доштанд. Инкҳо ба аҳолии истилошуда бо мурури вақт тарзи зиндагӣ ва маданияти худро гузаронида тавонистанд. Бинобар ин дар марҳалаи аввал калимаи «инк» ифодаи табақаи ҳукмрони имтиёзӣ, номи умумии ашрофон буд.



**Расми 124.**
Ҷанговарони инк.

Аҳолии ғайриинк барои табақаи олӣ ҷамоа шуда меҳнат мекард. Ҷамоа аз оилаҳои деҳқонон иборат буда, ҳар кадоме ба замини вобасташуда кор мекард. Аз се ду қисми ҳосил ба давлат ва ибодатхонаҳо супурда мешуд. Дар мамлакат гарчанде расман ғуломдорӣ набуд, вале аъзоёни ҷамоа бераҳмона истисмор мешуданд ва ҳеҷ ҳуқуқ надоштанд.

Ҳудудҳои кӯҳ барои деҳқонӣ хеле ноқулай буд. Аз ин рӯ мардони ҷамоа дар бағали қуллаҳои кӯҳ хок бароварда, болои сангзор киштзор месохтанд. Барои он, ин гуна киштзоронро боронҳои пай дар пай шуста набарад, атрофашро бо деворҳои сангин иҳота карда мегирифтанд. Ҷуворимакка ва картошка зироати асосӣ ба шумор мерафт. Деҳқонон инчунин каду, пахта, ананас, банан парвариш мекарданд. Ҳосил ба се қисм: як қисм ба коҳинони ибодатхонаҳо, қисми дуюм ба Инки олӣ, сеюмӣ барои ҷамоа тақсим мешуд. Маҳсулоти анбори давлат ба лашкар ва амалдорон дода мешуд. Ҳангоми ҷангҳо, хушксолӣ ва офатҳои табиӣ ҷабрдидагон аз захираи давлат дон ва картошкаи хушк мегирифтанд.

Дар хоҷагии мамлакат соҳаи чорводорӣ низ нақши асосӣ дошт, ламаи шутурмонанд ва алпакар нафақат барои гӯшту мӯяш, балки барои кашонидан бор низ мепоиданд. Ҳунармандӣ низ ривоҷ карда буд. Тилло, нуқра истеҳсол карда, аз тайёр намудани хар хел чизҳо, кулолӣ ва заргарӣ, бофандагӣ, рангсозӣ, соҳаи сохтмон инкишоф карда буд.

Барои алоқаи вилоятҳо бо пойтахт — **Коско** роҳи сангини дарозиаш 15 ҳазор километр сохта шуда буд. Байни вилоятҳо хизмати почта низ кор мекард. Чопарҳои махсус тозон ба якдигар хабар мерасониданд.

Фарзандони асилзодаҳо дар мактабҳои махсус мехонданд. Бино ба набудани хат, бачаҳо маълумоти оиди дини инкҳо, тартиби идоракунӣ, қонунҳо ва одатҳоро ба ёд мегирифтанд. Инкҳо хати махсус **«хати гиреҳдор»** (кипу) доштанд, ки онро танҳо рӯҳониён медонистанд.



**Расми 124.** Кипу—хати гиреҳдор.

Инкҳо аз математика, нуҷум, ҷуғрофия, тиббиёт, ботаника ва дигар соҳаҳои илм бохабар буданд. Тақвими аниқи онҳо ба 12 моҳ тақсим мешуд. Табибон аз сири ҷарроҳӣ кардани скелети инсон нағз воқиф буданд.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Дар бораи хоҷагӣ ва машғулияти аҳолии таҳҷоии Америка нақл кунед.
2. Дар бораи таърих ва маданияти майяҳо чӣ медонед?
3. Атстекҳо киҳо буданд? Дар бораи онҳо нақл кунед?
4. Давлати инкҳо кай ва дар куҷо ташкил шуд?

## § 42. АФРИКА ДАР АСРҲОИ МИЁНА

**Аҳолӣ ва хоҷагии Африка.** Аксари аҳолӣ то охири ҳазорсолаи якум бидуни ҳеҷ алоқа бо дунёи беруна зиндагӣ карда буд. Дар ҷангалҳои тропикии қитъа қабилаҳои шикорчӣ ва чинакчӣ зиндагӣ мекард. Ғайр аз



**Расми 125.**
Ҷанговарони африкоӣ.

Миср дар дигар ҳудудҳои Африка қисми ками деҳқонон зироати решадор парвариш мекарданд. Ба заминҳои серҳосили ҳудудҳои Саванна бо олоти оҳанини дандонадор кор мекарданд. Дар атрофи Саҳрои Кабир аксари қабилаҳои кӯчманчи, нимкӯчманчӣ ва муқим бо чорводорӣ машғул буд. Дар ҷануби саҳро қабилаҳои **барбар** ва **туагерҳо**, дар Африкаи Ғарбӣ **фулбе**, дар Шарқ **масаи, галла, сидамо, тигреҳо** бо чорводорӣ машғул буданд.

**Давлатҳои аввалини Африка. Гана.** Дар Шарқи Африка зери таъсири алоқаҳои савдоӣ бо Миср, Арабистон ва Ҳиндустон дар замонҳои қадим давлатҳои **Нубия ва Аксум** (Эфиопияи ҳозира) ташкил шуда буданд. Савдогарони араб аз асри VII ба ғарбии Судан, аз баҳри Миёназамин ба Африка намак ва дигар маҳсулоти пурбаҳо меоварданд. Дар роҳҳои якдигарро буррандаи савдо аввалин кӯрғонҳо: **Аукар, Гана, Томбукту, Гао, Мали** пайдо шуданд. Дар кӯрғонҳо ғайр аз савдогарони мусулмон ашрофони маҳаллӣ зиндагӣ мекарданд. Онҳо минбаъд идоракунии давлатҳоро ба дасти худ гирифтанд. Дар асрҳои миёна дар ҳавзаи дарёҳои Нигер ва Сенегал давлатҳои нахустин: **Гана, Мали, Сонгаи** ташкил ёфтанд. Нахустини онҳо давлати Гана дар Судани Ғарбӣ буд. Он дар асри VIII пайдо шуда, дар асри X ба зинаи баланди тараққиёт расид.

**Дар ёд доред!**
**Гана, Мали, Сонгаи ва Аксум** - давлатҳои аввалини Африка дар асрҳои миёна буданд.

Боҷи аз савдо омада яке аз манбаъҳои даромадаи Гана буд. Қисми асосии боҷро савдогарони хориҷӣ: арабҳо, барбарҳо, яҳудиҳо медоданд. Лекин тилло сарвати асосии кишвар буд. Подшоҳ ва амалдорони Гана аз савдои тилло ва намак фоидаи калон мегирифтанд.

Подшоҳ лашкари пурзӯр дошт, аз 200 ҳазор нафар аскар 40 ҳазор нафараш камончиён, қисми муайянаш саворагон буданд. Дар гузашта дар бораи савдогарони араб ва хазинаи калони подшоҳони Гана ривоятҳо гуфта шудаанд. Ва ин тавақҷӯҳи қабилаҳои ҷанговари ҳамсояро ҷалб карда буд. Султони Марокаш **Абубакр** соли 1076 бо лашкари калонаш Ганаро забт карда, онро тороҷ намуд. Баъд подшоҳи Гана ба Марокаш мутеъ гашта, ғайр аз супурдани боҷу товон бо ашрофони худ маҷбур мешавад дини исломро қабул намояд. Соли 1087 шӯриши халқӣ ба ҳукмронии марокашиҳо хотима гузошт. Лекин Гана пароканда шуд.

**Давлати Мали.** Мали чун давлат дар асри VIII ташкил шуда буд. Қудрати давлати Гана ба инкишофи оянддаи он монеъгӣ кард. Дар асри XI аҳолии Мали исломро қабул кард. Ин боиси бештар кӯчида омадани савдогарони мусулмон ба кишвар шуд. Дар натиҷаи инкишофи ҳунармандӣ ва савдо дар асри XIII Мали ба зинаи баланди тараққӣ расид. Подшоҳи он **Сундиата Кейт** (1230–1255) лашкари зӯри сершумор ташкил кард. Сундиата бо ёрии ин лашкар ҳудудҳои корвонгузар, конҳои тилло, ниҳоят заминҳои Ганаи қадимро ишғол кард. Подшоҳи Мали ба ноибии вилоятҳои истилошуда хешон ва наздиконашро таъин кард. Ноибон дар навбати худ ба лашкаркашон, амалдорони худ заминро инъом мекард. Ғункунии андоз аз аҳолӣ низ ба зиммаи ноиб буд. Дере нагузашта Мали дар дунёи араб машҳур гашт. Подшоҳи он **Мӯсои I** соли 1324 ба Макка сафари ҳаҷро адо мекунад. Мӯсои I ба сафар тиллои бисёр гирифта, онро саховатмандона тақсим мекунад. Ҳукмдорро 8 ҳазор ҷанговар ва 500 нафар ғулом ҳамроҳӣ мекард, тахмин ҳаст, ки ин корвон 10–12 тонна тиллоро бурдааст. Баъди ин воқеа солҳои зиёд нархи тилло дар дунёи араб паст будааст.



**Расми 126.** Подшоҳи Мали Мӯсои I.

Дар пойтахти Мали **Ниара** ва дигар шаҳрҳо қасру масҷидҳои мӯҳташам сохта, ҳунармандӣ ва савдо ривоҷ мекунад. Аммо дар хаёти иҷтимоӣ мавқеи ашрофони

қабила калон буд. Ҳукмдорони Мали аз таҷовузи наздикони худ барои тоҷу тахт тарсида, амалдорони дарбор, сарлашкарҳо ва ҳатто ҷанговаронро аз қабилаҳои ҳамсоя мегирифтанд. Гвардияи шахсии подшоҳ аз ғуломон иборат буд.

Қисми асосии аҳолӣ аз ҷамоаҳои деҳотӣ, ҷамоаҳо бошанд аз оилаҳои калони патриархалӣ ташкил ёфта буд. Дар ҷамъият нисбат ба ғуломон муносибати нек буд, ғуломони аз хориҷомада дар хоҷагиҳо чун аъзои оила буданд. Фарзандони онҳо ба шахсони озод табдил меёфтанд.

Аз охири асри XIV парокандагии феодалӣ, низоъҳои сулолавӣ Малиро заиф намуд. Ин давлат дар охири асри XV пурра ба инқироз дучор омада, пароканда шуд.

**Дар ёд доред!**
**Давлати Мали** дар асрҳоиVIII-XV фаъолият нишон додааст. Дар асри XIII Мали ба тараққиёти баланди худ расид. Дар оқибати низоъҳои дохилӣ ба таназзул дучор ва пароканда шуд. Пойтахти он шаҳри **Ниара** буд.

**Давлати Сонгаи.** Қабилаҳои сонгаи дар шимолу шарқии Гана ва Мали, дар атрофи яке аз марказҳои азими савдо — Гао зиндагӣ мекарданд. Иттиҳодияи давлатие, ки аввал **Сонгаиҳо** дар ибтидои ҳазорсолаи якум ташкил карда буданд, зери таъсири Мали монда буд. Мали заиф шуд. Ҳукмдори Сонгаиҳо **Алми**, ки исломро қабул карда буд, дар охири асри XIV онҳоро мағлуб карда, давлати мустақил ташкил кард. Пойтахташ Гао буд. Дар асрҳои XIV–XV Сонгаи хеле пурзӯр шуд. Вай дар ҳавзаи дарёи Нигер ҳукмронии худро пурра ҷорӣ кард.

Мамлакат аз вилоятҳо иборат буд, онҳоро наздикони ҳукмдор идора мекарданд. Савдои транзит ва конҳои тилло манбаи асосии даромад буд. Андоз аз аҳолӣ сол то сол зиёд шуда, хазинаро пур мекард. Дар заминҳои амалдорон ғуломон кор мекарданд. Бо гузашти солҳо ғуломон ба деҳқонони мутеъ табдил ёфтанд. Авлодони онҳо соҳибони

озоди заминҳои хурд шуда, ба давлат фақат андоз месупурданд. Дар Сонгаи лашкари махсуси кироя ҳам буд.

**Дар ёд доред!**
**Давлати Сонгаи** аз охири асри XIV сар карда мустақилона фаъолият бурд. Шаҳри **Гао** – пойтахти он буд. Султони Марокаш дар охири асри XVI Сангаиро забт кард.

**Давлати Аксум.** Дар шимоли Эфиопояи ҳозира аз қадим давлати **Аксум** ба вуҷуд омада, дар асрҳои IV–V тараққӣ карда буд. Ҳукмдорони Аксум соҳилҳои ҷанубии корвонгузари Арабистонро, як қисми Судани Шарқиро ишғол мекунанд. Ин давлат бо империяи Рим, баъд бо Византия алоқаҳои наздики иқтисодӣ ва маданӣ дошт. Аз ин сабаб ҳукмдорон ва ашрофони он дини насрониро қабул карда буданд.

Дар асри VII лашкари Аксумро лашкари хилофати Араб шикаст дода, аз заминҳои он дар ҷануби нимҷазираи Арабистонро маҳрум менамоянд. Вазъияти Аксум мураккаб мешавад ва дар асри XI Аксум пароканда мешавад.

Бино ба ривоятҳо ҳукмдори нахустини Аксум **Манелик** – подшоҳ **Сулаймон** аз маликаи Арабистон писар дошт. Ин аз алоқаҳои неки Аксум бо Арабистон аз қадимулайём ва номи сулола асоси таърихӣ доштанашро нишон медиҳад.

**Маданияти Африка.** Халқҳои Африка афсона ва ривоятҳои аҷоиб доштанд, ки онҳо аз авлод ба авлод гузашта буданд. Онҳо сарчашмаҳои муҳими таърихӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар байни халқҳои Африка халқҳои дорои алифбои худ ҳам буданд. Аз ҷумла, дар Аксум аллакай дар асри IV ислоҳоти хати маҳаллӣ гузаронида мешавад. Ин алифбо то имрӯз дар Эфиопия мавҷуд аст. Дар Аксум сохтмон пеш рафта буд.

Барои тараққиёти маданияти халқҳои Судани Ғарбӣ таъсири арабҳо калон буд. Баъди қабули дини ислом усто ва меъморони араб масҷидҳо, қасрҳо, биноҳои ҷамъиятӣ,

беморхонаҳо, ҳаммом, боғҳои истироҳат сохтаанд. Мактабу мадрасаҳои мусулмонӣ кушода шуд. Аз ҷумла, дар мадрасаи Томбукту ғайр аз илоҳиёт фанҳои таърих, фиқҳ, математика, нуҷум ва ғайра дарс дода мешуд.

Африкоиҳо дар соҳаҳои гуногуни санъат пеш рафта буданд. Ҳайкалҳо ва ниқобҳое, ки аз чӯб ва биринҷӣ сохта шудаанд, бо нафисию зебоиашон то имрӯз ҳамаро қоил карда меоянд. Дар қасри шоҳ дар Бенин расмҳои ҳаккокишудаи подшоҳ ва аъёнҳои он ёфт шуд. Дар онҳо саҳнаҳои шикор ва ҷанг, инчунин ҳаёти дарбор инъикос шудааст.

Гарчанде тараққиёти халқҳои Африка дар асрҳои миёна нисбат ба давлатҳои Осиё ва Европа як андоза ақиб монда буд, аҳолӣ дар бобати хоҷагӣ ба комёбиҳо ноил шуда, маданияти моддӣ ва маънавии ба худ хосро офаридааст.

?!

**Савол ва супоришҳо:**

1. Халқҳо ва қабилаҳоеро, ки дар асрҳои миёна дар Африка муқим буданд, номбар кунед.
2. Хоҷагии аҳолии Африка чӣ гуна ривоҷ карда буд?
3. Аз таърихи Гана, Мали ва Сонгаи чиҳо дар ёдатон монд?
4. Ба фикри шумо, тараққиёти давлатҳои Аксум ва дигар давлатҳои Африка фарқ доштанд?

# МУНДАРИЧА

Аз муаллифон ........................................................................................ 3
Таърихи асрҳои миёна чиро меомӯзад? .............................................. 4

## ФАСЛИ I. АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТ

## БОБИ I. ЕВРОПА ДАР АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТ

§ 1. Муҳоҷирати бузурги халқҳо ва оқибатҳои он ................................ 6
§ 2. Сохти иҷтимоии Франкҳо ва пайдоиши давлати онҳо .......... 10
§ 3. Империяи Франкҳо ........................................................................ 15
§ 4. Империяи муқаддаси Рим ............................................................ 19
§ 5. Англия дар асрҳои V–XI .............................................................. 22
§ 6. Империяи Византия ........................................................................ 27
§ 7. Ташкилёбии давлатҳои Славянӣ .................................................. 31
§ 8. Руси Киевӣ ...................................................................................... 35
§ 9. Маданияти Европа дар асрҳои VI–XI ......................................... 39

## БОБИ II. ХАЛҚҲОИ ОСИЁ ДАР АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТ

§ 10. Гаҳвораи дини нав ........................................................................ 44
§ 11. Хилофати араб. Сиёсати дохилӣ ва берунии он ..................... 47
§ 12. Маданияти мамлакатҳои хилофат .............................................. 50
§ 13. Ҳиндустон дар асрҳои миёнаи барвақт ..................................... 54
§ 14. Хитой дар асрҳои V–XI ............................................................... 57

## ФАСЛИ II. ХАЛҚҲОИ ДУНЁ ДАР ДАВРИ АСРҲОИ МИЁНАИ ТАРАҚҚИКАРДА ( АСРҲОИ XI–XV)

## БОБИ III. РИВОҶЁБИИ ҲУНАРМАНДӢ ВА САВДО. БОЛОРАВИИ ШАҲРҲО

§ 15. Ташаккули шаҳрҳои Европа дар асрҳои миёна ....................... 62
§ 16. Болоравии истеҳсолоти мол дар асрҳои миёна.
Бозорҳо ва ярмаркаҳо ................................................................. 68
§ 17. Шаҳрҳои асрҳои миёнаи кишварҳои Осиё.
Ҳунармандӣ ва савдо ................................................................... 71
§ 18. Калисои насронӣ дар асрҳои миёна ......................................... 75

§ 19. Юришҳои салибӣ ва мақсадҳои онҳо ........................................ 78
§ 20. Юришҳои аввалини салибӣ ........................................ 80
§ 21. Юришҳои навбатии салибӣ: натиҷаҳо, оқибат ва анҷом ........................................ 84

## БОБИ IV. ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТҲОИ МУТАМАРКАЗ ДАР ЕВРОПАИ ҒАРБӢ

§ 22. Ташкилёбии давлати мутамаркази Франсия ........................ 87
§ 23. Штатҳои генералӣ. Пайдоиши монархияи табақавӣ ............ 89
§ 24. Оғози ҷанги садсола ва даври аввали он ........................ 92
§ 25. Марҳалаҳои оянадаи ҷанг. Анҷоми мутамарказшавии Франсия ........................................ 94
§ 26. Ташкилёбии давлати мутамаркази Англия ........................ 97
§ 27. Англия дар асрҳои XIV–XV ........................................ 100
§ 28. Германия дар асрҳои XII–XV ........................................ 121
§ 29. Маданияти Европа дар асрҳои XI–XV. Маориф ва илм ..... 102
§ 30. Санъат ва адабиёт дар Европаи Ғарбӣ. Ташаккули ғояҳои гуманизм ........................................ 106

## БОБИ V. КИЯЗИҲОИ РУС ДАР АСРҲОИ МИЁНАИ МУТАРАҚҚӢ

§ 31. Порокандагии феодалӣ дар Рус, оқибатҳои он .................... 115
§ 32. Муборизаи заминҳои рус бар зидди истилогарони хориҷӣ ........................................ 117
§ 33. Озодшавии рус аз зулми муғулҳо ........................................ 119

## БОБИ VII. ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ, АМЕРИКА ВА АФРИКА ДАР АСРҲОИ XI–XV

§ 34. Давлатҳои туркҳои Салҷуқӣ ва Усмонӣ ................................ 121
§ 35. Давлати муғулҳо ва истилоҳои он ........................................ 126
§ 36. Хонии Ўрдаи тиллоӣ ........................................ 129
§ 37. Хитой дар асрҳои XIII–XV ........................................ 134
§ 38. Японияи асримиёнагӣ ........................................ 138
§ 39. Кореяи асри миёнагӣ ........................................ 141
§ 40. Ҳиндустон дар асрҳои миёнаи мутараққӣ ........................ 143
§ 41. Америка дар асрҳои миёна ........................................ 146
§ 42. Африка дар асрҳои миёна ........................................ 151

Tursun O‘sarovich Salimov,
Farhod Ergashevich Sultonov

# JAHON TARIXI

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 7-sinfi uchun darslik

*To‘ldirilgan va tuzatilgan ikkinchi nashri*

*(Tojik tilida)*

«O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi» Davlat ilmiy nashriyoti,
Cho‘lpon nomidagi nashriyot-matbaa ijodiy uyi
Toshkent – 2013

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | *К.Акбарова* |
| Тарҷумон | *Ш.Салимов* |
| Муҳаррири бадеӣ | *А. Бурҳонов* |
| Дизайнери саҳифабанд | *А. Ёқубҷонов* |

Рақами литсензия AI № 163. 09.11.2009. Ба чопаш 10-июлти соли 2013 дода шуд. Андозаи 60х90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи “Таймс”, кегли 11. бо усули офсет тарҳрезӣ шудааст. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,27. Шартномаи № 57 - 2013. Адади нашр 6897 нусха. Супориши № 13–562.

Макети асл дар Нашриёти давлатии илмии “O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi” тайёр карда шуд. 100129, ш. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чӯлпон. 100129, ш. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.
Телфон: (371) 244-10-45. Факс (371) 244-58-55.

Дар матбааи Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»-и Оҷонсии матбуот ва иттилооти Ўзбекистон чоп шудааст. 100129, ш. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

**Салимов, Турсун Ўсарович**

С25 **Таърихи ҷаҳон**. (аз охири асри V-мелоди то охири асри XV): китоби дарсӣ барои синфи 7-уми мактабҳои таълими умумӣ / Т.Ў.Салимов, Ф. Э.Султонов.—Т: Нашриёти давлатии илмии «Ozbekiston milliy ensiklopediyasi», 2013. – 160 саҳ.
ISBN 978-9943-07-242-8

**УЎК: 94(100)=222.8(075)**
**КБК 63.3(0)**

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсии ба иҷора додашуда**

| Р/т | Ном ва насаби донишомӯз | Соли таҳсил | Ҳолати китоб ҳамгоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супурдан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Ҳангоми қабули китоби ба иҷора дода шуда дар охири сол ҷадвали боло дар асоси меъзонҳои зерини баҳодиҳӣ аз тарафи раҳбари синф пур карда мешавад:**

| | |
|---|---|
| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал ба истифода додан. |
| Хуб | Муқова пурра, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳо мавҷуд, надаридагӣ, накӯчидагӣ, дар саҳифаҳо қайду хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова зарар дидагӣ, каме хат кашидагӣ, канорҳояш фарсудашуда, ҳолати ҷудошавӣ аз қисми асосии китоб ҳаст, аз тарафи донишомӯз қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои кӯчида баргашта таъмир шудааст, ба баъзе саҳифаҳо хат кашидагӣ. |
| Ғайриқаноат-бахш | Рӯйи муқова хат кашидагӣ, даридагӣ, аз қисми асосӣ канда, ё тамоман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудагӣ. Саҳифаҳояш даррондагӣ, варақҳояш намерасанд, хат ва ранг кашида шудааст. Китоби дарсиро барқарор кардан мумкин нест. |